Пешаи омӯзгорӣ муқаддастарин касби рӯйи олам аст. Бедории фикр, покизагии ахлоқ ва ташаккули ақлонии инсон маҳсули ранҷу машаққати омӯзгорон мебошад. Гузаштагони бузурги мо фармудаанд, ки равшанкунандаи хиради башар ва афрӯзандаи машъали илму донишу тавоноӣ омӯзгор, муаллим ва устод аст.

Эмомалӣ РАҲМОН

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

Раҳим САИДЗОДА-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Анвар САФАРЗОДА-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
Ҳомид ҲОШИМЗОДА-муовини якуми вазири маориф ва илм
Равшан КАРИМЗОДА-муовини вазири маориф ва илм
Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА-муовини вазири маориф ва илм
Муҳаммадтоир САИДЗОДА-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Фарҳод РАҲИМӢ-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА-президенти АМИТ
Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Зулҳия НОЗАКЗОДА-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
Баҳром ИСМОИЛЗОДА-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
Зиёдулло АБДУЛЗОДА-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ-сардори раёсати маорифи ВМКБ
Шавкат КАРИМЗОДА-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

САРМУҲАРРИР
НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ

ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
Дилором ЗАБИРОВА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ-номзади илмҳои педагогӣ

Саида НАБИЗОДА-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

Шодӣ РАҶАБЗОД-муҳаррири бахши филологӣ

Мамадҷон МАҲКАМОВ-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО

Маорифи Тоҷикистон

Нишонӣ: 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

Телефон: +992-37-225-82-23

E-mail: majallai-maorif@maorif.tj

Индекс: 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60х84 1/8. Адади нашр 7450 нусха.

СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

№10

№10 (258), 2026

М У Н Д А Р И Ҷ А

РАҲНАМО

Вазифаи ҷонии мо – соҳибони аслии забон аст, ки бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ аз он пуштибонӣ кунем.....3

РАҲНАМО

Устодону омӯзгорон бояд серталабу сахтгир ва масъулиятшинос бошанд.....5

ДАР СИТОИШИ ОМӮЗГОР

Н. ШАНБЕЗОДА. Қадршиносӣ.....6

МАОРИФ ВА РУШДИ МИЛЛӢ

И. ИБРОҲИМЗОДА. Афзалияти рушди илму маориф дар Паёмҳои Пешвои миллат ва суханрониҳо ба муносибати Рӯзи дониш.....7

ДАР ҲОШИЯИ РӮЗИ ДОНИШ ВА ДАРСИ СУЛҲ

С. ИМОМЗОДА. Маориф – сармояи миллат, дониш – қудрати давлат.....12

МАОРИФ ВА ИСТИҚЛОЛ

Т. ПИРОВА. Асосҳои ҳуқуқии рушди низоми маорифи кишвар дар замони соҳибистиқлолӣ.....16

ИҚТИСОД ВА ИННОВАТСИЯ

М. САЛОМИЁН. Шеър ва мондагории забони тоҷикӣ.....21

ДИДГОҲ

Ш. СӮФИЗОДА. Ҷомеа чӣ гуна фикр карданро меомӯзад?.....25

БАХШИДА БА РӮЗИ ОМӮЗГОР

Я. МАҲМАДНАБИЕВ. Охирин дарси муаллим.....34

ТАҚРИЗ

Н. КУЧАРОВА. Тасвири НБО-м Роғун дар асарҳои мустанади Шералӣ Мусо.....40

ҲУҚУҚ ВА ҶОМЕА

Д. ЗАБИРОВА. Муқовимат ба коррупсия аз эҳтироми қонуну масъулияти шаҳрвандӣ оғоз мешавад.....44

ЛУҒАТОМӮЗӢ

М. ҶӮРАЕВА. Рушди нутқи кӯдакони синни томактабӣ.....47

АДАБИЁТШИНОСӢ

Н. НУРАЛИЗОДА. Таҳаввули ғоявии ашъори Сафармуҳаммад Айюбӣ дар солҳои навадуми асри XX.....51

МИНБАРИ МУТАХАССИС

С. АБДУЛЛОЕВ. Баррасии илмии муносибати босалоҳият дар адабиёти илмӣ-методӣ....57

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ

С. САИДАСАНОВА. Истифодаи самараноки модели 5E ва усули Stem дар таълими фанҳои дақиқ.....59

БИОЛОГИЯ

С. ҲАКИМЗОД. Хусусиятҳои биологии хармагасҳо ва роҳҳои муҳофизат аз онҳо.....62

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

Ҳ. ҲОМИДЗОДА. Муаммои «Забон».....64

ВАЗИФАИ ҶОНИИ МО – СОҲИБОНИ АСЛИИ ЗАБОН АСТ, КИ БО ҲИССИ БАЛАНДИ ИФТИХОРИ МИЛЛӢ АЗ ОН ПУШТИБОНӢ КУНЕМ

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ

05.10.2026, шаҳри Душанбе



Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи шумо ва ҳамзабонони бурунмарзиамонро ба ифтихори Рӯзи забони давлатӣ, ки ганҷинаи бебаҳои таъриху тамаддун, яке аз рукнҳои муҳимми давлатдории миллӣ ва бақову пойдории миллату давлат мебошад, самимона табрик мегӯям.

Забони ширину гӯшнавози тоҷикии форсӣ дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи миллати тоҷик ҳамчун унсури асосии муттаҳидсоз ва оинаи фарҳангу тамаддуни бостонии мо хизмат кардааст ва имрӯз низ ин рисолати муқаддасро бо тавонмандии бештар иҷро карда истодааст. Он ҳамчун арзишмандтарин ёдгори аҷдоди ориёии мо дар паҳнои таърихи пур аз шебу фароз, вале пурифтихори худ тавассути андешаву қалами фарзандони фарзонаи миллат ҳама гуна монеаҳоро убур карда, роҳи рушди худро идома бахшидааст.

Забони тоҷикӣ, ки инъикосгару муаррифгари андешаву афкори миллӣ ва арзишу дастовардҳои мо мебошад, гузаштаи пурифтихори моро ба имрӯзи босаодат ва фардои дурахшони миллату давлат пайванди ҷовидонӣ мебахшад. Ҳамчунин, забони модарии мо ҳамчун ганҷинаи бебаҳои ҳувиятсоз руҳи шикастнопазири ниёгону имрӯзиён, нигоштаҳои оламшумули бузургони илму адаб, фарҳангу маънавиёти миллат ва талошҳои созандаву бунёдгаронаи мардуми куҳанбунёди моро дар пайкари хеш таҷассум намудааст.

Дар раванди ҷаҳонишавии арзишҳои фарҳангӣ мо бояд хотираи неки абармардони илму адаби гузаштаамонро, ки дар рушду такомули забони тоҷикии форсӣ ва густаришу пойдории он саҳми бузурги таърихӣ гузоштаанд, пайваста зинда нигоҳ дорем, барои омӯзишу таҳқиқ ва муаррифии шоистаи осори гаронбаҳои онҳо ба аҳли башар кӯшишу талоши бештар намоем.

Боиси ифтихор ва шукргузорист, ки имрӯзҳо садо додани забони нобу шевои тоҷикӣ аз минбарҳои баланди созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ гувоҳи ҳастии миллати тоҷик ва пешрафту ободии давлати соҳибихтиёри тоҷикон мебошад.

Дар 35 соли соҳибистиқлолӣ забони тоҷикӣ бо пуштибониву ғамхориҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат марҳалаи муҳимми рушдро тай намуда, ҳоло ба василаи асосии иттиҳоду

сарҷамъии мардуми мо ва омили муҳимтарини тавсеаву таҳкими худшиносиву худогоҳии ҷомеа табдил ёфтааст. Ман ҳанӯз соли 2002 дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат иброз дошта будам, ки ғамхориву пуштибонӣ аз забони давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди минбаъдаи он ва вусъат бахшидан ба фазои амали ин забони ширину шоирона дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа асоси сиёсати давлатии мо боқӣ мемонад.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030», таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Тоҷикистон, Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти мамлакат, ба истифода додани китобхонаҳо ва шабакаҳои гуногуни телевизиону радио, роҳандозӣ намудани озмунҳои мухталифи ҷумҳуриявӣ, нашри фарҳангҳои тафсирию соҳавӣ, чоп ва ба ҳар як оила дастрас намудани «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ ва «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров, инчунин, дар 50 ҷилд гирдоварӣ кардану таҳти номи «Ахтарони адаб» ба нашри оммавӣ расонидани осори гаронбаҳои гузаштагону муосиронамон аз ҷумлаи иқдомоте мебошанд, ки иқтидори илмиву истеъмолии забонро таҳким мебахшанд ва мақоми онро дар ҷомеа боз ҳам устувор менамоянд.

Ҳамватанони азиз!

Мо дар замоне умр ба сар мебарем, ки илму техника ва технологияҳо, ихтирооту кашфиёт ва зеҳни сунъӣ суръати бесобиқа касб намудаанд. Ҳама гуна дастоварду кашфиёт ва ихтирооти илмиву техникӣ, пеш аз ҳама, тавассути забон ифода гардида, бо калимаву истилоҳоти махсуси соҳавӣ муаррифӣ мегарданд.

Дар шароити шиддат гирифтани таъсиргузориҳои забонӣ мутахассисони соҳаро зарур аст, ки низоми истилоҳсозии забонро аз ҳисоби имкониятҳои маъноиву луғавии он боз ҳам ғанӣ гардонанд ва дар заминаи захираи луғавии аслии тоҷикӣ истилоҳоти дурусту фаҳмо ва мувофиқ ба мазмуну муҳтавои соҳаҳои гуногунро барои истифода пешниҳод намоянд. Истифодаи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ дар шабакаи ҷаҳонии интернет низ аз олимону мутахассисони соҳа талаб мекунад, ки навигариҳои илмиву соҳавиро бо дарназардошти арзишҳои милливу фарҳангии мардуми тоҷик, ба хотираи он ворид намоянд.

Хотирнишон менамоям, ки забони гуфториву навиштории тоҷикӣ имрӯз ҳамчун падидаи муҳимми шуури миллӣ яке аз омилҳои таҳкимбахши худогоҳиву худшиносии насли наврас ва ҷавонон ба шумор меравад. Бинобар ин, мо бояд мақоми иҷтимоӣ, зарурати дар сатҳи аъло донистани забон ва эҳтирому бузургдошти забони модариамонро дар миёни кӯдакон ва наврасону ҷавонон ҳанӯз аз зинаҳои аввали таълиму тарбия ҳарчи бештар тарғиб намоем.

Насли наврас ва ҷавонони мо бояд огоҳ бошанд, ки бе донистани забони адабии тоҷикӣ ва риояи қоидаҳои маъноиву дастурии он омӯхтан ва аз худ намудани забонҳои хориҷӣ бисёр мушкил ва ҳатто номумкин аст. Фарзандони мо бояд дарк намоянд, ки забон на танҳо василаи ибрози андеша, балки падидаи нодири иҷтимоиест, ки дар он таъриху тамаддуни пурифтихор, фарҳангу маънавиёти гаронбаҳои мардумӣ ва эҳсоси баланди худшиносиву ватандӯстӣ нуҳуфтааст.

Вазифаи ҷонии мо – соҳибони аслии забон аст, ки бо ҳисси баланди ифтихори миллӣ аз он пуштибонӣ кунем, истифодаи дурусту меъёрии онро дар ҳама зинаҳои фаъолият таъмин созем ва забони зебову шевои тоҷикии форсиро дар сатҳи ҷаҳонӣ ба таври арзанда муаррифӣ намоем. Итминон дорам, ки ҳар нафаре, ки бо ин забони ширину шоирона сухан мегӯяд ва андеша меронад, дар оянда низ ба хотири ҳифзу гиромидошт, поку беолоиш нигоҳ доштан ва тавсеаи фазои истеъмолии он саъйу талош хоҳад кард.

Бори дигар Рӯзи забони давлатиро ба мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамзабонони бурунмарзиамон табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мамлакат рӯзгори ободу осуда ва ба забони нобу ширини тоҷикии форсӣ умри ҷовидон орзу менамоям.

Рӯзи забони давлатӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

УСТОДОНУ ОМӮЗГОРОН БОЯД СЕРТАЛАБУ САХТГИР ВА МАСЪУЛИЯТШИНОС БОШАНД

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи омӯзгорон

03.10.2026



Устодон ва омӯзгорони гиромӣ!

Муҳтарам кормандони соҳаи маориф!

Ҳамаи шуморо ба муносибати Рӯзи омӯзгорон самимона табрик гуфта, бароятон саломатӣ, рӯзгори босаодат ва дар фаъолияти касбиатон барору комёбӣ орзу менамоям.

Омӯзгорӣ аз ҷумлаи касбҳои пуршараф ва дар айни замон масъулияти бузург мебошад, зеро рушди давлат, пешрафти ҷомеа ва ояндаи миллат аз сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва тарбияи наслҳое вобастагии мустақим дорад, ки бо заҳмати омӯзгорон ба камол мерасанд. Маҳз ба ҳамин хотир, аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ таъмин намудани рушди илму маориф, фароҳам овардани шароити мусоид барои таълиму тарбияи наслҳои наврас ва баланд бардоштани мақому манзалати омӯзгор дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумати Тоҷикистон аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок эълон карда шуд.

Дар тӯли 35 соли соҳибистиқлолӣ бо истифода аз тамоми имконияту захираҳо барои пешрафти соҳаи маориф корҳои зиёде анҷом дода шуда, ҷиҳати беҳтар намудани шароити иҷтимоии кормандони соҳа ва дастгирии омӯзгорон тадбирҳои доимӣ андешида мешаванд.

Мо ин равандро минбаъд низ идома мебахшем. Зеро мо хуб дарк мекунем, ки дар шароити пешрафти босуръату бесобиқаи илму техника ва технологияҳо рисолати омӯзгор боз ҳам муҳимму масъулиятнок мегардад. Онҳо бояд наврасону ҷавононро ба омӯзиши илму донишҳои муосир, забонҳои хориҷӣ, аз худ кардани технологияҳои замонавӣ, фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ ҳидоят карда, дар баробари ин, онҳоро дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ҳифзу гиромидошти таъриху фарҳанги ниёгон ва заҳматдӯстиву масъулиятшиносӣ тарбия намоянд.

Барои иҷрои ин рисолати муҳимму ояндасоз устодону омӯзгорон бояд серталабу сахтгир ва масъулиятшинос бошанд ва хусусан, ба масъалаи баланд бардоштани сифати таълим ва корҳои тарбиявӣ муносибати ҷиддӣ намоянд.


Устодону омӯзгорони мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки ояндаи давлату миллат аз мактабу маориф оғоз меёбад ва пояи фардои ободу пешрафтаи Тоҷикистонро омӯзгорони имрӯза бо донишу маърифат ва заҳмати содиқонаи худ мегузоранд.

Мо ба неруи созандаи аҳли маориф, таҷрибаи устодони рӯзгордидаву корозмуда ва талошу ташаббусҳои омӯзгорони ҷавон дар ҷодаи таълиму тарбияи наслҳои ояндасози Ватан ва миллат эътимоди қавӣ дорем.

Бо изҳори итминон ба ояндаи неки кишвари маҳбубамон, бори дигар ҳамаи устодону омӯзгорон, собиқадорон ва кулли кормандони соҳаи маорифро ба ифтихори Рӯзи омӯзгорон самимона табрик мегӯям. Ба ҳар яки шумо саломатӣ, саодати рӯзгор ва дар иҷрои рисолати пуршарафи омӯзгорӣ барору муваффақият орзу менамоям.

Ҷашни касбиатон муборак бошад, устодону омӯзгорони азиз!

ҚАДРШИНОС



Нодир ШАНБЕЗОДА

Коре набувад хубтар аз кори муаллим,
З-он рӯ, ҳама шоданд ба дидори муаллим.


Дар зиндагӣ ҳастанд яқин донишу заҳмат
Аз офату осеб нигаҳдори муаллим.

Бошанд китобу қаламу дафтару таълим
Ёрони қадимии пурасрори муаллим.



Онро, ки хирад роҳбару толиби илм аст,
Ҳаргиз накунад майл ба озори муаллим.

Як умр ба торикиву дар ҷаҳл бимонад
Ҳар к-ӯ накунад гӯш ба гуфтори муаллим.



Ҳар илм, ки бар хидмати навъи башар омад,
Пайдо шуда аз кӯшишу гуфтори муаллим.

Бояд, ки намоем ҳама қадршиносӣ
Аз меҳнати пурқимати бисёри муаллим.

Ҳурмат ба муаллим бикунад аз падараш беш,
Шогирди хирадманди вафодори муаллим.

АФЗАЛИЯТИ РУШДИ ИЛМУ МАОРИФ ДАР ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА СУХАНРОНИҲО БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ДОНИШ



Илҳомуддин ИБРОҲИМЗОДА – академики АБН ФР, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар замони муосир илму маориф ба яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳо табдил ёфтааст. Тағйирёбии босуръати технологияҳо, рақамикунонии иқтисод, рушди зеҳни сунъӣ, дигаргуншавии бозори меҳнат ва шиддат гирифтани рақобати байналмилалӣ тақозо менамояд, ки низоми миллии маориф на танҳо ба интиқоли дониш, балки ба ташаккули сармояи инсонӣ, қобилияти эҷодӣ, тафаккури таҳлилӣ ва малакаҳои касбии насли нав равона карда шавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф дар маркази сиёсати иҷтимоии давлат қарор дошта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди илму маориф аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд. Ин таваҷҷуҳро дар Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, мулоқот бо аҳли илму маориф ва суханрониҳои ҳамасола ба муносибати Рӯзи дониш ба таври возеҳ мушоҳида кардан мумкин аст.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025 низ идомаи мантиқии сиёсати мазкур буда, дар он дар баробари дигар самтҳои рушди мамлакат масъалаҳои маориф, илм, омодасозии кадрҳои баландихтисос, рушди сармояи инсонӣ ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия мавқеи муҳим доранд.

Ҳамзамон, суханронии Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ аз 30 августи соли 2025 ва суханронии 31 августи соли 2026 нишон медиҳанд, ки дар марҳалаи нави рушди кишвар таваҷҷуҳ тадриҷан аз рушди миқдории инфрасохтори таълимӣ ба масъалаҳои сифати таҳсил, илм, технологияҳои нав, тарбияи насли донишманду соҳибкасб ва рақобатпазирии сармояи инсонӣ равона шуда истодааст.



Нишондиҳандаҳои оморӣ далели возеҳи тағйироти миқдорӣ ва сифатии соҳаи маориф мебошанд. Тибқи маълумоти расмии «Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 ба нашр расонидааст, маълумоти солҳои 1991-1992 ва 2020-2025 дар ҳамаи зинаҳои низоми маориф тағйироти назаррас ба амал омадааст.

Дар соли таҳсили 2025-2026 шумораи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба 831 адад расидааст. Ҳамзамон, шумораи кӯдакони ба таълиму тарбия фарогирифташуда аз 97,2 ҳазор нафар дар соли 2020 ба 134,3 ҳазор нафар дар соли 2025 афзоиш ёфтааст. Дар муқоиса бо соли

2020 шумораи муассисаҳои томактабӣ 159 адад ё 22 фоиз, шумораи кӯдакон тақрибан 47,1 ҳазор нафар ё 38,2 фоиз зиёд шудааст.

Нишондиҳандаи фарогирии кӯдакони 1-6-сола ба муассисаҳои томактабӣ аз 26,3 фоиз дар соли 2020 ба 30,8 фоиз дар соли 2025 расидааст. Ин раванд аз густариши тадриҷии имконоти таълиму тарбияи томактабӣ шаҳодат медиҳад ва ҳамзамон, баёнгари он аст, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ масъалаи фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ҳанӯз ҳам аз вазифаҳои муҳим боқӣ мемонад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар (28 декабри соли 2024) бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ва зиёд гардидани шумораи кӯдакону наврасон ба Ҳукумати мамлакат, ба Вазорати маориф ва илм ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шуд, ки дар панҷ соли минбаъда барои бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумӣ чораҳои мушаххас андешанд. Ин ҳадаф аҳаммияти стратегии рушди инфрасохтори соҳаи маорифро боз ҳам равшантар месозад.

Дар самти таҳсилоти умумӣ низ нишондиҳандаҳои рушди назаррас ба назар мерасанд. Агар дар соли таҳсили 1991-1992 дар Тоҷикистон 3229 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият дошта бошад, дар соли таҳсили 2025-2026 шумораи онҳо ба 4056 адад, аз ҷумла, 4037 муассисаи рӯзона расидааст.

Дар ҳамин давра шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона аз 1 миллиону 325,4 ҳазор нафар ба 2 миллиону 462,1 ҳазор нафар расидааст. Яъне, дар давраи истиқлол шумораи хонандагон беш аз 1 миллион нафар зиёд шудааст. Танҳо дар муқоиса бо соли таҳсили 2020-2021 шумораи хонандагон аз 2 миллиону 108,9 ҳазор нафар ба 2 миллиону 462,1 ҳазор нафар, ё 353,2 ҳазор нафар зиёд гардидааст.

Шумораи духтарони муассисаҳои таҳсилоти умумии рӯзона низ аз 641,8 ҳазор нафар дар соли 1991-1992 ба 1 миллиону 195,1 ҳазор нафар дар соли 2025-2026 расидааст. Ин нишондиҳанда афзоиши дастрасии духтаронро ба таҳсил ва аҳаммияти сиёсати давлатӣ дар самти таъмини имконоти баробар барои таҳсилро нишон медиҳад.

Дар соли 2025 раванди рушди инфрасохтори таълимӣ идома ёфт. Тибқи маълумоти расмӣ, дар мамлакат 214 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ барои 99 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуданд. Ин нишондиҳандаҳо аҳаммияти махсус доранд, зеро афзоиши шумораи хонандагон тақозо мекунад, ки иқтидори таълимӣ мутаносибан васеъ карда шавад. Дар ин замина, сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ бояд бо муҷаҳҳазсозии онҳо, яъне, лабораторияҳо, синфхонаҳои компютерӣ, китобхонаҳои электронӣ, таҷҳизоти озмоишӣ ва технологияҳои муосири таълимӣ сурат гирад.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии таваҷҷуҳи давлат ба соҳаи маориф ҳаҷми маблағгузории он мебошад. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф аз 4311,4 млн сомонӣ дар соли 2020 ба 10909,5 млн сомонӣ дар соли 2025 расидааст. Яъне, дар давоми чор сол ҳаҷми маблағгузории давлатӣ ба соҳаи маориф 6598,1 млн сомонӣ, ё тақрибан 153 фоиз афзоиш ёфтааст.

Ҳиссаи хароҷоти маориф нисбат ба ММД аз 5,2 фоиз дар соли 2020 ба 6,6 фоиз дар соли 2025 расидааст. Ҳиссаи хароҷоти маориф дар маҷмуи хароҷоти буҷети давлатӣ низ аз 17,4 фоиз ба 21,1 фоиз зиёд шудааст. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки маориф дар сиёсати молиявии давлат мавқеи стратегӣ дорад. Маблағгузорӣ ба маориф дар асл сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ва заминаи рушди дарозмуддати иқтисоди миллӣ мебошад.

Дар ҳамин замина, дар суханронии Рӯзи дониш ва Дарси сулҳи 31 августи соли 2026 Пешвои миллат таъкид намуданд, ки дар давраи соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф беш аз 70 миллиард сомонӣ, аз ҳисоби лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ 10 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ шудааст.

Сифати таҳсилот бевосита ба сатҳи касбӣ, мақоми иҷтимоӣ ва ҳавасмандии омӯзгорон вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дастгирии омӯзгор бояд ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳа арзёбӣ шавад.

Дар Паёми Сарвари давлат (соли 2025) масъалаи беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони маориф ва илм низ мавқеи муҳим дошт. Ин сиёсат нишон медиҳад, ки рушди маориф танҳо сохтмони муассисаҳои таълимӣ нест, балки пеш аз ҳама, ташаккули муҳити

мусоид барои фаъолияти омӯзгор ва олим мебошад. Дар марҳалаи нави рушди соҳа такмили ихтисоси омӯзгорон бояд мунтазам ва ба талаботи технологияҳои нав мутобиқ бошад. Омӯзгори муосир бояд на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки роҳнамои омӯзиш, таҳқиқот, эҷодкорӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ бошад.

Дар шароити рушди босуръати иқтисод ва тағйирёбии сохтори бозори меҳнат масъалаи тайёр кардани кадрҳои соҳибкасбу соҳибҳунар аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Тибқи маълумоти расмӣ, шумораи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 62 адад дар соли 2020-2021 ба 65 адад дар соли 2024-2025 расидааст. Шумораи хонандагони ин муассисаҳо аз 22,5 ҳазор ба 23,5 ҳазор нафар афзоиш ёфта, қабули хонандагон аз 15 ҳазор ба 17,5 ҳазор нафар расидааст. Дар таҳсилоти миёнаи касбӣ шумораи муассисаҳо аз 78 адад дар соли 2020-2021 ба 85 адад дар соли 2024-2025 расидааст. Шумораи донишҷӯён дар ҳамин давра аз 97,7 ҳазор ба 93,9 ҳазор нафар баробар шудааст. Дар соли 2024-2025 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбиро 23 ҳазор мутахассис хатм кардааст. Ин нишондиҳандаҳо зарурати такмили сохтори таҳсилоти касбиро мутобиқи талаботи бозори меҳнат нишон медиҳанд. Дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ ихтисосҳои марбут ба технологияҳои иттилоотӣ, барномасозӣ, энергетикаи сабз, робототехника, зеҳни сунъӣ, технологияҳои саноатӣ, сайёҳӣ, логистика ва дигар соҳаҳои нав бояд бештар рушд дода шаванд.

Таҳсилоти олӣ яке аз заминаҳои асосии ташаккули кадрҳои баландихтисос ва иқтидори илмии мамлакат мебошад. Агар соли 1991-1992 дар Тоҷикистон 13 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо 69,3 ҳазор донишҷӯ фаъолият дошта бошад, дар соли таҳсили 2025-2026 шумораи муассисаҳо ба 51 адад ва шумораи донишҷӯён ба 226,2 ҳазор нафар расидааст. Яъне, шумораи муассисаҳои таҳсилоти олӣ нисбат ба давраи аввали истиқлол 38 адад, ё тақрибан 3,9 баробар, зиёд гардида, шумораи донишҷӯён беш аз 156,1 ҳазор нафар, ё тақрибан 3,3 баробар, афзоиш ёфтааст.

Дар соли таҳсили 2025-2026 ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 70,8 ҳазор донишҷӯ қабул шуда, 48,1 ҳазор нафар муассисаро хатм кардааст. Аз шумораи умумии донишҷӯён 94,3 ҳазор нафар духтарон мебошанд.

Ин рақамҳо аз густариши имконоти таҳсилоти олӣ шаҳодат медиҳанд. Аммо дар марҳалаи имрӯза танҳо зиёд намудани шумораи донишгоҳҳо ва донишҷӯён кофӣ нест. Масъалаи калидӣ бояд баланд бардоштани сифати таҳсил, рақобатпазирии хатмкунандагон ва мувофиқ намудани ихтисосҳо ба талаботи иқтисоди миллӣ ва бозори меҳнати ҷаҳонӣ бошад.

Яке аз самтҳои муҳимтарини Паёмҳои солҳои охир гузариш ба иқтисоди донишбунёд ва истифодаи самараноки иқтидори илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, дар шароити муосир кишварҳое ба рушди устувор ноил мешаванд, ки дар онҳо дониш, технология, инноватсия ва сармояи инсонӣ ба муҳаррики асосии иқтисод табдил ёфтаанд.

Аз ин нуқтаи назар, суханони Пешвои миллат дар бораи нақши мактаб, маориф, илму дониш ҳамчун заминаи пешрафти давлат аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Вазифаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ набояд танҳо тайёр намудани мутахассис, балки тавлиди дониш, технология, патент, ихтироъ ва маҳсулоти нави рақобатпазир бошад.

Барои Тоҷикистон рушди соҳаҳои илмии дорои иқтидори баланди иқтисодӣ, аз ҷумла, технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, энергетика, обу иқлим, кишоварзии рақамӣ, тиб, биотехнология, саноати коркард, сайёҳӣ ва иқтисоди сабз аҳаммияти стратегӣ дорад.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми марҳалаи нави рушди ҷомеа, воридшавии босуръати технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёт мебошад. Дар ин замина маориф бояд на танҳо истифодакунандаи технология, балки муҳити асосии омодасозии кадрҳо барои иқтисоди рақамӣ бошад.

Соли 2026 аҳаммияти ин самт боз ҳам бештар гардид. Аз ҷумла, 31 августи соли 2026 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қатънома қабул намуд, ки аз соли 2027 31 август ҳамчун Рӯзи байналмилалии зеҳни сунъии бехатар, ҳифзшуда ва боэътимод таҷлил карда шавад. Ин ташаббус мавқеи фаъолонаи Тоҷикистонро дар масъалаҳои рушди технологияҳои нав ва истифодаи масъулонаи зеҳни сунъӣ инъикос менамояд. Аз ин рӯ, барои низоми маорифи кишвар вазифаи нав ба миён меояд: омода намудани насли

дорои саводи рақамӣ, қобилияти истифодаи зеҳни сунъӣ, тафаккури алгоритмӣ ва малакаи арзёбии интиқодии иттилоот.

Рӯзи дониш дар Тоҷикистон ба яке аз анъанаҳои муҳимми умумимиллӣ табдил ёфта, ҳамасола дар ин рӯз натиҷаҳои соҳаи маориф баррасӣ ва вазифаҳои нав муайян карда мешаванд.

Суханронии Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳи 30 августи соли 2025 аз он шаҳодат медиҳад, ки дониш ҳамчун омили асосии рушди устувор ва пешрафти иқтисодиву иҷтимоии давлат арзёбӣ мешавад. Дар ин суханронӣ масъалаи сифати таҳсил, нақши маориф дар таъмини рушди давлат ва зарурати омодасозии кадрҳои баландихтисос таъкид гардид.

Рӯзи дониш дар соли 2025 барои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон низ рӯйдоди муҳим гардид. Дар ин рӯз Маркази рушди малакаҳо, касбомӯзӣ ва хидматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин, хобгоҳ ва ошхонаи донишҷӯён мавриди истифода қарор гирифтанд. Ин иқдом намунаи пайвастани таълим, касбомӯзӣ ва талаботи соҳаи воқеии иқтисодиёт мебошад. Дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ (31 августи соли 2026) бошад, Пешвои миллат дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105-и шаҳри Душанбе бо аҳли маориф мулоқот намуданд. Муассисаи мазкур барои таҳсили 2400 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Дар суханронии соли 2026 таъкид гардид, ки ҷавонони донишманду соҳибмаърифат, соҳибкасбу соҳибҳунар ва ватандӯст бояд ба неруи пешбарандаи иқтисоди миллӣ ва пояи устувори ҷомеаи пешрафта табдил ёбанд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми марҳалаи нави рушди маориф, пайвастани таълим бо бозори меҳнат мебошад. Дар ин самт рушди таҳсилоти дуалӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад. Донишҷӯ на танҳо донишҳои назариявӣ гирад, балки бояд қисми муайяни таҳсилро дар муҳити воқеии корӣ гузаронад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо корхонаву ташкилотҳо, ширкатҳои хусусӣ ва муассисаҳои давлатӣ барномаҳои муштараки таълимӣ таҳия намоянд. Чунин ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки ихтисосҳои омодашаванда ба талаботи воқеии иқтисодиёт мувофиқ гарданд ва хатмкунанда дорои таҷрибаи амалӣ бошад. Махсусан, барои соҳаҳои саноат, энергетика, технологияҳои иттилоотӣ, сайёҳӣ, молия, хидматрасонӣ, кишоварзӣ ва логистика ин равиш аҳаммияти калон дорад.

Дар марҳалаи имрӯза зарурати гузариш аз модели «илм барои илм» ба модели «илм барои рушди иқтисод ва ҷомеа» бештар эҳсос мегардад. Барои ин зарур аст, ки дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ марказҳои тиҷоратикунонии натиҷаҳои илмӣ, лабораторияҳои инноватсионӣ, марказҳои стартап ва технопаркҳо фаъол гарданд. Ҳамчунин, бояд механизми равшани дастгирии идеяҳои нав, ҳимояи моликияти зеҳнӣ, гирифтани патент ва ба бозор баровардани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ташаккул дода шавад.

Дар сиёсати муосири маориф ташаккули тафаккури эҷодӣ бояд мавқеи марказӣ дошта бошад. Боиси зикр аст, ки дар Тоҷикистон бо ташаббуси Пешвои миллат озмунҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, «Фурӯғи субҳи доной китоб аст», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ва «Илм – фурӯғи маърифат» баргузор мегарданд. Қабули Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баргузор намудани озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» барои соли 2025 низ далели таваҷҷуҳи махсус ба рушди шавқу рағбати хонандагон ва ҷавонон ба илм мебошад. Бо вуҷуди ин, дар марҳалаи нави рушди илм зарур аст, чунин ташаббусҳо бо озмунҳои махсуси ихтироъкорӣ, барномасозӣ, робототехника, зеҳни сунъӣ, стартапҳо ва технологияҳои нав пурра гарданд.

Масалан, таъсиси грантҳои ҷумҳуриявӣ барои беҳтарин идеяҳои илмӣ-инноватсионии хонандагон ва донишҷӯён метавонад барои ташаккули муҳити эҷодӣ заминаи мусоид фароҳам оварад.

Яке аз сарватҳои муҳимтарини Тоҷикистон захираи бузурги неруи ҷавонон мебошад. Аз ин рӯ, сиёсати маориф бояд ба рушди ҳамаҷонибаи қобилияти зеҳнӣ ва касбии ҷавонон равона карда шавад. Дар ин замина таҳсилоти хориҷӣ низ аҳаммияти муҳим дорад. Ҷавонони тоҷик, ки дар донишгоҳҳои кишварҳои пешрафта таҳсил мекунанд, метавонанд ҳамчун пули пайвандкунандаи низоми илмии Тоҷикистон бо марказҳои байналмилалии илм ва технология хидмат намоянд. Барои ин зарур аст, ки механизмҳои ҷалби хатмкунандагони донишгоҳҳои

хориҷӣ ба таҳқиқоти миллӣ, фаъолияти донишгоҳҳо, лоиҳаҳои инноватсионӣ ва рушди соҳибкории технологӣ таҳким дода шаванд.

Бо дарназардошти таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ, дастуру супоришҳои Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳтавои суханрониҳои Рӯзи дониш, барои рушди минбаъдаи илму маориф пешниҳодҳои зерин мантиқӣ мебошанд:

- таҳкими пайванди «мактаб – муассисаи таҳсилоти касбӣ – донишгоҳ – илм – истеҳсолот»;
- васеъ намудани таҳсилоти дуалӣ ва таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён;
- таҳияи барномаҳои таълимӣ мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат;
- рушди марказҳои стартап ва технопаркҳо дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ;
- таъсиси грантҳои ҷумҳуриявӣ барои идеяҳои инноватсионии хонандагон, донишҷӯён ва олимони ҷавон;
- ташкили озмунҳои ҷумҳуриявӣ оид ба ихтироъкорӣ, робототехника, барномасозӣ, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ;
- рушди лабораторияҳои муосири илмӣ ва марказҳои таҳқиқоти байнисоҳавӣ;
- тақвияти тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ;
- баланд бардоштани сатҳи ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва патенткунонии ихтироъҳои олимони тоҷик;
- ҷорӣ намудани омӯзиши зеҳни сунъӣ ва саводи рақамӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот;
- такмили доимии ихтисоси омӯзгорон ва олимон;
- васеъ намудани табодули донишҷӯёну омӯзгорон бо муассисаҳои пешрафтаи хориҷӣ;
- таҳкими робитаи донишгоҳҳо бо корхонаҳо ва бахши хусусӣ;
- дастгирии олимони ҷавон ва таҳқиқоти илмии татбиқшаванда;
- ташаккули механизмҳои ҷалби ҷавонони таҳсилкардаи хориҷӣ ба рушди илм ва иқтисоди миллӣ;
- рушди самтҳои илмии марбут ба зеҳни сунъӣ, иқтисоди рақамӣ, энергетикаи сабз, технологияҳои обу иқлим, кишоварзии муосир ва технологияҳои саноатӣ.

Таҳлили раванди рушди соҳаи маориф дар даврони соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташаккули инфрасохтори таълимӣ, зиёд намудани шумораи муассисаҳо, фарогирии аҳолӣ ба таҳсил, рушди таҳсилоти касбӣ ва олӣ, инчунин, афзоиши маблағгузории давлатӣ корҳои назаррас анҷом дода шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маориф дар сиёсати давлатӣ воқеан, мақоми афзалиятнок дорад.

Дар баробари ин, марҳалаи нави рушди мамлакат вазифаҳои сифатан навро ба миён мегузорад. Имрӯз танҳо зиёд намудани шумораи муассисаҳо ва донишҷӯён кофӣ нест. Зарур аст, ки сифати таҳсил, рақамикунонӣ, рушди илм, зеҳни сунъӣ, инноватсия, таҳсилоти дуалӣ, робитаи илм бо истеҳсолот ва омодасозии кадрҳои рақобатпазир дар маркази сиёсати рушди маориф қарор гиранд.

Суханрониҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш (солҳои 2025 ва 2026) ин самти нави сиёсати соҳа – пайвастани дониш, касб, илм, технология ва рушди миллиро боз ҳам равшантар нишон медиҳанд. Махсусан, ташаббуси Тоҷикистон дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани Рӯзи байналмилалии зеҳни сунъии бехатар, ҳифзшуда ва боэътимод дар соли 2026 нишон медиҳад, ки масъалаҳои технологияҳои нав ва зеҳни сунъӣ тадриҷан ба бахши муҳимми рӯзномаи байналмилалӣ ва миллӣ табдил ёфта истодаанд.

Аз ин рӯ, дар марҳалаи кунунӣ маориф бояд аз низоми асосан, интиқолдиҳандаи дониш ба муҳити тавлидкунандаи дониш, идея, технология ва навоварӣ табдил ёбад. Донишгоҳ бояд на танҳо муассисаи таълимӣ, балки маркази илм, инноватсия ва рушди соҳибкорӣ бошад; омӯзгор бояд на танҳо омӯзонанда, балки роҳнамои эҷодкорӣ ва таҳқиқот гардад; донишҷӯ бошад, на танҳо гирандаи дониш, балки офарандаи идеяҳои нав бошад.

Дар ниҳоят, сармоягузорӣ ба илму маориф сармоягузорӣ ба ояндаи давлат мебошад. Ҳар қадар сатҳи дониш, маърифат, касбият ва қобилияти эҷодии шаҳрвандон баланд гардад, ҳамон қадар имконоти рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат васеъ мешаванд.

Аз ин рӯ, татбиқи пайгиронаи дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат дар самти илму маориф, рушди сармояи инсонӣ ва истифодаи имконоти технологияҳои нав метавонад яке аз омилҳои асосии таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои минбаъда гардад.

МАОРИФ – САРМОЯИ МИЛЛАТ, ДОНИШ – ҚУДРАТИ ДАВЛАТ



Сафармо ИМОМЗОДА – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе

Соли нави таҳсил ҳамасола чун анъана бо занги нахустин оғоз меёбад, аммо дар паси ин занг масъулияти бузурге меистад: тарбияи инсон, омодасозии мутахассис ва бунёди фардои миллат. Аз ин рӯ, Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ набояд ҳамчун санаи тақвимӣ дар ҳаёти ҷомеа мо пазируфта шавад, балки ин рӯзест, ки аҳаммияти дониш, мақоми омӯзгор, нақши мактаб ва масъулияти оилаву ҷомеаро дар назди насли наврас бори дигар таъкид менамояд.

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ, ки 31 августи соли 2026 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №105-и шаҳри Душанбе баргузор гардид, аз ҳамин дидгоҳ аҳаммияти хос дорад, зеро натиҷаҳои рушди соҳаи маориф мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд ва вазифаҳои марҳалаи нави рушди низоми таълиму тарбия низ муайян гардидаанд.

Пеш аз ҳама, ҳаминро бояд дарк кард, ки суханронии Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ҳамбастагии ду мафҳумро қавӣ мегардонад: дониш дар фазои сулҳу субот рушд мекунад ва сулҳу суботи пойдор ба ҷомеаи босаводу огоҳ, соҳибмаърифат ва масъулиятшинос такя менамояд.

Воқеан, байни маориф ва сулҳ робитаи амиқу ногусастанӣ вуҷуд дорад. Мактаб дар муҳити орому осоишта метавонад рисолати аслии худ, яъне, таълиму тарбияи насли наврас ва омода намудани инсонро барои зиндагии шоиста ба таври комил иҷро намояд. Аз ҷониби дигар, ҷомеаи донишманду соҳибмаърифат беҳтар дарк мекунад, ки сулҳ чӣ арзиши бузург ва барои ҳифзу таҳкими он чӣ масъулияте бар дӯш дорад. Бинобар ин, Пешвои миллат бо таъкид ба аҳаммияти сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ иброз медоранд: **«Сулҳу ваҳдат омили муҳимтарини пояндагии давлату миллат»** мебошад. Ин таъкид дар шароити имрӯза аҳаммияти хос дорад, зеро суботи сиёсӣ ва оромии ҷомеа на танҳо шарти рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, балки заминаи асосии пешрафти илму маориф низ мебошад. Аз ин рӯ, тарбияи насли наврас дар руҳияи сулҳдӯстӣ, таҳаммулгарой, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ бояд аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бошад. Мактаб ба хонанда на танҳо хондану навиштан ва донишҳои фаннӣ, балки фарҳанги муколама, эҳтироми андешаи дигарон, таҳаммулпазирӣ ва масъулият дар назди ҷомеаро низ омӯзонад.



Дар меҳвари асосии суханронии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боз ҳам андешаи муҳимму воқеӣ он аст, ки ояндаи Тоҷикистонро, пеш аз ҳама, инсонҳои донишманд, соҳибкасб, соҳибмаърифат, ватандӯст ва дорои тафаккури созанда муайян мекунанд.

Дар шароити ҷаҳони босуръат тағйирёбандаи муосир танҳо доштани захираҳои табиӣ барои таъмини пешрафти давлатҳо кофӣ нест. Қудрати воқеии кишварҳо аз сатҳи рушди инсон, дониш, малака ва қобилияти эҷодии шаҳрвандон бештар вобастагӣ дорад. Пешвои миллат ин воқеиятро ба таври возеҳ таҳлилу баррасӣ ва таъкид менамоянд, ки **«соҳиби илму дониш будан, махсусан, дар замони мо, ки марҳалаи рушду такомули бесобиқаи техникаву технологияҳо ва густариши зеҳни сунъӣ маҳсуб меёбад, аҳаммияти зиёд пайдо кардааст. Дар чунин шароит на танҳо захираҳои табиӣ, балки инсонҳои донишманд, ҷавонони соҳибмаърифат ва кадрҳои баландихтисос сарвати асосии давлатҳо ба ҳисоб мераванд. Бинобар ин, хеле муҳим аст, ки насли наврасу ҷавони мо ба омӯзиши илму дониш таваҷҷуҳи ҳамешагӣ дошта бошад, мунтазам омӯзад ва дар ин замина, ба эҷодкориву навоварӣ машғул шавад».**

Ин таъкиди Пешвои миллат ба як воқеияти муҳимми замони мо ишора мекунад: ҷаҳони имрӯз бо суръате дигаргун мешавад, ки донишҳои имрӯзаро пагоҳ метавонад куҳна гардонад. Касбе, ки имрӯз ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯст, шояд баъди чанд сол дигаргун шавад ва дар баробари ин, касбҳои нав ба вуҷуд оянд. Пас, вазифаи мактаб танҳо додани маҷмуи муайяни донишҳо набуда, балки мактаб бояд дар кӯдак қобилияти омӯзиши пайваста, андешаи мустақилона, ҷустуҷӯ, таҳлил ва эҷодкориро ташаккул диҳад.

Дар суханронии Пешвои миллат яке аз масъалаҳои муҳим, ки моҳияти сиёсати давлатро дар соҳаи маориф ба таври равшану возеҳ ифода мекунад, чунин аст: **«Ҳукумати Тоҷикистон соҳаи илму маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ муайян намудааст. Зеро мо хуб дарк мекунем, ки сармоягузорӣ ба таълиму тарбияи кӯдакону наврасон – сармоягузорӣ ба ояндаи миллат ва давлат аст».** Ба назари инҷониб, ин андешаи Роҳбари давлат муносибати стратегиро ба соҳаи маориф ифода мекунад, зеро ҳар маблағе, ки имрӯз барои сохтмони мактаб, рушди китобхона, озмоишгоҳ, омодасозии омӯзгор, таҳияи китоби дарсӣ ё ҷорӣ намудани технологияҳои муосир сарф мешавад, дар асл барои рушди инсон сарф мешавад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ барои рушди соҳаи маориф маблағҳои назаррас равона гардидаанд. Тибқи маълумоти дар суханронӣ овардашуда, дар кишвар 4135 бинои муассисаи таълимӣ бо 1 миллиону 800 ҳазор ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудааст. Ин рақамҳо аз як раванди бузурги бунёдкорӣ шаҳодат медиҳанд, аммо имрӯз масъала танҳо сохтани мактаб нест, муҳим он аст, ки мактабҳои наву замонавӣ бо кадом мазмун фаъолият менамоянд. Мактаби муосир бояд макони дониш, маърифат ва ташаккули андеша бошад; бояд кӯдакро барои зиндагӣ дар ҷаҳоне омода созад, ки рақобат дар он рӯз ба рӯз меафзояд.

Агар марҳалаи муайяни рушди маориф ба бунёди инфрасохтор ва фароҳам овардани шароити таҳсил равона шуда бошад, имрӯз дар назди низоми маориф вазифаи хеле муҳим – баланд бардоштани сифати таълиму тарбия меистад. Бинобар ин, Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки **«мо бояд ҳамқадами замон бошем, омӯзишу истифодаи технологияҳои муосирро дар сатҳи баланд ба роҳ монем ва ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки танҳо дар заминаи маорифи фаъолу фарогир ва пешрав метавонем дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи шоиста пайдо намоем».**

Ин андешаҳо бояд ҳамчун меъёри арзёбии фаъолият дар тамоми зинаҳои таҳсилот пазируфта шаванд, яъне, сифати таҳсил танҳо бо баҳои хонанда муайян нагардад. Саволи асосӣ ин аст, ки хонанда баъди хатми мактаб чӣ медонад, чӣ кор карда метавонад ва то кадом андоза қобилияти мустақилона фикр карданро дорад. Аз ин нуқтаи назар, таъкид ба такмили маҳорати касбии омӯзгорон, истифодаи усулҳои пешқадами таълим, таҳияи китобҳои дарсии насли нав ва муҷаҳҳаз намудани синфхонаву озмоишгоҳҳо ниҳоят муҳим мебошад.

Ҳар қадар техника пеш равад, ҳар қадар зеҳни сунъӣ рушд ёбад, нақши омӯзгор аз байн намеравад, баръакс, дар муҳити пур аз иттилоот мақоми омӯзгор ҳамчун роҳнамо боз ҳам муҳимтар мегардад. Аз ин рӯ, омӯзгор дар баробари он ки бояд фанни худро хуб донад, тавонад хонандаро ба донишандӯзӣ ҳавасманд созад, дар ӯ қобилияти таҳлил ва муносибати интиқодӣ ба иттилоотро ташаккул диҳад. Дар суханронии Пешвои миллат ба ҳамин масъулияти бузург ишора шуда, таъкид мегардад, ки **«дар кори ниҳоят муҳимму ояндасози таълиму тарбия албатта, боз ҳам омӯзгорон масъулияти бештар доранд».** Ин масъулиятро метавон дар се самт баррасӣ кард: омӯзгор бояд дониш диҳад, шахсиятро тарбия кунад ва ба ҳаёти воқеӣ омода созад.

Ҳар табиб, муҳандис, омӯзгор, иқтисодчӣ, ҳуқуқшинос, барномасоз ва дигар мутахассисе, ки имрӯз дар ҷомеа фаъолият мекунад, замоне шогирди омӯзгор буд. Аз ин рӯ натиҷа ва сифати кори омӯзгор дар асл ба сифати тамоми ҷомеа таъсир мерасонад.

Яке аз масъалаи муҳим дар суханронии Пешвои миллат таваҷҷуҳи махсус ба зеҳни сунъӣ ва технологияҳои муосир мебошад. Имрӯз кӯдак метавонад дар чанд сония ба миқдори бузурги иттилоот дастрасӣ пайдо кунад, аммо дастрасӣ ба иттилоот ҳанӯз маънои соҳибмаърифат буданро надорад. Масъалаи асосӣ он аст, ки аз иттилоот чӣ гуна истифода бояд бурд. Бинобар ин, дар суханронӣ ба таври возеҳ таъкид мешавад, ки **«зарар ё фоидаи технологияҳои нав аз он вобаста аст, ки мо онҳоро чӣ гуна истифода мебарем»**.

Ин андеша дар замони густариши босуръати зеҳни сунъӣ аҳаммияти махсус дорад. Зеҳни сунъӣ метавонад барои омӯзиш, таҳқиқ, эҷод ва ҳалли масъалаҳои мураккаб имконоти бузург фароҳам созад. Аммо агар кӯдак ба ҷойи андешидан ҳамеша ҷавоби омодаро ҷустуҷӯ кунад, технология метавонад баръакс, қобилияти мустақилона фикр кардани ӯро заиф созад. Аз ин рӯ, вазифаи маориф набояд дар муқобили технология, балки омӯзонидани фарҳанги дурусти истифодаи технология бошад.

Масъалаи истифодаи телефонҳои ҳушманд ва шабакаҳои иҷтимоӣ низ аз ҳамин дидгоҳ аҳаммият дорад. Дар суханронӣ нигаронӣ аз истифодаи беназорат ва зиёди телефонҳои ҳушманд баён ва таъкид мешавад, ки ин раванд метавонад ба таҳсил ва рушди кӯдакону наврасон таъсири манфӣ расонад. Роҳи ҳалли масъала танҳо маҳдуд кардани дастрасӣ ба телефон нест, муҳимтар аз ҳама, ташаккули фарҳанги иттилоотӣ мебошад. Ҷавони имрӯз бояд донад, ки интернет танҳо барои тамошои навор ва гузаронидани вақти холӣ нест. Он метавонад донишгоҳ, китобхона, озмоишгоҳ ва майдони бузурги омӯзиш бошад. Дар ин мавриди Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки ҷавонон бояд интернетро барои **«илму донишандӯзӣ»** истифода кунанд, вақти худро ба мутолиаи китоб равона созанд ва дар таъмини амнияти иттилоотиву мафкуравии ҷомеа саҳм гузоранд. Ин вазифа танҳо ба мактаб дахл надошта, оила низ бояд фарҳанги истифодаи технологияро ба кӯдак омӯзонад.

Масъалаи дигаре, ки дар суханронӣ бо ҷиддият матраҳ шуд, омодасозии кадрҳои воқеан соҳибкасб мебошад. Андешаи Пешвои миллат дар мавриди он ки **«ба мо, пеш аз ҳама, мутахассис зарур аст, на ҷавоне, ки танҳо соҳиби диплом аст»,** муҳимтарин қисмати суханронӣ мебошад. Ин андеша ба як масъалаи муҳимми низоми таҳсил ишора мекунад: арзиши таҳсил на дар диплом, балки дар дониш ва малакаи воқеии хатмкунанда ифода меёбад. Донишгоҳ бояд инсонеро омода кунад, ки баъди хатми он метавонад масъаларо ҳал кунад, технологияро истифода барад, навоварӣ кунад ва дар касби худ рақобатпазир бошад. Аз ин рӯ, робитаи муассисаҳои таълимӣ бо бозори меҳнат аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Интихоби касб барои ҷавонон интихоби одии як ихтисос нест, балки интихоби касб дар бисёр ҳолатҳо интихоби роҳи зиндагист. Бинобар ин, дар суханронӣ таъкид мешавад, ки инсон бояд дар интихоби касб хато накунад. Мушкил дар он аст, ки баъзан ҷавонон касбро на бар асоси қобилияту истеъдод, балки зери таъсири мӯд, тақлид ва тавсияи дигарон интихоб мекунанд. Аз ин рӯ, дар суханронии Пешвои миллат зарурати ташаккули фарҳанги интихоби касб ва муайян намудани қобилияту лаёқати кӯдакону наврасон ба миён гузошта шудааст. Ин равиш метавонад яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти минбаъдаи маориф гардад. Яъне, кӯдак бояд тадриҷан дарк кунад, ки чӣ истеъдод дорад, чӣ корро дӯст медорад ва кадом касб ба қобилияти ӯ мувофиқ аст.

Дар замони рушди босуръати иқтисоди миллӣ ва тағйирёбии пайвастаи бозори меҳнат касбомӯзӣ ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа табдил ёфтааст. Имрӯз пешрафти саноат, энергетика, сохтмон, кишоварзӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, хидматрасонӣ ва бахусус, технологияҳои рақамӣ ба кадрҳои соҳибкасб, соҳибҳунар ва ҷавобгӯ ба талаботи замон ниёз дорад. Рушди ҳар яке аз ин соҳаҳо бидуни мутахассисони донишманду дорои малакаҳои амалӣ тасаввурнопазир аст.

Дар чунин шароит касбу ҳунар танҳо воситаи пайдо кардани шуғл нест, балки аз заминаҳои муҳимми худшиносӣ, мустақилияти иҷтимоӣ ва мавқеи устувори инсон дар ҷомеа ба ҳисоб меравад. Таъкиди Пешвои миллат, **«касбу ҳунар доштан соҳиби сарвати бебаҳо будан аст»** маънии амиқи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ касб мекунад.

Воқеан, сарвати инсон на ҳамеша дар дороии моддӣ ифода меёбад. Дониш, касб, ҳунар ва малакаҳое, ки шахс бо заҳмати худ ба даст меорад, сармояи воқеие мебошанд, ки метавонанд тамоми умр ба ӯ хидмат кунанд. Ин сармояро касе аз инсон гирифта наметавонад; баръакс, бо таҷриба ва меҳнат он пайваста такмил меёбад ва арзишаш бештар мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки муносибати ҷомеа ба касбу ҳунар боз ҳам ҷиддитар гардад. Ҷавонон бояд интихоби касбро танҳо ҳамчун интихоби роҳи ба даст овардани маош не, балки ҳамчун интихоби роҳи зиндагӣ ва муайян кардани ҷойгоҳи худ дар ҷомеа дарк намоянд. Касби мувофиқ ба инсон имкон медиҳад, ки истеъдоду қобилияти худро ошкор созад, ба неруи созанда табдил ёбад ва дар зиндагӣ ба ҳадафҳои хеш бирасад.

Дар суханронӣ ба масъалаи тарбия низ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст, аз ҷумла, таъкид мегардад, ки **«тарбияи ахлоқӣ бояд аз оила оғоз шуда, дар муассисаҳои таълимӣ пайваста идома ёбад»**. Ин мавқеъ масъулияти тарбияро миёни оила ва мактаб тақсим намекунад, балки онҳоро ба ҳам мепайвандад. Оила муҳити аввалини ташаккули шахсият аст. Мактаб бошад, ин равандро идома медиҳад ва ба он мазмуни иҷтимоӣ мебахшад. Аз ин рӯ, натиҷаи тарбия дар он сурат самарабахш мегардад, ки падару модар ва омӯзгорон дар муносибат ба кӯдак мавқеи ягона дошта бошанд.

Дар маркази тамоми масъалаҳое, ки дар суханронӣ матраҳ шудаанд, инсон ва махсусан, дар меҳвари таваҷҷуҳ ҷавонон ҳамчун неруи созандаву пешбарандаи ҷомеа қарор гирифтаанд. Ҷавонони донишманду соҳибмаърифат, соҳибкасбу соҳибҳунар ва дорои ҷаҳонбинии васеъ метавонанд бо дониш, истеъдод ва ташаббусҳои созандаи худ иқтисодиёт, илм, технология ва дигар соҳаҳои ҳаёти кишварро ба марҳалаи нави рушд расонанд, зеро маҳз сатҳи маърифат, касбият ва масъулиятшиносии ҷавонон яке аз омилҳои муҳимми муайянкунандаи фардои давлат ба ҳисоб меравад.

Пешвои миллат бо итминон таъкид менамоянд, ки: **«ҷавонони донишманду соҳибмаърифат, соҳибкасбу соҳибҳунар ва ватандӯсту созандаи мо фардо ба неруи пешбарандаи иқтисоди миллӣ»** табдил хоҳанд ёфт. Ин эътимоди давлату ҷомеа ба ҷавонон дар баробари ифтихор, масъулияти бузургро низ ба миён мегузорад.

Ҳар соати омӯзиш, ҳар саҳифаи китобе, ки хонда мешавад, ҳар ҳунаре, ки аз худ карда мешавад ва ҳар қадами созанда дар асл саҳмгузорӣ ба фардои шукуфоии кишвар аст. Аз ин рӯ, ҷавони имрӯз бояд худро на танҳо соҳиби имкон, балки соҳиби масъулияти бузург дар назди ояндаи миллат эҳсос намояд, зеро фардои давлат аз имрӯз оғоз мешавад ва чеҳраи он аз сатҳи дониш, касбият, ҷаҳонбинӣ ва ватандӯстии ҷавонони имрӯза вобаста аст.

Суханронии Пешвои миллат ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ на танҳо муроҷиат ба хонандагону донишҷӯён ва омӯзгорон, балки паёме ба тамоми қишрҳои ҷомеа мебошад. Дар он дастовардҳо эътироф гардида, ҳамзамон, масъалаҳои ҳалталаб рӯйи кор оварда шудаанд: баланд бардоштани сифати таҳсил, такмили маҳорати омӯзгорон, беҳтар намудани муҳтавои китобҳои дарсӣ, рушди таҳсилоти касбӣ, истифодаи дурусти технологияҳо, ташаккули фарҳанги интихоби касб ва тақвияти тарбияи ахлоқиву ватандӯстӣ.

Аҳаммияти таърихии суханронӣ дар он аст, ки маориф ҳамчун масъалаи як соҳа не, балки дар доираи масъалаи ояндаи давлат ва миллат арзёбӣ мешавад. Имрӯз барои Тоҷикистон вазифаи муҳим танҳо сохтани мактаби дорои девору синфхонаҳои зебо не, балки бунёди мактаби дорои муҳтавои қавӣ, омӯзгори босалоҳият ва хонандаи соҳиби тафаккури муосир мебошад, зеро мактаби имрӯз мутахассиси фардоро тарбия менамояд, мутахассиси фардо иқтисоди кишварро пеш мебарад, иқтисоди пешрафта зиндагии мардумро беҳтар мекунад ва дар ниҳоят, ҳамин омилҳо занҷири пайваста фардои давлатро месозанд.

Ва шояд паёми муҳимтарини Рӯзи дониш ҳамин бошад, ки агар мехоҳем Тоҷикистони фардо қавӣ, пешрафта ва рақобатпазир бошад, бояд имрӯз ба дониш, маориф, омӯзгор ва насли ҷавон бештар сармоягузорӣ намоем. Тавре ки дар суханронии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст: **«Миллате, ки ҷавононаш дониш меомӯзанд, касбу ҳунар аз худ мекунанд, ба арзишҳои миллӣ эҳтиром мегузоранд ва ҳастии худро бо сарнавишти Ватан пайванд медиҳанд»**, дар роҳи пешрафт ва созандагӣ қадамҳои устувор мегузорад.

Занги аввали соли таҳсил садо дод ва акнун масъулият ба зиммаи мост, ки онро ба занги дониш, масъулият ва созандагӣ табдил диҳем.

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ РУШДИ НИЗОМИ МАОРИФИ КИШВАР ДАР ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ



Тахмина ПИРОВА – директори МТМУ №21-и шаҳри Душанбе

Рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти кишвар ва сатҳу сифати зиндагии мардум, пеш аз ҳама, аз дараҷаи донишу маърифатнокӣ ва соҳибкасбу соҳибҳунар будани афроди ҷомеа вобаста мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

Маориф дар ҳар ҷомеа яке аз омилҳои асосии рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии давлат ба ҳисоб меравад. Сатҳи рушди низоми маориф на танҳо имконоти таълимии ҷомеаро муайян менамояд, балки ба ташаккули захираҳои инсонӣ, омодасозии мутахассисони баландихтисос, рушди илм, истеҳсолот, фарҳанг ва таҳкими арзишҳои миллӣ таъсири бевосита мерасонад. Аз ин рӯ, дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳаи маориф ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ мавқеи устувор пайдо намуд.

Истиқлоли давлатӣ барои ташаккули низоми мустақили идоракунии соҳаи маориф ва муайян намудани афзалиятҳои миллии рушди он имкони нав фароҳам овард. Дар давраи соҳибистиқлолӣ заминаҳои ҳуқуқии соҳаи маориф тадриҷан такмил ёфта, низоми таҳсилот бо дарназардошти талаботи нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ ислоҳ гардид. Дар ин раванд қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатии соҳа аҳаммияти махсус пайдо намуданд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба таҳсилро ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои муҳимми инсон эътироф намуда, дар моддаи 41-ум муқаррар мекунад, ки «ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад». Ҳамзамон, таълими умумии асосӣ ҳатмӣ буда, давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Ин меъёри конститутсионӣ барои ташаккули сиёсати давлатии маориф ва таъмини дастрасии аҳолӣ ба таҳсил заминаи ҳуқуқӣ мебошад.



Ҳадафи мо низ таҳлили хусусиятҳои асосии рушди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ, баррасии заминаҳои ҳуқуқию стратегӣ, арзёбии самтҳои асосии ислоҳоти соҳа ва муайян намудани масъалаҳои муҳимми рушди минбаъдаи низоми маориф мебошад.

Заминаҳои ҳуқуқии рушди маориф дар давраи соҳибистиқлолӣ. Рушди устувори соҳаи маориф бидуни заминаи мукаммали ҳуқуқӣ имконнопазир аст. Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми қонунгузории соҳаи маориф ташаккул ёфта, муносибатҳои вобаста ба таълиму тарбия, фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, мақоми омӯзгор, ҳуқуқу уҳдадориҳои таълимгирандагон ва дигар масъалаҳои соҳавӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим гардиданд.

Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқии давлат ҳуқуқи инсонро ба таҳсил эътироф намуда, масъулияти давлатро дар таъмини шароити зарурӣ барои таҳсил муайян менамояд. Аз ин

нуқтаи назар, маориф танҳо як соҳаи иҷтимоӣ набуда, балки воситаи татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Марҳалаи муҳимми ташаккули заминаи ҳуқуқии соҳаи маориф қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» мебошад. Қонуни мазкур 22-юми июли соли 2013 қабул гардида, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф муайян менамояд. Қонун низоми маорифро ҳамчун маҷмуи мақомоти идоракунӣ, муассисаҳои таълимӣ, субъектҳои раванди таълиму тарбия ва дигар сохторҳое муайян менамояд, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф амалӣ мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми қонунгузории муосири Тоҷикистон дар соҳаи маориф эътирофи принсипи таҳсилоти муттасил мебошад. Таҳсилоти муттасил имкон медиҳад, ки шахс дар тамоми давраи ҳаёт дониш, малака ва ҷаҳонбинии худро такмил диҳад. Ин равиш ба талаботи иқтисоди муосир мувофиқат мекунад, зеро тағйироти босуръати технология ва бозори меҳнат аз шаҳрвандон азхудкунии доимии донишҳои навро талаб менамояд. Ҳамчунин, дар қонун мафҳуми таҳсилоти фарогир инъикос гардидааст. Ин равиш ба таъмини имконоти таҳсил барои кӯдакон ва шахсони дорои имконоти гуногун равона шуда, яке аз самтҳои муҳимми таҳсилоти муосир ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, дар давраи соҳибистиқлолӣ заминаи ҳуқуқии маориф аз модели нисбатан анъанавии танзими соҳа ба низоми мукаммалтаре табдил ёфт, ки дар он масъалаҳои дастрасӣ, сифат, баробарӣ, таҳсилоти муттасил, рақамикунонӣ ва мутобиқшавӣ ба талаботи бозори меҳнат аҳаммияти бештар пайдо кардаанд.

Стратегияи рушди маориф ҳамчун самти сиёсати давлатӣ. Яке аз хусусиятҳои муҳимми давраи соҳибистиқлолӣ, гузариш ба идоракунии стратегии рушди соҳаи маориф мебошад. Дар ин замина қабули Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аҳаммияти махсус дорад. Стратегияи мазкур бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526 тасдиқ гардидааст. Ҳадафи асосӣ ва дарозмуҳлати он бунёди низоми самараноки маориф мебошад, ки барои рушди қобилият, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолӣ имконоти фарогир ва баробар фароҳам меорад. Мазмуни стратегия нишон медиҳад, ки дарки маориф ҳамчун соҳаи танҳо иҷтимоӣ тағйир ёфтааст. Дар шароити иқтисоди донишбунёд маориф ба омили рушди иқтисодӣ ва сармояи инсонӣ табдил меёбад. Мутахассиси дорои дониш, малака ва қобилияти эҷодӣ барои иқтисоди миллӣ арзиши стратегӣ дорад.

Стратегияи миллии рушди маориф ба масъалаҳои беҳтар намудани сифати таҳсилот, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, рушди инфрасохтори таълимӣ, такмили омодасозии кадрҳо ва мутобиқ намудани низоми таҳсилот ба талаботи ҷомеаи муосир равона шудааст. Муҳим аст, ки стратегия ба се марҳалаи миёнамуҳлати татбиқ тақсим шудааст: солҳои 2021-2023, 2024-2026 ва 2027-2030. Ин тарзи банақшагирӣ имкон медиҳад, ки татбиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ба тадбирҳои мушаххаси марҳалавӣ пайваст карда шавад. Аз нигоҳи таҳлилӣ, чунин равиш барои рушди маориф аҳаммияти калон дорад, зеро натиҷаи ислоҳоти соҳа танҳо дар асоси тадбирҳои кӯтоҳмуддат таъмин намешавад. Маориф низоме мебошад, ки тағйироти он дар муддати нисбатан дароз натиҷа медиҳад. Масалан, барои омодасозии омӯзгори баландихтисос, ташкили муҳити босифати таълим ва таҳияи барномаи нави таълимӣ солҳои зиёд зарур аст.

Тағйироти сохторӣ ва рушди зинаҳои таҳсилот. Дар давраи соҳибистиқлолӣ тамоми зинаҳои низоми маориф ба марҳалаи нави рушд ворид шуданд. Таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти баъдидипломӣ дар доираи барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ рушд карда истодаанд. Таҳсилоти томактабӣ дар ташаккули шахсияти кӯдак аҳаммияти махсус дорад. Таҷрибаи байналмилалӣ низ нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ ба рушди кӯдак дар солҳои аввали ҳаёт ба натиҷаҳои дарозмуҳлати таълимӣ ва иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар Тоҷикистон барои рушди ин зина Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2020-2025 қабул гардид. Барнома дар асоси қонунҳои соҳавӣ ва Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда буд.

Таҳсилоти умумӣ ҳамчун зинаи асосии ташаккули ҷаҳонбинӣ, саводнокӣ ва малакаҳои ибтидоии касбии шаҳрвандон низ дар маркази сиёсати давлатӣ қарор дорад. Дар ин самт масъалаҳои сохтмони муассисаҳои таълимӣ, таъмини онҳо бо таҷҳизот, китобҳои дарсӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва омодасозии омӯзгорон аҳаммияти хос доранд.

Дар баробари ин, талаботи ҷомеаи муосир зарурати тағйир додани мазмуни таълимро ба миён овардааст. Агар дар модели анъанавии таълим азхудкунии ҳаҷми муайяни дониш мақсади асосӣ бошад, дар модели муосир ба қобилияти истифодаи дониш, тафаккури интиқодӣ, ҳалли масъалаҳо, фаъолияти мустақилона ва малакаҳои рақамӣ аҳаммияти бештар дода мешавад.

Дар таҳсилоти касбӣ масъалаи мутобиқ намудани тайёркунии кадрҳо ба талаботи бозори меҳнат аҳаммияти махсус дорад. Иқтисоди миллӣ ба мутахассисони дорои малакаҳои амалӣ, технологӣ ва соҳибкорӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, робитаи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо корфармоён бояд боз ҳам тақвият дода шавад. Дар таҳсилоти олӣ низ равандҳои нав ба вуҷуд омаданд, аз ҷумла, гузариш ба низоми кредитии таҳсилот, рушди бакалавриат ва магистратура, таҳкими робитаҳои байналмилалӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва рушди таҳқиқоти илмӣ аз самтҳои муҳимми тағйироти ин зина мебошанд.

Сифати таҳсилот ҳамчун масъалаи марказии рушди маориф. Яке аз масъалаҳои калидии рушди низоми маориф дар марҳалаи муосир масъалаи сифати таҳсилот мебошад. Фарогирии васеи аҳолӣ бо таҳсил худ ба худ маънои баланд будани сифати таҳсилотро надорад. Аз ин рӯ, дар марҳалаи нави ислоҳоти соҳа диққати бештар ба арзёбии воқеии натиҷаҳои таълим равона шудааст.

Дар ҳамин замина, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми апрели соли 2024, №240 Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 тасдиқ гардидааст. Баъдан Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот ва нақшаи амали солҳои 2025-2027 низ қабул шуданд. Ҳадафи ин санадҳо баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили низоми миллии арзёбӣ ва мутобиқ намудани он ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад. Ин тағйирот аз он ҷиҳат муҳим аст, ки идоракунии самараноки соҳаи маориф бояд ба маълумоти воқеӣ асос ёбад. Агар натиҷаҳои арзёбии дониш, малака ва салоҳиятҳои хонандагон мунтазам таҳлил карда шаванд, имкони муайян кардани камбудиҳои барномаҳои таълимӣ, методикаи омӯзиш ва омодагии омӯзгорон бештар мегардад. Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбии дониш дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ яке аз унсурҳои муҳимми татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф мебошад. Ҳамчунин, кишвар ба низоми байналмилалии арзёбии сифати таҳсилот, аз ҷумла, PISA ворид шудааст. Аз ин нуқтаи назар, ворид шудан ба арзёбиҳои байналмилалӣ бояд на танҳо ҳамчун нишондиҳандаи муқоисавӣ, балки ҳамчун воситаи таҳлили сифат истифода шавад. Натиҷаҳои чунин арзёбиҳо метавонанд ба таҳияи сиёсати далелмеҳвар дар соҳаи маориф мусоидат намоянд.

Омӯзгор ҳамчун омили асосии сифати таҳсилот. Ҳеҷ гуна ислоҳоти соҳаи маориф бе иштироки фаъоли омӯзгор наметавонад натиҷаи устувор диҳад. Технология, китобҳои дарсӣ, инфрасохтор ва барномаҳои таълимӣ муҳиманд, вале маҳз омӯзгор онҳоро ба раванди воқеии таълиму тарбия табдил медиҳад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ масъалаи баланд бардоштани мақоми омӯзгор, тайёр кардани кадрҳои педагогӣ ва такмили ихтисоси онҳо яке аз самтҳои муҳимми сиёсати маориф мебошад. Талаботи муосир аз омӯзгор на танҳо дониши фаннӣ, балки малакаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, методикаҳои фаъол, қобилияти таҳлили натиҷаҳои таълим ва муносибати инфиродӣ ба хонандаро талаб мекунад. Маълумоти Вазорати маориф ва илм нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ шумораи зиёди омӯзгорон ба таълиму тарбияи насли наврас машғул мебошанд. Дар байни онҳо ҳиссаи омӯзгорони дорои таҳсилоти олӣ назаррас аст. Бо вуҷуди ин, масъалаи сифат ва мутобиқати омодагии омӯзгорон ба талаботи замони муосир ҳамоно муҳим боқӣ мемонад. Зарур аст, ки низоми такмили ихтисос аз шакли танҳо гузаронидани курсҳо ба низоми рушди касбии мунтазам табдил ёбад. Омӯзгор бояд имкон дошта бошад, ки таҷрибаи худро таҳлил кунад, бо методикаҳои нави таълим шинос шавад ва натиҷаҳои кори худро дар асоси маълумоти воқеӣ такмил диҳад.

Рақамикунонии маориф ва технологияҳои нав. Яке аз самтҳои муҳимми рушди маорифи Тоҷикистон дар солҳои охир рақамикунонии раванди таълим мебошад. Паҳншавии технологияҳои рақамӣ муносибати ҷомеаро ба дониш ва усулҳои таълим тағйир додааст. Дар ин самт Барномаи ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028 аз ҷумлаи санадҳои муҳимми давлатӣ мебошад.

Рақамикунонӣ танҳо бо таъмин намудани муассисаҳо бо компютер ва интернет маҳдуд намешавад. Моҳияти аслии он дар тағйир додани муҳити таълим, дастрасӣ ба захираҳои рақамӣ, истифодаи платформаҳои таълимӣ, таҳияи маводи мултимедиявӣ ва ташаккули саводнокии рақамии омӯзгорону хонандагон ифода меёбад. Ҳамзамон, рақамикунонии маориф масъалаҳои навро низ ба миён мегузорад. Нобаробарии дастрасӣ ба интернет, сатҳи гуногуни омодагии рақамии омӯзгорон, масъалаи амнияти иттилоотӣ ва зарурати таҳияи муҳтавои босифати рақамӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки бояд ҳангоми татбиқи сиёсати рақамикунонӣ ба назар гирифта шаванд. Дар солҳои минбаъда истифодаи зеҳни сунъӣ, таҳлили додаҳои таълимӣ ва системаҳои мутобиқшавандаи омӯзиш метавонад самти нави рушди маориф гардад. Аммо истифодаи чунин технологияҳо бояд бо риояи меъёрҳои ахлоқӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ ва нигоҳ доштани нақши марказии омӯзгор амалӣ карда шавад.

Маориф, илм ва рушди сармояи инсонӣ. Рушди маорифро аз рушди илм ҷудо кардан мумкин нест. Муассисаи таълимии муосир бояд на танҳо донишҳои мавҷударо интиқол диҳад, балки қобилияти эҷоди донишҳои навро низ ташаккул диҳад. Дар ин самт рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ аҳаммияти махсус дорад. Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030 таъкид менамояд, ки таваҷҷуҳ ба ин самт барои гузариш ба фазои инноватсионии рушд муҳим мебошад.

Иқтисоди муосир ба мутахассисони соҳаҳои технологияҳои иттилоотӣ, муҳандисӣ, энергетика, тиб, биотехнология ва дигар самтҳои илмӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ, ҳавасманд намудани ҷавонон ба илм, рушди озмунҳои фаннӣ, олимпиадаҳо, маҳфилҳои илмӣ ва таҳқиқоти донишҷӯён бояд ҳамчун қисми сиёсати рушди сармояи инсонӣ баррасӣ шавад. Тибқи маълумоти Вазорати маориф ва илм, дар соли 2023 дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявии фаннии хонандагони синфҳои 5-11 зиёда аз 8 ҳазор хонанда иштирок намудаанд. Ин гуна чорабиниҳо барои муайян ва дастгирӣ намудани хонандагони болаёқат имкони мусоид фароҳам меоранд.

Масъалаҳо ва дурнамои рушди низоми маориф. Бо вуҷуди пешрафтҳои назаррас, рушди низоми маориф бо як қатор масъалаҳои ҳалношуда низ рӯ ба рӯ мебошад. Яке аз масъалаҳои асосӣ таъмини баробарии сифати таҳсилот дар байни минтақаҳои гуногуни кишвар мебошад. Фарқияти шароити иҷтимоию иқтисодӣ, инфрасохтор, дастрасӣ ба технология ва захираҳои таълимӣ метавонад ба натиҷаҳои таълим таъсир расонад. Масъалаи дигар баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳои педагогӣ мебошад. Дар шароити тағйирёбии босуръати мазмуни дониш омӯзгор бояд ҳамчун мутахассиси доимоомӯзанда фаъолият намояд. Ҳамчунин, зарурати таҳкими робитаи таҳсилоти касбӣ бо бозори меҳнат вуҷуд дорад. Барномаҳои таълимӣ бояд мунтазам аз нав дида шаванд ва дар таҳияи онҳо талаботи корфармоён бештар ба назар гирифта шавад.

Рушди фарҳанги арзёбии сифати таҳсилот аз дигар омилҳои ҳалкунанда ба ҳисоб меравад. Арзёбӣ бояд на танҳо барои гузоштани баҳо, балки барои муайян намудани сатҳи воқеии дониш, ошкор кардани мушкилот ва такмил додани раванди таълим истифода шавад. Дар ин замина, қабули санадҳои нави стратегӣ дар соҳаи арзёбии сифати таҳсилот метавонад барои гузариш аз назорати маъмурӣ ба идоракунии далелмеҳвар замина фароҳам созад. Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот барои давраи то соли 2044 ва нақшаи амал барои солҳои 2025-2027 маҳз ба чунин ҳадаф равона шудаанд.

Таҳлили раванди рушди низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки давраи соҳибистиқлолӣ барои соҳаи маориф марҳалаи ташаккули заминаҳои нави ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва стратегӣ гардид. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил дар сатҳи конститутсионӣ мустаҳкам гардида, қонунгузории соҳавӣ ва низоми санадҳои стратегӣ ба вуҷуд омад. Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии низоми маорифро муайян намуда, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 самтҳои асосии ислоҳоти соҳаро муайян мекунад. Дар марҳалаи муосир масъалаи асосӣ аз зиёд намудани фарогирии аҳолӣ ба таҳсил ба таъмини сифати баланди таҳсилот, баробарии имконот ва мувофиқати натиҷаҳои таълим ба талаботи иқтисоди миллӣ ва ҷомеаи муосир мегузарад. Рушди таҳсилоти томактабӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилоти умумӣ, такмили таҳсилоти касбӣ, рушди таҳсилоти олӣ, дастгирии илм, баланд бардоштани мақоми омӯзгор, рақамикунонии соҳа ва ташаккули низоми муосири арзёбии сифати таҳсилот самтҳои ба ҳам алоқаманди ин раванд мебошанд.

Дар оянда самаранокии сиёсати маориф аз он вобаста хоҳад буд, ки то чӣ андоза имкони муттаҳид намудани се унсур: дастрасӣ, сифат ва мутобиқат ба талаботи рушди иқтисодию иҷтимоӣ таъмин мегардад. Маориф бояд на танҳо шаҳрвандро ба гирифтани ҳуҷҷати таҳсилот омода созад, балки шахсияти дорои тафаккури мустақил, масъулияти шаҳрвандӣ, малакаи касбӣ ва қобилияти мутобиқ шудан ба тағйироти ҷаҳони муосирро ташаккул диҳад. Аз ин лиҳоз, рушди минбаъдаи низоми маорифи Тоҷикистон бояд ба гузариш аз идоракунии асосан захиравӣ ба идоракунии натиҷамеҳвар, аз арзёбии формалӣ ба арзёбии воқеии салоҳиятҳо ва аз таълими донишҳои ҷудогона ба ташаккули малакаҳои амалӣ ва тафаккури эҷодӣ равона карда шавад.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи давраи соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад, ки маориф ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Давом додани ислоҳоти соҳа, такмили заминаи ҳуқуқӣ, истифодаи технологияҳои муосир, рушди иқтидори омӯзгорӣ ва пайвастани маориф бо илм ва иқтисоди миллӣ метавонад барои ташаккули сармояи инсонии рақобатпазир ва рушди устувори кишвар заминаи мусоид фароҳам оварад.

Ҳар фарде, ки имрӯзу ояндаи Ватан ва миллат барояш азиз аст, дар роҳи соҳибмаърифату соҳибкасб ва дар руҳияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ ба камол расонидани насли наврас ва ҷавонон бояд саҳми муносиб гузорад.

Мо, ки имрӯз бо ному корҳои гузаштагонамон ифтихор мекунем ва аз дастовардҳои онҳо истифода менамоем, бояд рисолати таърихии худро дар назди Ватан, миллат ва мардумамон тавре адо кунем, ки ояндагон аз маҳсули фаъолият ва талошу кӯшишҳои мо изҳори қаноатмандӣ ва сарбаландӣ намоянд.

Эмомалӣ Раҳмон

ШЕЪР ВА МОНДАГОРИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ



Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН – доктори илмҳои филология, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессор

Инсоният аз оғози пайдоиш ва дарки моҳияти ҳастӣ дар баробари мубориза барои ҳаёти иҷтимоӣ ҷиҳати таъмини ҳолати равонии худ низ талошҳои зиёде кардааст. Кашфи асбобҳои мусиқӣ, рақсу суруд, эҷоди осори бадеӣ ва монанди инҳо аз омилҳои асосие ба шумор мераванд, ки дар тамоми давраи рушди ҳаёт ҳамсафари зиндагии инсони бошуур буда, барои эҳёи зебоишиносӣ ва моҳияти ахлоқу маърифат мусоидат кардаанд. Дар ташаккулу таҳаввул ва инкишофи маърифат ва ахлоқу зебоишиносӣ, пеш аз ҳама, нақши забон муҳимму мондагор ба шумор меравад, зеро ҳамаи ин омилҳо тавассути забон эҳё гардида, дар раванди рушди таърихии инсоният ҳифз гардида, аз як насл ба насли дигар дар шаклҳои гуногуни шифоҳию хаттӣ идома пайдо кардаанд.

«Шеър ба ҳайси як унсури хеле муҳим аз замонҳои қадим чун забон ҳамсафари ҳаёти инсонӣ будааст. Яъне, аз он замоне ки инсоният дорои забони гӯё гардида, соҳиби тафаккури олӣ – шуур шудааст, ба офаридани каломи мавзун низ шуруъ кардааст. Ба ибораи дигар, ибтидоитарин одамон аз шеър баҳра бурдаанд ва давра ба давра дар шароитҳои гуногун ва ҷомеаҳои мухталиф, дар муҳитҳои гуногуни низомҳои сиёсию иҷтимоӣ пешрафтатарин инсонҳо шеърро ривоҷу равнақ дода, руҳияи маънавии замони худро тавассути он тасвиру инъикос намудаанд» [2, с.13].

Аллома Шиблии Нуъмонӣ ба мафҳуми шеър ва шоир таваҷҷуҳ зоҳир карда, дар китоби «Шеър-ул-Аҷам» чунин таъкид кардааст: «Лафзи шоир дар луғат соҳиби шуурро гӯянд ва шуур дар асл ба маънии эҳсос аст ва аз ин рӯ, шоир итлоқ бар шахсе мешавад, ки дорои эҳсос, вале эҳсоси қавӣ бошад. Аз ин баён маълум мегардад, ки шеър маҷмуи алфозу вазну нағмаву рақсро гӯянд, лекин чун тамоми инҳо вақте дар як ҷо бо ҳам ҷамъ мешаванд, ки эҳсос ва ҷазаба дар ниҳояти дараҷаи шиддат бошад» [3, с. 40].



Агар ба анвои кашфиёту эҷодкориҳои инсон бо дидаи таҳқиқ назар кунем, дармеёбем, ки дар ин миён шеър аз қадимтарин намунаи эҷоди афкору андешаи бани башар будааст. Пайдоиши он низ ба даврони нисбатан хеле дуру дарози таърихӣ мансуб буда, эҳтимолан пеш аз кашфи хат дар ҳаёти инсон зуҳур кардааст. Одамони даврони пешин эҳсос ва фикру андешаи худро ба воситаи суруд, нақлу ривоятҳо, афсонаҳо, достонҳои паҳлавонию қаҳрамонӣ, мутуни маросмимӣ ва ниёиш барои дигарон баён мекарданд. Ҳамин аст, ки то ҳол барои илм ва аҳли пажуҳиш пайдоиши нахустин шеъру суруд ва афсонаву достонҳо кашфношуда боқӣ мемонад. Мушоҳидаҳо, далелу асноди гуногун шаҳодат бар он медиҳанд, ки дар тули таърих ва тайи асрҳо дар тамоми мамлакатҳо ва марзу буми гуногун шеър бо роҳу василаҳои гуногун, дар шароиту

муҳити мухталиф эҷод мешуд, бо шавқу рағбати зиёд қироат мегардид ё аз ҷониби мардум гӯш карда мешуд. Ба ин минвол, инсоният маҳсули тафаккури эҷодияшро барои қаноатманд гардонидани ҳолату вазъияти маънавии худ истифода менамуд.

Дар ин росто, агар ба таърихи пайдоиши шеър бо дидаи таҳқиқ назар кунем, дармеёбем, ки ба шеър, эҷод ва қироати он шоҳон, амирон, аҳли дарбор, афсарон, сарбозон, сиёсатмадорон, давлатмардон, деҳқонон, ҳунармандон, руҳониён, файласуфон, умуман, донишмандони илмҳои гуногун таваҷҷуҳи хосае зоҳир кардаанд. Яъне, дар тамоми давру замонҳо шеър мавриди таваҷҷуҳи афроди таҳсилкарда, хушзеҳн, одамони дақиқназару ҳассос будааст ва ҳамчунин, шеър дар шакли хеле содааш, ҳатто, таваҷҷуҳи ашхоси бесавод ва кӯдаконро низ ба худ ҷалб кардааст. Пас, бармеояд, ки шеър ва умуман каломи мавзун ба мисли забон хеле қадимӣ буда, заминаҳои гуногуни ташаккулёбӣ ва рушду инкишофро аз сар гузаронидааст.

Асли пайдоиш ва решаи шеър дар гузаштаи таърихи башарӣ нуҳуфтааст. Маҳз ҳамин аст, ки зуҳури нахустин шеър ё нахустин шоир дар таърих ва фарҳанги ҳар миллате бо афсонаву асотир омезиш ёфтааст.

Бинобар ин, доир ба пайдоиши нахустин шеър ва нахустин шоир ҳукм баровардан кори хеле мушкил аст, яъне, дар бораи муайяну муқаррар кардани нахустин шеъри сурудашуда ва кадом сол эҷод шудани он хулоса баровардан имконнопазир аст. Ҳамин қадар муайян аст, ки шеър тадриҷан дар ҷомеаҳои қадим зуҳур кардааст.

Муайяну баррасӣ кардани масоили мазкур ба пайдоиши хат дар таърихи инсоният иртибот дорад. Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда, тахминан солҳои 3400-3000 пеш аз милод дар Месопотамия (Юнони қадим) хат пайдо шудааст, ки пас аз зуҳури ин падида инсоният барои сабти хаттии осори шифоҳии худ имкон пайдо мекунад. Дар ҳазораи III пеш аз милод аввалин осори адабии шумерӣ пайдо шудаанд, ки онҳо аз гимнҳо, сурудҳои динӣ ва достонҳои қаҳрамонӣ иборат буданд.

Арабҳо Яъриб бинни Қаҳтонро, ки аз набераҳои Нуҳи пайғамбар буд, нахустин шоир донистаанд. Ба қавли Шамс Қайси Розӣ, нахустин абёти мавзунро ба забони арабӣ ӯ адо кард ва «ба сабаби он ки ӯро бе воситаи таълим ва тааллум ба каломи мавзун шуур афтод, онро шеъру қоили онро шоир хонданд». Дар устураҳои исломӣ гӯяндаи аввалин шеър ҳазрати Одам аст, ки нахустин шеърро дар марсияи фарзандаш – Ҳобил, ки ба дасти фарзанди дигараш – Қобил, кушта шуд, ба забони арабӣ сурудааст [4, с. 145].

Дар аксарияти пажуҳишҳои илмӣ зуҳури шеъри тоҷикию форсиро низ ба даврони хеле қадим мансуб медонанд. Раванди рушд ва ташаккули шеъри тоҷикӣ ба давраҳои инкишофи таърихии ҷомеа ва забони мардуми ориёӣ иртиботи қавӣ дорад, ки инро метавон ба ду марҳила ҷудо намуд:

1. Раванди ташаккулёбии шеър дар даврони бостон ва миёнаи инкишофи забони тоҷикӣ.

Дар ин марҳилаи таърихӣ мардуми ориётабор анъанаи ғании осори шифоҳӣ доштанд ва мардум барои ҳифзи ин осори бузург, ки аз достонҳои қаҳрамонӣ, афсонаҳо, сурудҳои динӣ ва ривоятҳои гуногун иборат буданд, онҳоро аз як насл ба насли дигар ба таври шифоҳӣ интиқол медоданд.

Нахустин гунаи шеърии ин марҳилаи таърихӣ дар қадимтарин ёдгории фарҳанги Эрони бостон дар китоби «Авасто, дар бахши «Готҳо» дарҷ гардидааст, ки онҳо, асосан, сурудҳои динӣ буда, ба Зардушт нисбат дода мешаванд.

2. Марҳилаи рушду такомул ва анҷоми ташаккулёбии сохтори шеъри тоҷикӣ пас аз футуҳоти араб дар замони салтанати хонадони Сомониён ва зинаҳои дигари инкишофи таърихӣ.

Муаллифи китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз ориён то Сомниён» муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазъи пас аз футуҳоти арабро омӯхта, ба чунин натиҷа расидааст: «Баъди ташаккули тамаддуни исломӣ ва аз миён рафтани нуфузи забону хатти паҳлавӣ ҷараёни ҳаёти адабӣ дар ҳудудҳои Эронзамин рӯ ба коҳиш оварда, бошад ҳам, он амалан пурра қатъ нагардид. Дар се қарни аввали ислом чандин китобҳои машҳури паҳлавии таърихию адабӣ ба забони арабӣ баргардон шуд, ки ба қавли Забеҳулло Сафо, «Калила ва Димна», «Худойнома», «Бахтиёрнома»,

«Достони Баҳроми Чӯбина», «Достони Рустаму Исфандиёр», «Достони Доро ва Бути заррин» ва ғайра аз ҷумлаи онҳост» [1, с. 793].

Муаллиф дар ҳамин асари худ дар зерфасли «Пайдоиш ва ташаккули осори адабӣ ва шеъри дарии тоҷикӣ» доир ба нахустин шеър ва нахустин порчаҳои шеърӣ, ки аз ҷониби аввалин суханварони тоҷик чун Башшор бинни Бурд, Язид ибни Муфарриғ, Абулянғабӣ Аббос ибни Тархон, Маҳмуди Варроқ, Абуҳафси Суғдӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Муҳаммад ибни Вассиф, Муҳаммад бинни Мухалади Сагзӣ, Бассоми Курд, Фирӯзии Машриқӣ ва Абусулайки Гургонӣ эҷод шудаанд, ба таври муфассал маълумот додааст [ниг. ба 1, саҳ. 793-803].

Мавриди ба таъкид аст, ин ин анъана дар марҳилаи дигари таърихӣ тавассути ба сари қудрат омадани хонадони Сомониён хеле рушд карда, заминаҳои мусоидеро барои бунёди анвои шеърӣ, сохтор ва ифодаи мазмуну муҳтавои баланд фароҳам меорад, зеро бо сиёсати фарҳангпарваронаи ин хонадони илму адабпарвар ташаккулёбии забони адабии тоҷикӣ анҷом мепазирад ва забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) ба ҳайси забони расмӣ дар тамоми қаламрави Мовароуннаҳру Хуросон ва дигар минтақаҳо ба ҳайси забони расмӣ пазируфта шуда, услуби бадеӣ низ дар баробари услубҳои роиҷи замон рушд мекунад.

Ин давраи инкишофи забонро, ки аз ибтидои асри IX то имрӯз идома дорад, муҳаққиқон давраи нав ва забони онро забони форсии нав номидаанд, ки бо истилоҳи забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) ё порсӣ (форсӣ), машҳуру мондагор гардида, беш аз ҳазору сад соли таърихи мардуми эронитаборро фаро мегирад.

Дар баробари дигар дастовардҳои таърихӣ ин замон давраи оғози адабиёт ва шеъри классикии тоҷику форс бо забони порсии дарӣ низ маҳсуб мешавад, ки дар саргаҳи он падари шеъри тоҷикӣ – устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, қарор дорад. То замони устод Рӯдакӣ дар адабиёти тоҷик шоироне зиёде буданд ва ашъори нобе эҷод кардаанд. Мақому манзалати устод Рӯдакӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ шеъри замони худро ба сатҳи баланди бадеӣ расонд, дар аксарияти анвои адабии манзум шеър гуфта, дар ташаккулёбии забони адабии тоҷикӣ саҳму нақши боризе гузошт. Тамоми нишонаҳо забони адабии порсии дарӣ дар осори ӯ инъикоси худро ёфт ва забони меъёр барои эҷоди шоирони минбаъда муайяну муқаррар гардид. Минбаъд меъёрҳои савтию луғавӣ ва сарфию наҳвии забон дар доираи меъёрҳои забони адабии порсии дарӣ, ки дар осори устод Рӯдакӣ инъикос ёфта буд, дар марҳилаҳои дигари инкишофи забони адабӣ ҳамчун меъёр, асосан, пазируфта ва мавриди риоя қарор дода мешаванд. Ашъори дилангезу мондагори ин шоири ширинкалом то имрӯз рангу тароват ва маонии бикри худро нигоҳ дошта, дар тарбияи зебоишинохтии сухани тоҷикӣ хидмати шоёнеро ба анҷом расонида истодааст. Абёти зерини устод Рӯдакӣ дар тӯли асрҳо барои инсоният раҳнамои зиндагӣ будаанд:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз,
Мардумони бихрад андар ҳар замон
Рози донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг-андар ҳаме бингоштанд,
Дониш андар дил чарғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Дар пайравӣ бо ин устоди бузурги сухан дар давоми зиёда аз ҳазору сад сол дар адабиёти тоҷик осори гаронбаҳое офарида мешавад, ки онҳо бо мазмуну муҳтаво ва моҳияти зебоишинохтии худ барои тарбияи насли башар хидмати шоёне карда, зинатафзои адабиёти умумибашарӣ мегарданд.

Дар дарозои таърих забони порсии дарӣ ва адабиёту фарҳанги мардуми ориётабор борҳо дучори ҳуҷуму ғасби аҷнабиёну ғосибони ин марзу бум мегарданд, вале ягон ҳодисаву воқеа ба рушду инкишофи забон ва шеъри мардуми хирадсолори тоҷику форс монеъ шуда наметавонад. Ин аст, ки дар раванди беш аз ҳазор сол бо забони шоирона ва шевову гӯшнавози тоҷикӣ осори гаронбаҳое офарида мешавад, ки то имрӯз соҳиби мақому манзалати хос буда, ҷанбаҳои гуногуни он мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифтааст.

Пас аз устод Рӯдакӣ анъанаи эҷоди бадеӣ аз ҷониби бузургтарин шоирон, чун Абулқосими Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ, Абдулқодири Бедил ва садҳо шоири тавонои дигар идома пайдо мекунад, ки ҳамаи ин дар маҷмуъ забони шеъри тоҷикиро бунёд менамояд.

Дар ин росто, аксари пажуҳишгарон забонро яке аз муҳимтарин василаи гуфтор ва мубодилаи афкори инсоният номидаанд, ки тавассути он одамон ба якдигар иттилооти гуногунро медиҳанд ё аз иттилооти якдигар баҳравар мешаванд. Чун шеър низ яке аз васоити муҳимми иттилоърасонӣ аст, дар ибтидо метавон онро яке аз гунаҳои забон муаррифӣ кард, ки аз забони маъмулию гуфтори одӣ таъсири бештар ва неруи боқудраттаре дорад. Забони шоирона, ки дар адабиёти бадеӣ истифода мешавад, воситаҳои муошаратро ба таври махсус дар қолаби сохтори муайяни дорои маъно муассир мутамарказ менамояд, ки чунин сохтори мутамарказшуда дар ҳолати маъмулии ифодаи маъно, яъне, дар ҳолати берун аз каломи мавзун моҳияти аслии худро гум мекунад ва матни шоирона бо ҳамин роҳ арзишмандӣ ва муассирии услубии суханро ба маротиб меафзояд.

Забон аз унсурҳои асосӣ ва муҳимми шеър ба шумор меравад, зеро бунёди сохтории он дар заминаи меъёрҳои забони адабӣ сурат гирифта, дорои низоми муайяни савтӣ ва сарфию наҳвӣ мегардад. Агар чунин меъёр дар забони шеър риоя нагардад, хонанда муҳтавои маъноӣ ва мантиқии онро дарк карда наметавонад.

Ҳамин тариқ, маҷмуи осори аз ҷониби аҳли адаб дар тӯли зиёда аз ҳазор сол эҷодгардида, матни осори бадеиро ташкил медиҳад, вале забон дар бунёди чунин матни беканор нақш ва мавқеи муҳим дорад. Нақши забони тоҷикӣ дар тасвиру инъкоси жанрҳои гуногуни бадеӣ бараъло ҳис карда мешавад. Яъне, дар баробари умумияти ягонае, ки барои забони мутуни осори шоирона вуҷуд дорад, вобаста ба сабку услуби шоир ва талаботҳои жанри шеърӣ воҳидҳои забон низ ба тарзҳои гуногун инъикос меёбанд.

Ҳамчунин, агар ба осори манзуму мансури дар давоми садсолаҳо офаридаи адибони тоҷик аз қадим то имрӯз бо дидаи таҳқиқу пажуҳиш назар кунем, дармеёбем, ки шумораи эҷодкорони каломи мавзун нисбат ба офарандагони осори мансури бадеӣ ҳамеша зиёд будааст. Ин шаҳодат аз он медиҳад, ки дар сиришти мардуми тоҷик ва афкори зебоишинохтии ӯ ҳунари нафис, истеъдоди баланди эҷодӣ, нозукхаёлӣ, баёни андешаи муассиру хаёлангез, суханшиносию сухансанҷӣ, шинохти тобишҳои гуногуни маъноии вожаҳо ва ифодаи ҳадафраси онҳо аз азал нуҳуфтаву тавассути қолабҳои муаяйну муназзам онҳо сароида шудаанд.

Дар замони муосир низ дар низоми таълиму тарбия ва маориф шеър мақому манзалати хосе дошта, дар таълиму тарбияи насли наврас ва тарбияи фикрии хонандагон ҷойгоҳи шоистае дорад. Дар ҳамаи китобҳои дарсии фанҳои забону хониши адабӣ ва адабиёт аз осори шоирон вобаста ба мавзуи дарс шеърҳо ва порчаҳои шеърӣ оварда мешаванд, ки ин барои рушди суханварии хонандагон, такмили салоҳиятҳои эҷодию таҳлилӣ, забономӯзию забондонӣ ва фаро гирифтани мавзуъҳои гуногуни ватандӯстӣ, инсонпарварӣ, ҳифзи табиату муҳити атроф аз ҳар гуна олудагиҳо ва монанди инҳо мусоидат менамояд.

Адабиёт

1. Раҳмон Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2025. – 824 с.

2. Саломиён, М. Лингвистические особенности таджикско-персидской поэзии XII-XIV веков. – Душанбе: Ирфон, 2026. – 314 с.

3. Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам. (Таҳияи Абдухолиқ Набавӣ, зери назари Носирҷон Салимӣ). – Душанбе: ДДОТ, 2016. – 544 с.

4. واژه نامه هنر شاعری (میمنت میرصادقی)).– تهران: کتاب مهناز، 1376.– 374 ص.

ҶОМЕА ЧӢ ГУНА ФИКР КАРДАНРО МЕОМӮЗАД?



Шодимуҳаммад СЎФИЗОДА – доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Китобхонаи марказии ба номи Индира Гандии АМИТ

Дар фарҳанги бостонии мо пайванди андеша, сухан ва рафтори инсон дар се асли маъруфи «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» ба таври фишурда ифода ёфтааст. Ин се асл танҳо дастури ахлоқӣ нестанд, балки тасаввуреро дар бораи инсон ифода мекунанд, ки дар он ҷаҳони ботинӣ, сухан ва амал аз ҳам ҷудо нестанд ва арзиши шахс маҳз дар ҳамоҳангии онҳо зоҳир мегардад.

Албатта, ин робитаро набояд хеле сода фаҳмид ва зиндагӣ аз ин идеал мураккабтар аст. Чунон нест, ки ҳар андеша ҳатман баён шавад. Ҳар сухан низ ҳатман ба амал намерасад. Инсон баъзан аз рӯи эҳтиёт, маҷбурият ё ҳатто тарс он чиро, ки меандешад, ба забон намеорад. Аммо арзиши ахлоқии ин се асл маҳз дар кӯшиши наздик кардани андеша, сухан ва рафтор аст. Инсони солим касест, ки байни ҷаҳони дарунии ӯ, сухани ӯ ва рафтори ӯ фосилаи бузург вуҷуд надорад.

Аз ин рӯ, сухан танҳо воситаи интиқоли фикр нест. Дар ин миён забон ҷойгоҳи бисёр муҳим дорад ва ҳамчун пуле миёни ҷаҳони ботинии инсон ва рафтори ӯ амал мекунад. Мо одат кардаем, ки забонро танҳо василаи интиқоли фикр шуморем, гӯё фикр дар гӯшаи зеҳн комилан омода мешавад ва баъд инсон онро баён мекунад. Аммо илм имрӯз тасвири дигареро пешниҳод мекунад. Таҳқиқоти фалсафаи забон, равоншиносии шиноҳтӣ ва забоншиносии муосир нишон медиҳанд, ки забон танҳо либоси андеша нест; худи он дар таваллуд ва ташаккули андеша низ саҳм мегузорад. Бисёр вақт мо фикрро на пеш аз калима, балки дар ҷараёни сухан гуфтан пайдо мекунем. Ба ҳамин маъно, забон на танҳо андешаи омодаро баён мекунад, балки дар равшан ва муназзам шудани он низ иштирок менамояд.

Забон ба мо имкон медиҳад, ки ба ашёву падидаҳо ном гузорем, онҳоро аз ҳам фарқ кунем, миёни онҳо робита ҷӯем ва таҷрибаи худро дар хотира нигоҳ дорем. Вақте мо барои як падида номи дақиқ дорем, онро осонтар мешиносем ва аз падидаҳои монанд ҷудо мекунем. Масалан, инсон метавонад танҳо бигӯяд, ки «ҳолам бад аст», аммо агар тавонад миёни тарс, изтироб, хастагӣ, ранҷиш ва ноумедӣ фарқ гузорад, ҷаҳони ботинии худро низ дақиқтар дарк мекунад. Аз ин нигоҳ, забон танҳо оинаи андеша нест, балки аз абзорҳои шаклгирӣ ва танзими он низ ҳаст.

Аммо ин ҷо низ набояд ба ифрот роҳ дод. Ман бо шакли сахти детерминизми забонӣ розӣ нестам. Яъне, дуруст нест бигӯем, ки инсон маҳбуси забони худ аст ва берун аз он ҳеч чизро андешида наметавонад. Андешаи инсон аз таҷрибаи ҳиссӣ, муҳити иҷтимоӣ, фарҳанг, таърих, таълим ва омилҳои дигар низ таъсир мегирад. Вале ин ҳам дуруст нест, ки забонро қолаби холӣ ё танҳо воситаи интиқоли андеша шуморем. Забон муайян мекунад, ки мо ба кадом ҷиҳатҳои воқеият бештар таваҷҷуҳ кунем, онҳоро чӣ гуна гурӯҳбандӣ намоем ва ҳатто дар бораи онҳо чӣ гуна биандешем. Аз ҳамин ҷост, ки имрӯз бештари муҳаққиқон мавқеи миёнаро қабул мекунанд: забон на маҳбаси андеша аст ва на танҳо либоси он. Забон дар шаклгирии тафаккур шарики фаъол аст; ҳам андешаро баён мекунад ва ҳам дар раванди падид омадан ва созмон ёфтани он саҳм мегузорад. Ҳар қадар захираи забонии инсон ғанитар бошад, ҳамон қадар ҷаҳонеро, ки ӯ мебинад ва тавсиф



мекунад, нозуктар ва пуррангтар дарк мекунад. Ба ҳамин далел, ғановатмандии забон танҳо ғановатмандии луғат нест, балки ғановатмандии худи тафаккур аст.

Дар партави чунин фаҳмиш маънои «гуфтори нек» амиқтар мешавад. Гуфтори нек танҳо сухани ширин нест. Гоҳе сухани ширин метавонад дурӯғ бошад. Гоҳе сухани талх метавонад аз ҳақиқат ва адолат ҳимоя кунад. Аз ин рӯ, меъёри некии сухан на танҳо нармии лаҳн, балки ростӣ, масъулият ва инсоф аст. Гуфтори нек суханест, ки пеш аз ба забон омадан аз андеша гузаштааст ва гӯянда омода аст масъулияти паёмадҳои онро низ бар дӯш бигирад.

Ин масъала имрӯз аҳаммияти бештар пайдо кардааст. Агар дар гузашта сухани инсон бештар дар доираи маҳдуд мунташир мешуд, имрӯз ҷумла метавонад дар чанд сония ба ҳазорон ва ҳатто миллионҳо нафар расад. Шабакаҳои иҷтимоӣ ба сухан қудрати бесобиқа додаанд, аммо ҳамзамон, масъулияти онро низ чанд баробар афзудаанд. Дурӯғ, туҳмат, таҳқир ё хабари носанҷида акнун метавонанд дар лаҳзае афкори ҷамъиятиро тағйир диҳанд ё ба обрӯи инсон осеби ҷуброннопазир расонанд. Аз ҳамин ҷост, ки «гуфтори нек» имрӯз танҳо фазилати шахсӣ нест, балки масъулияти шаҳрвандӣ низ ҳаст. Пеш аз он ки ҳарфе бигӯем ё хабареро бознашр кунем, бояд аз худ бипурсем: ин маълумот то куҷо боэътимод аст? Оё ҳаққи нисбат додани онро ба дигарон дорам? Ва муҳимтар аз ҳама, оё ин сухан ба равшан шудани ҳақиқат кумак мекунад ё танҳо ба паҳн шудани низоъ ва бадбинӣ?

Тасодуфӣ нест, ки дар фалсафаи асри XX забон ба маркази таваҷҷуҳ омад. Яке аз натиҷаҳои ин таваҷҷуҳ фаҳмиши он буд, ки забон танҳо барои тавсифи воқеият истифода намешавад. Мо бо сухан баъзан худи муносибати иҷтимоиро ба вуҷуд меорем ё тағйир медиҳем. Фарқи байни ҷумлаи одӣ ва ваъда ҳамин аст. Вақте ки касе мегӯяд: «Ман фардо ин корро анҷом медиҳам», ӯ танҳо дар бораи воқеият хабар намедиҳад, балки дар назди шахси дигар масъулият қабул мекунад. Вақте ки омӯзгор ба шогирд баҳо мегузорад, довар ҳукм эълон мекунад, инсон аз касе узр мепурсад ё касеро мебахшад, сухан танҳо иттилоот нест: он дар муносибати байни одамон чизеро тағйир медиҳад. Мо бо забон ваъда медиҳем, ҳукм мекунем, таҳқир мекунем, мебахшем, айбдор менамоем, сулҳ мебандем ва муносибатҳои иҷтимоиро шакл медиҳем. Ба ҳамин маъно, сухан худ навъи амал аст. Аз ҳамин сабаб масъулияти сухан низ танҳо масъулияти дуруст интихоб кардани вожа нест. Инсон бояд дар бораи таъсири сухани худ ба дигарон низ андеша кунад.

Ба назари ман, имрӯз наметавонем бо итминон бигӯем, ки мо ба суннати «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» содиқ мондаем. Аммо ин ҳам дуруст нест, ки масъулиятро ба дӯши ҷомеа гузорем. Ин се асл дар гуфтори мо зиёд ҳузур доранд, вале камтар ба маънои воқеии онҳо меандешем. Арзишҳо вақте зиндаанд, ки ба одати зиндагӣ табдил ёбанд. Агар мо аз пиндори нек сухан гӯем, вале таассуб, кина ва бадбиниро парварем, ин асл ба шиор табдил мешавад. Агар гуфтори некро ситоиш кунем, вале забони мо пур аз таҳқиру туҳмат бошад, байни сухан ва зиндагӣ шикоф пайдо мешавад. Агар рафтори некро таблиғ кунем, вале дар муносибати ҳаррӯза беадолат бошем, сухани мо эътибори худро гум мекунад.

Ба андешаи ман, «пиндори нек» низ бояд дар партави воқеияти имрӯз ба таври тоза фаҳмида шавад. Дар ҷаҳоне, ки инсон ҳар рӯз бо сели иттилоот рӯ ба рӯ мешавад, пиндори нек танҳо некхоҳӣ нест. Барои инсони муосир пиндори нек бояд андешаи солим, қобилияти санҷиши маълумот, дурӣ аз таассуб ва омодагӣ ба бознигарии назари худро низ дар бар гирад. Нияти нек ба танҳоӣ кофӣ нест. Агар инсон бар пояи маълумоти носаҳеҳ ё дурӯғ қарор қабул кунад, ҳатто бо нияти нек ҳам метавонад ба дигарон зарар расонад. Аз ҳамин рӯ, ахлоқи муосир бояд бо фарҳанги андешаи интиқодӣ ҳамқадам бошад.

Дар ниҳоят, меъёри ҳақиқии ҳама андеша, сухан ва рафтор аст. Андешаи хубе, ки ҳеч гоҳ ба зиндагӣ роҳ намеёбад, ҳанӯз ба камол нарасидааст. Сухане, ки рафтор онро рад мекунад, эътимодро аз байн мебарад. Ҷомеа бо шиор дигар намешавад. Ҷомеа аз муҳити оила то муносибатҳои иҷтимоӣ бо росткорӣ, эҳтиром ба дигарон, масъулият, адолат ва иҷрои вазифа дигар мешавад. Маҳз дар ҳамин ҷузъиёти зоҳиран хурд фарҳанги ахлоқии ҷомеа шакл мегирад.

Аз ин рӯ, фикр мекунам, ки ин ойини куҳан на танҳо имрӯз корсоз аст, балки ба шарҳи нав ниёз дорад. Мо бояд онро аз девори шиорҳо ба зиндагӣ баргардонем. Маънои зиндаи он чунин аст: дуруст андеша кун, масъулона сухан бигӯ ва барои амали худ посухгӯ бош. Ин се асл агар

воқеан, ба фарҳанги зиндагӣ табдил ёбанд, ҳанӯз ҳам метавонанд аз пояҳои муҳимми тарбияи инсон бошанд.

Аммо тарбияи инсонро наметавон аз тағйири замон ва тарзи андешидани ҷомеа ҷудо кард. Дар ин замина масъалаи қадимӣ ва ҳамеша баҳсбарангез пеш меояд: оё замон андешаро месозад ё андеша замонро? Ба назари ман, посух яктарафа нест. Муносибати замон ва андеша муносибати дуҷониба аст. Шароити нави зиндагӣ суолҳои нав ба вуҷуд меорад. Суолҳои нав инсонро ба андешаи нав водор мекунанд. Аммо аз тарафи дигар, худи андешаи нав низ метавонад тарзи зиндагӣ ва самти таърихро дигар кунад.

Бояд байни «нав шудани замон» ва «нав шудани андеша» фарқ гузорем. Ин ду ҳамеша ҳамзамон рух намедиҳанд. Ҷомеа метавонад аз телефон, интернет, зеҳни сунъӣ ва техникаи пешрафта истифода кунад, аммо дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳанги фикрӣ ҳанӯз асири қолабҳои куҳна бошад, яъне, нав шудани абзор ҳанӯз маънои нав шудани зеҳнро надорад.

Ин мушкил танҳо ба ҷомеаи мо хос нест. Таърихи модерн нишон медиҳад, ки тағйири техника бисёр вақт аз тағйири фарҳанг тезтар ҳаракат мекунад. Инсон абзори навро зуд қабул мекунад, аммо одатҳои фикрӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва тасаввуроти қолабии хурофотӣ бо суръати камтар тағйир меёбанд. Аз ҳамин сабаб, метавон дар асри бисту якум зиндагӣ кард, вале баъзе масъалаҳоро бо мантиқи чанд аср пеш ҳал намуд.

Дар ҷомеаи мо, ба назари ман, нишонаҳои равшани таҳаввули тафаккур ба мушоҳида мерасанд ва инро набояд инкор кард. Насли ҷавон бештар муқоиса мекунад, зеро ба манбаъҳои гуногуни дониш дастрасӣ дорад, забонҳои хориҷиро меомӯзад, дар донишгоҳҳои кишварҳои дигар таҳсил мекунад ва таҷрибаи ҷомеаҳои гуногунро аз наздик мебинад. Аз ҳамин сабаб, бисёр чизҳое, ки насли пешин ҳамчун ҳақиқати бебаҳс қабул мекард, имрӯз ба муҳокима ва бозандешӣ кашида мешаванд. Худи ҳамин қобилияти суол гузоштан нишонаи бедории зеҳн аст.

Бо вуҷуди ин, набояд аз ин вазъ тасвири ормонӣ сохт. Дастрасӣ ба иттилоот ҳанӯз ба маънои бедории андеша нест. Иттилоот танҳо маводди аввалияи андеша аст, на худи андеша. Мушкили замони мо дигар танҳо камбуди иттилоот нест. Мушкили дигар фаровонии иттилооти пароканда аст. Инсон метавонад дар як рӯз садҳо хабар, ҷумла, навор ва шарҳ бинад ва дар охири рӯз гумон кунад, ки бисёр чиз омӯхтааст. Аммо дидани маълумот ҳанӯз ба маънои донистан нест ва донистан ҳамеша ба маънои фаҳмидан нест.

Фарз кунем, ки ду нафар дар бораи як масъала даҳҳо хабар мехонанд. Яке танҳо сарлавҳаҳоро мебинад ва онҳоро ба дигарон нақл мекунад. Дигаре мепурсад: ин хабар аз куҷо омадааст? Манбаъ то чӣ андоза боэътимод аст? Оё маълумоти дигаре ҳаст, ки онро тасдиқ ё рад кунад? Дар ҳар ду ҳолат иттилоот вуҷуд дорад, аммо танҳо дар ҳолати дуюм инсон кӯшиш мекунад онро ба дониш табдил диҳад.

Барои он ки иттилоот ба дониш табдил ёбад, инсон бояд онро вобаста ба масъала интихоб кунад, муқоиса намояд, бисанҷад ва дар низоми маъноӣ ҷой диҳад. Андеша аз тавони таваққуф кардан дар назди маълумот ва пурсидан оғоз мешавад: «Чаро? Далел чист? Ин маълумот аз куҷо омадааст? Оё метавон аз зовияи дигар ҳам ба масъала нигарист?». Ва муҳимтар аз ҳама: «Аз куҷо медонам, ки худи ман иштибоҳ намекунам?». Маҳз ҳамин гуна суолҳо тафаккури интиқодиро ба вуҷуд меоранд. Ҷомеае, ки аз суол метарсад ё онҳоро нолозим мешуморад, метавонад маълумоти зиёд дошта бошад, вале ҳамоно соҳиби фарҳанги андеша нагардад.

Байти Саъдӣ «*Хона аз пойбанд вайрон аст, Хоҷа дар банди нақши айвон аст*» маҳз ҳамин ҳолатро ба ёд меоварад. Агар бунёд дигар нашавад, нав кардани зоҳир ҳанӯз маънои дигар шудани зиндагиро надорад. Дунё метавонад ҷомаи нав пӯшад, аммо суол ин аст, ки дар зери ин ҷомаи нав чӣ гуна инсон зиндагӣ мекунад. Агар танҳо зоҳири зиндагӣ нав шавад, мо бо навсозии сатҳӣ рӯ ба рӯ ҳастем. Телефони нав, мошини нав, бинои нав ва технологияҳои нав худ ба худ ҷомеаи нав намесозанд. Ҷомеаи нав ба муносибати нав бо дониш, меҳнат, масъулият, қонун ва ҳақиқат ниёз дорад.

Ба назари ман, ҷомеаи мо ҳоло дар вазъи гузариш қарор дорад. Аз тарафе, майли навшавӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои тоза эҳсос мешавад. Аз тарафи дигар, қувваи одат низ бисёр сахт аст. Мо навиро мехоҳем, вале баъзан аз суоли нав метарсем. Мо эҷодкориро ситоиш мекунем, вале дар амал тақлидро амнтар мешуморем. Мо аз андешаи мустақил сухан мегӯем, вале баъзан танҳо андешаеро мепазирем, ки бо назари худи мо мувофиқ бошад.

Аз ҳамин ҷост, ки муҳити фикрӣ аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунад. Андеша дар фазои холӣ инкишоф намеёбад. Барои бедории фикр китобхонаҳои фаъол, мактабу донишгоҳҳои ҳамқадам бо замон, матбуоти босифат, баҳси солим ва имкони озодона суол гузоштан зарур аст. Агар ҷомеа бештар аз ҳама такрори ҷавобҳои омодаро қадр кунад, набояд интизори пайдо шудани андешаи нав бошад.

Дар ин масъала мехоҳам ба нуктаи забонӣ низ ишора кунам. Андешаи нав ба забони тавоно ниёз дорад. Ҷомеа вақте метавонад масъалаҳои нави худро амиқтар бифаҳмад, ки барои номгузорӣ, таҳлил ва баҳси онҳо воситаҳои кофии забонӣ дошта бошад. Инро дар зиндагии ҳаррӯза ҳам дидан мумкин аст. Агар дар мавриди баёни падидаи наве танҳо як ё ду вожа дошта бошем, вежагиҳои дохилии онро душвортар баён мекунем. Аммо вақте мафҳумҳо дақиқтар мешаванд, шинохт низ дақиқтар мегардад. Дар илм ин масъала боз ҳам муҳимтар аст. Барои фарқ гузоштан миёни фарзия, далел, натиҷа, сабаб танҳо доштани «маълумот» кофӣ нест, барои ҳар яке мафҳуми дақиқ ва забони муносиб лозим аст. Аз ҳамин сабаб, агар забон танҳо барои муошират рӯзмарра истифода шавад ва аз баҳси илмӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ дур монад, имкони баёни андешаи мураккаб низ маҳдуд мешавад. Аммо ин маънои онро надорад, ки забон худ ба худ фикрро муайян мекунад. Маънояш ин аст, ки андешаи мураккаб барои равшан шудан, санҷида шудан ва ба дигарон расидан ба воситаҳои дақиқи баён ва муҳити фаъоли гуфтугӯ ниёз дорад.

Таҳрики андеша дар ҷомеаи мо вуҷуд дорад, вале ҳанӯз ба ҳаракати фарогир табдил наёфтааст. Мо нишонаҳои бедориро мебинем, аммо дар баробари он нишонаҳои тақлид, шитобкорӣ ва сатҳинигариро низ мушоҳида мекунем. Ба назари ман, масъалаи асосӣ ин нест, ки ҷомеаи мо «тафаккури бедор дорад ё надорад?». Чунин суол хеле сода аст. Суоли дуруст ин аст, ки оё мо барои ташаккули андешаи мустақил, санҷидашуда ва масъулона муҳити мусоид сохтаем?

Ҷаҳони нав танҳо ҷомаи нав намехоҳад, балки ба инсонҳое ниёз дорад, ки навгониро дарк кунанд, на ин ки танҳо истеъмолкунандаҳои беиродаи он бошанд. Ба инсонҳое ниёз дорад, ки аз мероси гузаштагони худ огоҳанд, аммо асири шаклҳои мурдаи он намешаванд. Ба онҳое ниёз дорад, ки аз дигарон меомӯзанд ва дар баробари он қобилияти доварии мустақили худро ҳифз мекунанд. Агар чунин наслро тарбия кунем, бедории андешаи миллӣ танҳо орзу наmemонад ва метавонад ба неруи воқеии дигаргунсози ҷомеа табдил ёбад.

Тарбияи чунин насл, пеш аз ҳама, аз хонавода оғоз мешавад. Хонавода нахустин муҳити инсонсозист. Аммо агар амиқтар нигоҳ кунем, хонавода нахустин муҳити забонӣ, эҳсосӣ, ахлоқӣ ва фикрии инсон ҳаст. Кӯдак ҳанӯз, пеш аз он ки ба мактаб қадам гузорад, ба ҷаҳоне ворид мешавад, ки дар он аз қабл тарзи сухан гуфтан, муносибат кардан, дӯст доштан, ҳал кардани низоъ ва ҳатто муносибат бо тарс, хато ва масъулият шакл гирифтааст. Кӯдак ҳамаи инро тадриҷан аз худ мекунад.

Аз ҳамин сабаб, тарбияи фарзанд аз насиҳат оғоз намешавад, аз фазои хонавода оғоз мешавад. Пеш аз он ки кӯдак китоб хонад, ӯ чеҳра, рафтор ва сухани падару модарро «мехонад». Пеш аз он ки дар бораи ахлоқ таъриф бишнавад, муносибати одамони наздикро мебинад. Пеш аз он ки мафҳуми адолатро омӯзад, одилона будан ё набудани муносибатро эҳсос мекунад.

Дар ин ҷо масъалаи ҷиддӣ ин аст: оё тавони фикрии падару модар барои тарбияи фарзанди соҳибандеша басанда аст? Ба ин масъала посухи умумӣ додан дуруст нест. Хушбахтона, хонаводаҳои бисёр огоҳ дорем. Падару модароне ҳастанд, ки китоб мехонанд, бо фарзанд суҳбат мекунанд ва шахсияти ӯро эҳтиром менамоянд. Дар чунин муҳит кӯдак на танҳо дониш меомӯзад, балки дуруст фикр карданро низ ёд мегирад. Аммо воқеияти дигар низ вуҷуд дорад. Ҳанӯз бисёре аз волидон тарбияро бештар бо итоат пайванд медиҳанд, на бо парвариши тафаккур. Барои онҳо фарзанди «хуб», пеш аз ҳама, фарзанди фармонбардор аст. Дар ҳоле ки итоат ва андешаи мустақил ҳамеша чизе ягона нестанд. Фармонбардорӣ метавонад рафторро танзим кунад, аммо ҳатман қобилияти андешиданро парвариш намекунад.

Дар ин ҷо барои баҳси мо, махсусан, андешаи Лев Виготский дар бораи иҷтимоӣ будани ташаккули қобилиятҳои олии зеҳнӣ ва нақши забон ҳамчун воситаи фарҳангӣ аҳаммият дорад. Ӯ рушди зеҳнии кӯдакро танҳо натиҷаи камолоти биологӣ намедонист. Аз назари ӯ қобилиятҳои олии зеҳнӣ дар муошират ва ҳамкорӣ бо дигарон ташаккул меёбанд ва забон дар ин раванд

нақши муҳим дорад. Ба ҳамин маъно, кӯдак дар муносибат бо калонсолон на танҳо маълумот мегирад, балки тадриҷан тарзи фикр карданро низ меомӯзад; омӯзиш ва ҳамкории иҷтимоӣ метавонанд рушди шинохтиро пеш баранд.

Ин нуқта барои хонавода бисёр муҳим аст. Суҳбати падару модар бо кӯдак танҳо мубодилаи калимаҳо нест. Ҳар суоли дуруст метавонад кӯдакро ба андеша водор кунад. Масалан, ба ҷойи он ки ҳамеша бигӯем, «ин корро кун» ё «ин корро накун», баъзан метавон пурсид: «Ба назари ту чаро ин кор дуруст аст?», «Агар ту дар ҷойи ӯ мебудӣ, чӣ мекардӣ?», «Оё роҳи дигар вуҷуд дорад?».

Чунин суолҳо зеҳнро фаъол мекунанд. Онҳо ба кӯдак нишон медиҳанд, ки андешаи ӯ арзиш дорад. Аммо ин на ба он маъност, ки кӯдак ба ҳеч қоидае ниёз надорад. Тарбияи солим ҳам озодӣ мехоҳад ва ҳам ҳадду марз. Фарқ дар он аст, ки қоида бояд то ҳадди имкон фаҳмонида шавад, на ин ки танҳо бо тарс таҳмил гардад.

Дар хонавода зиддияти ошкоро вуҷуд дошта метавонад. Мо мегӯем, ки фарзанд бояд соҳибандеша бошад. Аммо вақте ки ӯ назари дигаре бар хилофи дидгоҳи мо баён мекунад, онро беэҳтиромӣ мешуморем. Мегӯем, ки бипурсад, аммо вақте суоли душвор медиҳад, асабонӣ мешавем. Мегӯем, ки ростгӯ бошад, аммо агар ҳақиқати нохуш бигӯяд, ӯро сарзаниш мекунем. Дар чунин муҳит кӯдак зуд мефаҳмад, ки кадом сухан писанди калонсолон аст. Ӯ метавонад ба ҷойи андешидан, танҳо тарзи писанд омаданро омӯзад. Дар чунин ҳолат сухани Низомии Ганҷавӣ аз «Махзану-л-асрор»-и ӯ ба ёд меояд:

Ман, ки чунин айбшумори туам,
Дар баду нек оинадори туам.
Оина чун нақши ту бинмуд рост,
Ҳуд шикан, оина шикастан хатост.

Кӯдак низ гоҳе метавонад ҳамин гуна оинаи ростгӯ бошад. Суол, эътироз ё сухани нохуши ӯ баъзан чизеро ба калонсол нишон медиҳад, ки пазируфтанаш осон нест. Агар мо аз ӯ ростгӯӣ ва андешаи мустақил талаб кунем, бояд омода бошем, ки сухани мухолиф ва ҳатто ҳақиқати нохуши ӯро низ бишнавем. Вагарна ӯ тадриҷан меомӯзад, ки на он чиро воқеан, меандешад, ба забон орад, балки он чиро бигӯяд, ки ба калонсолон писанд меояд.

Ин ҷо метавон нуктаи бисёр зебои Мавлоноро ба тарбия пайванд дод. Ӯ мегӯяд:

Одамӣ махфист дар зери забон,
Ин забон пардаст бар даргоҳи ҷон.

Маънои ин сухан барои масъалаи мазкур бисёр муҳим аст. Сухани инсон ҷаҳони дарунии ӯро ошкор мекунад. Кӯдак низ аз роҳи забон на танҳо сухан гуфтан, балки муносибат бо ҷаҳонро меомӯзад. Агар забони хона ҳамеша забони таҳқир, таҳдид ва фармон бошад, ин шакли муносибат ба зеҳни кӯдак таъсир мегузорад. Агар забони ҳоким бар хонавода забони суҳбат, далел, эҳтиром ва шунидани дигарон бошад, кӯдак низ ҳамин фарҳанги муносибатро меомӯзад.

Ба назари ман, аз мушкилоти муҳимми хонавода имрӯз кам шудани суҳбати воқеист. Ин аз танқидҳои замони мост. Мо воситаҳои зиёди иртибот дорем, вале муошират амиқ самимӣ камтар шудааст. Одамон метавонанд дар зери як бом зиндагӣ кунанд, аммо ҳар кадом дар ҷаҳони рақамии худ қарор дошта бошад.

Падару модар бисёр вақт аз фарзанд мепурсанд: «Дарсатро хондӣ?», «Баҳоят чанд шуд?», «Имтиҳонро чӣ гуна супоридӣ?». Ин суолҳо, албатта, заруранд. Аммо барои парвариши андеша кифоя нестанд. Фарзанди соҳибандеша дар муҳите ба воя мерасад, ки дар он аз ӯ танҳо натиҷа намепурсанд, балки ба тарзи андешиданаш низ таваҷҷуҳ мекунанд. Суолҳое чун: «Имрӯз чӣ чиз туро ба ҳайрат овард?», «Бо кадом фикр розӣ нашудӣ?», «Чаро чунин фикр мекунӣ?», «Имрӯз чӣ чиз омӯхтӣ, ки пештар намедонистӣ?» на танҳо ҷавоб, балки андешиданро талаб мекунанд. Ва маҳз ҳамин гуна гуфтугӯҳо фарҳанги тафаккурро дар хонавода шакл медиҳанд. Кӯдак тадриҷан меомӯзад, ки фикри худро баён кунад, барои он далел оварад ва ба назари дигарон гӯш диҳад. Ин ҷо забон ба воситаи тарбияи андеша табдил меёбад.

Масъалаи дигар, ки ба назари ман аҳаммияти ҳалкунанда дорад, намунаи шахсии падару модар аст. Кӯдак хеле зуд мефаҳмад, ки миёни сухан ва амал мувофиқат вуҷуд дорад ё не. Агар падар ё модар китоб нахонад, вале фарзандро пайваста ба китобхонӣ даъват кунад ва агар калонсол аз ростгӯӣ ҳарф занад, вале худ дурӯғ бигӯяд, таъсири сухани ӯ мекоҳад. Кӯдак бештар

аз рафтор меомӯзад, на аз насиҳат. Ва агар дар хона фарёд, таҳқир ва беэҳтиромӣ ба одати ҳаррӯза табдил ёфта бошад, ҳеҷ дарси ахлоқӣ наметавонад он муҳитро ҷуброн кунад.

Бинобар ин, масъала бояд андаке дигаргуна гузошта шавад. Масъала танҳо ин нест, ки оё падару модар тавони тарбияи фарзанди андешамандро доранд. Суоли муҳимтар ин аст, ки «оё худи падару модар барои омӯзиши доимӣ омодаанд?». Падару модар будан танҳо мақоми табиӣ нест, балки пеш аз ҳама, масъулияти фарҳангӣ ва тарбиявӣ низ ҳаст.

Ҳеҷ падару модаре комил нест. Чунин талаб ҳам ғайривоқеист. Аммо падару модар метавонанд омӯзанд. Метавонанд китоб бихонанд. Бо фарзанд суҳбат кунанд. Хатои худро эътироф намоянд. Ба суоли фарзанд бо «намедонам, биё бо ҳам пайдо мекунем» посух диҳанд. Ба назари ман, ҳамин ҷумла баъзан аз сад насиҳат арзишмандтар аст.

Аз таваллуди биологӣ то расидан ба мартабаи инсонӣ роҳи дароз аст. Инсон будан танҳо воқеияти ҷисмонӣ нест. Саъдӣ ин фарқро бисёр равшан баён кардааст: *Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият, На ҳамин либоси зебост нишони одамият*. Яъне, бо сурати инсон ба дунё омадан ҳанӯз маънои ба камоли одамият расиданро надорад. Инсон будан раванди пайвастаи парвариш, худшиносӣ ва худсозист. Хонавода оғози ин роҳ аст, на анҷоми он. Аз ин рӯ, хонавода, воқеан, метавонад мактаби инсонсозӣ бошад. Аммо ин мактаб бо фармону тарс ва насиҳати доимӣ бунёд намешавад. Он бо гуфтугӯ, эътимод, китоб, эҳтиром ва намунаи шахсии падару модар шакл мегирад. Аввалин китоби фарзанд зиндагии падару модар аст. Агар саҳифаҳои ин китоб бо ростӣ, эҳтиром ва андеша навишта шаванд, кӯдак низ хондани ҷаҳонро беҳтар меомӯзад.

Аммо хонавода танҳо оғози ин раванд аст. Идомаи он ба муҳити таълим ва ниҳодҳое вобаста аст, ки фардои ҷомеаро месозанд. Ин андеша, ки ҷомеаҳои бедор фикри имрӯзро дирӯз кардаанд, бисёр дақиқ аст. Пешрафти устувор тасодуфан пайдо намешавад. Ҳар дастоварди бузурги имрӯз натиҷаи солҳои тулонии сармоягузорӣ ба маориф, фарҳанг ва рушди тафаккур аст. Аз ҳамин сабаб, агар бихоҳем фардои ҷомеаро бишносем, бояд пеш аз ҳама, ба мактабҳо, донишгоҳҳо ва муҳити таълимии имрӯзи он назар кунем.

Дар ҷомеаи мо аҳаммияти таълим ба таври умум эътироф шудааст. Аксари падару модарон мехоҳанд фарзандонашон дониш омӯзанд. Давлат ба рушди инфрасохтори маориф таваҷҷуҳ дорад. Ҷавонон барои таҳсил талош доранд. Ин ҳама дастовардҳои муҳиманд. Масъалаи аслӣ низ аз ин ҷо оғоз мешавад: мо дар ин муассисаҳои таълимӣ чӣ гуна инсон тарбия мекунем? Оё мо танҳо дониш интиқол медиҳем ё ҳамзамон, фарҳанги андешидан, масъулият ва шахсияти мустақилро низ ташаккул медиҳем?

Чунонки гуфтем, инсон метавонад солҳои зиёд таҳсил кунад, аммо мустақилона фикр карда натавонад. Метавонад маълумоти зиёд дошта бошад, вале дар масъалае душвор ё нав саргардон шавад. Метавонад китобро аз ёд кунад, аммо далелро аз даъво фарқ карда натавонад. Аз ин рӯ, вазифаи маориф танҳо ҷамъ кардани маълумот дар хотираи хонанда нест.

Маорифи воқеӣ бояд чанд қобилияти асосиро, аз ҷумлаи фаҳмидан, суол додан, муқоиса кардан, далел овардан, хулоса баровардан ва назари худро ислоҳ кардан, парвариш диҳад. Охирин қобилият бисёр муҳим аст. Инсони андешаманд касе нест, ки ҳамеша худро ҳақ мешуморад. Ӯ касест, ки дар рӯ ба рӯи далели беҳтар метавонад назари худро бозбинӣ кунад. Ин раванд бояд аз кӯдакистон оғоз шавад. Кӯдак табиатан пурсанда аст. Ӯ ҷаҳонро бо суолҳои «Чаро?» «Чи гуна?», «Барои чӣ?» кашф мекунад. Аммо баъзан низоми тарбияи мо ҳамин қобилияти табииро суст мекунад. Ба кӯдак мегӯем: «Зиёд напурс», «Хомӯш бош», «Ҳамон кореро кун, ки гуфтанд». Баъд аз чанд сол аз ҳамон кӯдак эҷодкорӣ талаб мекунем.

Ҳар зинаи таҳсил рисолати хосси худро дорад. Кӯдакистон бояд кунҷковии табиии кӯдакро ҳифз кунад. Дабистон бояд ба ин кунҷковӣ самт ва низом бахшад. Дабиристон бояд ба шогирд тарзи далел овардан ва баҳс карданро омӯзонад. Донишгоҳ бояд ӯро аз истеъмолкунандаи дониш ба иштирокчии тавлиди дониш табдил диҳад. Агар ин занҷира дар яке аз ҳалқаҳои худ канда шавад, зинаи баъдӣ маҷбур мешавад камбудиҳои солҳои гузаштаро ҷуброн кунад.

Дар мактаб масъалаи азёдкунӣ ҳанӯз ҷиддист. Ман зидди тақвияти хотира нестам. Хотира барои ҳифзи дониш зарур аст. Инсон бе дониши заминавӣ фикр карда наметавонад. Аммо хотира бояд заминаи таҳлил бошад, на ҷойгузини он. Агар хонанда танҳо посухи омодаро аз ёд кунад, дар баробари суоли каме дигаршуда нотавон мемонад.

Вазифаи омӯзгор низ дигар шудааст. Дар гузашта омӯзгор аз манбаъҳои асосии маълумот

буд. Имрӯз маълумот фаровон аст. Аммо ин арзиши омӯзгорро кам намекунад. Баръакс, вазифаи ӯ мураккабтар шудааст. Ӯ бояд ба шогирд роҳ нишон диҳад, ки аз байни иттилооти зиёд маълумоти дурустро интихоб кунад, манбаъро бисанҷад ва байни далелу овоза фарқ гузорад.

Дар донишгоҳ масъала боз ҳам ҷиддитар аст. Вазифаи он танҳо омода кардани мутахассис нест. Ҷомеа ба табиби донишманд, вале ҳамзамон, масъул, ба муҳандиси соҳибкасб, вале ҳамзамон, боэътимод, ба омӯзгори донишманд, вале ҳамзамон, соҳиби фарҳанги муошират ниёз дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, масъалаи мактабҳои фикрӣ, ахлоқӣ ва маънавӣ пайдо мешавад. Мактаби фикрӣ бо фармон таъсис намеёбад. Барои он муҳити зиндаи баҳс, устоди қавӣ, шогирдони фаъол, китобхона ва дастрасӣ ба манбаъҳои боварибахш лозим аст. Муҳимтар аз ҳама, фаъолияти мунтазам лозим аст. Мактаби илмӣ дар ҳамоиш ё қарор ба вуҷуд намеояд.

Мактаби ахлоқӣ низ танҳо бо дарси ахлоқ сохта намешавад. Агар донишҷӯ дар китоб адолатро бихонад, аммо дар зиндагии донишгоҳ беадолатиро бинад, таъсири таҷрибаи зинда бештар мешавад. Муассисаи таълимӣ худаш бояд намунаи арзишҳое бошад, ки таълим медиҳад.

Сармояи зеҳнӣ дар ин миён аҳаммияти асосӣ дорад. Сарвати табиӣ метавонад тамом шавад. Бино метавонад куҳна гардад. Технология метавонад аз истифода барояд. Аммо ҷомеае, ки андешаи инсонро парвариш мекунад, қобилияти бозсозии худро нигоҳ медорад. Сармояи зеҳнӣ танҳо шумораи дипломдорон нест. Ин мафҳумро бояд васеътар фаҳмид. Сармояи зеҳнӣ қобилияти ҷомеа барои ҳалли масъала аст. Қобилияти истеҳсоли дониш аст. Қобилияти татбиқи дониш дар амал аст. Қобилияти парвариши насли нави муҳаққиқон ва мутахассисон аст.

Агар ба зиндагии имрӯза воқеъбинона назар кунем, дар низоми таълимии мо пешрафт вуҷуд дорад, аммо мушкилот низ ҷиддиянд. Баъзан баҳо аз дониш муҳимтар мешавад. Диплом аз қобилият болотар меистад. Азёдкунӣ ҷойи таҳлилро мегирад. Хонанда аз хато кардан метарсад. Донишҷӯ барои имтиҳон мехонад, на барои фаҳмидан.

Ба назари ман, ислоҳоти асосӣ аз тағйири меъёри муваффақият оғоз мешавад. Бояд на танҳо пурсид, ки хонанда чанд маълумот аз ёд кардааст. Бояд дид, ки ӯ бо маълумот чӣ кор карда метавонад. Оё масъалаеро таҳлил карда метавонад? Оё матнро мефаҳмад? Оё назари худро бо далел ҳимоя мекунад? Оё метавонад байни ду дидгоҳ муқоиса кунад?

Аз ин рӯ, муҳимтарин сармоягузорӣ ба андешаи инсон аст. Бинои хуб, албатта, зарур аст. Технология зарур аст. Барномаи таълимӣ зарур аст. Аммо дар маркази ҳамаи инҳо муносибати омӯзгор ва шогирд қарор дорад. Дар ҳамин муносибат кунҷковӣ ё зинда мемонад, ё хомӯш мешавад. Фардои ҷомеа дар синфхонаи имрӯз шакл мегирад. Агар кӯдаки пурсандаро аз суол додан бознадорем, агар хонандаро ба китоб наздик созем ва агар донишҷӯро ба таҳқиқ одат диҳем, мо ба оянда сармоягузорӣ мекунем. Ҷомеаҳои бедор маҳз ҳамин корро мекунанд. Имрӯз фардоро месозанд. Ба назари ман, ҳама гуна ислоҳоти воқеӣ аз тағйири худи фалсафаи таълим оғоз мешавад. Пеш аз тағйири китоб, барнома ё усули имтиҳон бояд равшан кунем, ки аз мактаб чӣ мехоҳем. Оё мақсад танҳо интиқоли маълумот аст? Ё мақсад тарбияи инсоне аст, ки масъала мефаҳмад, суол медиҳад, далел меорад ва фикри худро равшан баён мекунад?

То вақте ба ин суол посухи дақиқ надиҳем, ислоҳоти ҷудогона натиҷаи амиқ намедиҳад. Мо метавонем китоби дарсиро дигар кунем, вале усули фикр карданро не. Метавонем синфро бо техникаи нав таъмин кунем, вале муносибати куҳнаи «омӯзгор мегӯяд, шогирд такрор мекунад» боқӣ монад. Ба назари ман, барои зеҳнсозӣ чанд роҳи ба ҳам пайваста муҳим аст.

Пеш аз ҳама, фарҳанги суол додан. Чунонки гуфтем, андеша аз суол оғоз мешавад. Дар бисёр ҳолатҳо мо аз хонанда посухи дуруст мехоҳем, аммо ба ӯ сохтани суоли дурустро намеомӯзонем. Ҳол он ки суоли хуб метавонад аз даҳ посухи омода арзишмандтар бошад. Хонанда бояд ҳақ дошта бошад, ки пурсад: чаро? Далел чист? Манбаи ин маълумот куҷост? Оё назари дигар вуҷуд дорад?

Самти дигари муҳим мутолиаи амиқ аст. Имрӯз мо аз ҳар вақти дигар бештар матн мебинем, аммо на ҳамеша онро мехонем. Аз наворе ба навори дигар, аз хабаре ба хабари дигар мегузарем. Зеҳн тадриҷан ба гузариши зуд одат мекунад, дар ҳоле ки андешаи мураккаб ба тамаркуз ниёз дорад. Мутолиаи амиқ маънои онро дорад, ки хонанда бо матн навъе гуфтугӯ мекунад. Мепурсад: муаллиф чӣ мегӯяд? Далели ӯ чист? Кадом мафҳум марказӣ аст? Бо кадом фикр розӣ нестам? Чаро? Маҳз ҳамин гуна хондан тафаккурро фаъол мекунад. Агар ин кор дар мактаб аз синни муносиб оғоз шавад, хондан аз гирифтани маълумот ба сохтани андеша табдил

меёбад.

Ҳамчунин, парвариши маҳорати мустақилона навиштан. Навиштан аз беҳтарин машқҳои фикр аст. Вақте инсон танҳо сухан мегӯяд, метавонад аз фикре ба фикри дигар гузарад ва парешонии худро эҳсос накунад. Аммо навиштан ӯро водор мекунад, ки фикрро тартиб диҳад: масъала гузорад, далел биёрад ва хулосаи мантиқӣ барорад. Ҳар қадар инсон бештар нависад, ҳамон андоза дақиқтар меандешад ва равшантар баён мекунад. Аз ҳамин сабаб, дар мактаб бояд аз иншоҳои қолабӣ дур шавем. Агар ҳама хонандагон дар бораи мавзуе бо ҷумлаҳои яксон нависанд, мо навиштанро ба тақлид табдил додаем. Беҳтар аст хонанда матни кӯтоҳ нависад, аммо фикри худашро бо далел баён кунад. Ҳадафи навиштан такрори фикри дигарон нест, балки баёни андешаи худ бо далел ва мантиқ аст.

Ҷанбаи дигари муҳим ташаккули фарҳанги баҳс аст. Баҳс ҷанҷол нест. Ҳадафи баҳс пирӯз шудан бар рақиб нест; баҳси солим фазои санҷидани далелҳо, равшан кардани мавқеи худ ва наздик шудан ба фаҳмиши асосноктар аст. Дар баҳси солим инсон меомӯзад, ки ба андешаи дигарон бо эҳтиром гӯш диҳад, далелро аз шахс ҷудо кунад ва ба ҷойи ҳукм бар инсон, худи андешаро мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ба ҷойи «ту хато ҳастӣ» бигӯяд: «ман бо ин далел розӣ нестам, зеро…». Маҳз ҳамин фарҳанги гуфтугӯ аз пояҳои ҷомеаи муосир аст. Нуктаи муҳим ин аст, ки гуфтугӯи воқеӣ вақте имконпазир аст, ки мо сухани тарафи дигарро аз оғоз бемаънӣ нашуморем. Барои фаҳмидан бояд омодаи шунидан бошем.

Ниҳоят, омӯзиши забон ҳамчун воситаи таҳкими андеша. Ба назари ман, дар таълими забон мо баъзан аз мақсади асосӣ дур мешавем. Хонанда қоида меомӯзад, аммо фикри худро равшан баён карда наметавонад. Истилоҳ медонад, аммо матни мантиқӣ навишта наметавонад. Ин нишон медиҳад, ки байни донистани қоидаи забон ва истифодаи фаъолонаи забон фарқ вуҷуд дорад. Забон танҳо маҷмуи калимаҳо нест. Барои нутқи мантиқӣ танҳо захираи зиёди калима кофӣ нест, инсон бояд робитаи байни фикрҳоро бибинад. Бидонад, ки кадом фикр асосист. Кадом далел онро тақвият медиҳад. Кадом мисол танҳо тавзеҳ аст. Кадом хулоса аз далелҳо бармеояд. Маҳз ҳамин малакаҳо нутқи равшан, мантиқӣ ва фарҳанги тафаккурро ба вуҷуд меоранд. Аз ҳамин ҷиҳат, метавон гуфт, ки асоси нутқ андеша аст. Бо вуҷуди ин, миёни нутқ ва андеша робитаи мутақобил вуҷуд дорад. Андешаи равшан ба сухани равшан кумак мекунад, вале кори ҷиддӣ бо забон низ метавонад андешаро тартиб диҳад. Вақте инсон мекӯшад фикри худро дақиқ нависад, ӯ камбудиҳои худи фикрашро мебинад.

Таҳқиқот ва баҳсҳои муосир дар бораи забон ва тафаккур низ нишон медиҳанд, ки набояд яке аз ин дуро комилан тобеи дигаре донист. Забон метавонад ба таваҷҷуҳ, хотира, гурӯҳбандии таҷриба ва баъзе тарзҳои идрок таъсир расонад. Масалан, пажуҳишҳо оид ба забон ва идрок нишон медиҳанд, ки низоми забонии ҷиҳатҳо метавонад бо малакаи ҷиҳатёбии фазоӣ робита дошта бошад. Аммо аз ин набояд натиҷа гирифт, ки инсон комилан маҳбуси забони худ аст.

Акнун ба масъалаи забони миллӣ биёем. Ман бо ин андеша розӣ ҳастам, ки забон аз пояҳои ҳастии миллат аст. Ин ҳақиқатро набояд танҳо дар сатҳи эҳсосот дарк кард. Забон ҳофизаи таърихӣ, таҷрибаи фарҳангӣ ва мероси адабиро аз насл ба насл интиқол медиҳад. Вале рисолати он бо ҳифзи гузашта анҷом намеёбад. Агар забон танҳо мероси гузашта бошад, он ба осорхона табдил меёбад. Забони зинда забонест, ки бо замони худ ҳамқадам аст. Бо он бояд илм навишт, фалсафа андешид, назария офарид, тарҷума кард, баҳс намуд, истилоҳи нав сохт, матнҳои фаҳмову дақиқи ҳуқуқӣ ва фаннии муносиб ба табиати забон навишт. Мақоми расмӣ худ ба худ забонро ба воситаи дақиқи истеҳсоли дониш табдил намедиҳад. Барои он муҳити фаъоли илмӣ, фарҳанги таҳрири касбӣ, низоми устувори истилоҳсозӣ ва ниёз ба истеҳсоли пайвастаи матнҳо зарур аст.

Ҳифзи забон танҳо бо ситоиши он имкон надорад. Забон бо истифодаи босифат ғанию солим ҳифз мешавад. Роҳи ин кор низ аз худи истифода оғоз мешавад. Агар мо воқеан, забони тоҷикиро дӯст дорем, бояд бо он матнҳои хуб нависем, осори арзишмандро тарҷума кунем, истилоҳоти дақиқи илмӣ офарем, забони матбуот, маориф ва илмро ғанӣ гардонем. Ба кӯдак на танҳо қоидаи забон, балки лаззати хондан ва қудрати баёнро омӯзонем, завқи мутолиа, фарҳанги андешидан ва лаззати баёни равшану дақиқро дар ӯ парвариш диҳем.

Дар ин роҳ мероси адабии мо имкони бузург дорад. Адабиёти классикиро низ набояд танҳо барои азёд кардани шеъру достон истифода кард. Бояд бо матн гуфтугӯ кард. Масалан, Мавлоно

дар бораи лафз ва маъно, зоҳир ва ботин, сухан ва ҷаҳони дарунии инсон масъалаҳои бисёр амиқ мегузорад. Дар назари ӯ забон на танҳо воситаи баён, балки аз роҳҳои ошкор шудани моҳияти инсон ва маъносозии ҷаҳон аст. Ӯ мегӯяд:

Одамӣ махфист дар зери забон,
Ин забон парда-ст бар даргоҳи ҷон.
Чунки боде пардаро дарҳам кашид,
Сирри саҳни хона шуд бар мо падид.

Дар ин тасвир забон ба пардае монанд аст, ки ҷаҳони ботинии инсонро мепӯшонад, аммо ҳамин парда бо сухан канор меравад ва он чи дар дарун аст, ошкор мешавад, яъне, барои Мавлоно сухан танҳо садо ё воситаи ирсоли хабар нест. Сухан метавонад инсонро ба дигарон ва ҳатто ба худи ӯ ошкор кунад. Дар назари ӯ забон на танҳо воситаи баён, балки аз роҳҳои ошкор шудани моҳияти инсон ва маъносозии ҷаҳон аст.

Хулоса, ҷомеа андешиданро на аз китобе, дарсе ё насли омӯзгор, балки аз тамоми муҳити зиндагии худ меомӯзад. Ташаккули фарҳанги андеша низоми ба ҳам пайваста мехоҳад. Хонаводае, ки ба суоли кӯдак эҳтиром мегузорад, мактабе, ки на танҳо посух, балки пурсиданро меомӯзонад, омӯзгоре, ки худ андешиданро дӯст медорад, китобхонае, ки инсонро ба мутолиа даъват мекунад, фарҳанги баҳсе, ки дар он далел аз шахс болотар меистад, навиштане, ки андешаро ба тартиб меорад ва забоне, ки барои баёни андешаи мураккаб тавоно бошад тавони андешиданро густариш медиҳад.

Ҷаҳони фардо суолҳое хоҳад дошт, ки посухи бисёре аз онҳоро имрӯз намедонем. Вазифаи мо аз он иборат нест, ки барои фарзандони худ ҳамаи ҷавобҳоро аз пеш омода кунем. Муҳимтар он аст, ки дар онҳо ҷуръати пурсидан, қобилияти шубҳа кардан, одати санҷидани далел, тавони мустақилона андешидан ва масъулияти интихоби фикрро парвариш диҳем.

Ҷомеаи андешаманд аз кӯдаке, ки аз пурсидан наметарсад, аз омӯзгоре, ки ба суол эҳтиром мегузорад, аз хонаводае, ки сухани дигарро таҳаммул мекунад ва аз инсоне, ки пеш аз такрор кардан меандешад, оғоз мешавад. Ҷомеа маҳз ҳамин гуна фикр карданро меомӯзад.

Чу бо одамӣ ҷуфт гардад парӣ,
Нагӯяд парӣ ҷуз ба лафзи дарӣ.

Унсурӣ

Нигоҳ дор забон, то ба дӯзахат набарад,
Ки аз забон батар андар ҷаҳон зиёне нест.

Саъдии Шерозӣ

Гарчи ҳиндӣ дар узубат шакар аст,
Тарзи гуфтори дарӣ ширинтар аст.

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ

Ба шамшери забон марди суханвар
Кунад олам мусаххар чун Искандар.

Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст.
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То ватандор аст, бисёр аст ӯ.

Бозор Собир

ОХИРИН ДАРСИ МУАЛЛИМ

Яҳё МАҲМАДНАБИЕВ – рўзноманигор

Зимистони соли 2008 сарду бераҳм ва ниҳоят пурбориш омада буд. Чунин зимистонро мо ёд надоштем. Он шаб ҳам барф беист меборид. Боди саргардон чун гурги моҳҳо гурусна дар кўчаҳои хомўши деҳа ҳазину ваҳшатнок уллос мекашид. Шаб ба назар ниҳоят дароз менамуд ва гўё аз фоҷеаи нохуше хабар медод.

Соати чори субҳ, ногаҳон касе дари манзиламонро бо шаст кўфт. Модарам осемасар аз ҷой бархосту ҷониби дар давид. Ман ва ду апаам низ аз паси ў худро ба назди дар расонидем. Пушти дар бибии модариам меистод. Рангу рўяш канда, чашмонаш аз гиря варам карда буданд. Модарам ҳолати ўро дида, худро гум кард.

– Оча, чӣ гап шудааст?

Бибиям ба мо рў овард ва гўё барои гуфтани он ҷумла тамоми қувваташро ҷамъ мекард.

– Падаратон вафот кардааст...



Чанд лаҳза ҳама чиз дар назарам тира шуд. Гўё касе дар як лаҳза чароғи зиндагиро хомўш карда бошад. Бибиям идома дод:

– Аз сабаби барфи зиёд хабар доданд, ки майитро ба деҳа оварда наметавонанд. Ҷанозаро дар ноҳияи Рўдакӣ ба хок месупоранд. Либосҳои гарм пўшед. Мардҳои ҳамсоя шуморо мебаранд. Бо даст ҷониби ҳавлӣ ишора кард, ки дар он ҷо се мард чароғҳо дар даст моро интизор буданд.

Фазои хона дар як дам ба мотамсаро табдил ёфт. Фиғони бибии падариам ба фалак печид. Ў ҷигарбандашро аз даст дода буд, марде, ки ҳамагӣ чил сол дошт. Худро ба дару девор мезаду аз фироқи писараш менолид. Ман он вақт ҳамагӣ сездаҳсола будам. Намедонам чӣ гуна либос пўшидаму чӣ гуна аз хона баромадам. Ҳатто намедонам, ки чӣ гуна худро ба роҳи барфпўш расонидам.

Танҳо замоне ба худ омадам, ки чанд мард пешопеши мо дар роҳи пурбарф ҳаракат мекарданд ва барои ману апаи хурдиям роҳ мекушоданд. Аз роҳ осоре намондаву барф ҳама ҷоро пўшонида буд. Ҳар қадам бо афтодану хестан ҳамроҳ мешуд.

Пас аз заҳмати зиёд ба деҳаи ҳамсоя расидем. Он деҳа аз деҳаи мо тақрибан панҷ километр дуртар ҷойгир буд. Дар он ҷо мошини ҳамаҷогарди УАЗ моро интизор буд. Мошин бо азобу машаққат дар роҳҳои яхбаста ҳаракат мекард. Дар тамоми масир ҳеҷ худраве ба чашм намехўрд. Гўё дар он шаби барфиву сарду пурталотум касе ҷуръат намекард, ҷони худро ба хатар гузорад. Пас аз се соати ҳаракат ба манзили хешовандони наздики падарам расидем. Майитро ба он ҷо оварда буданд. Саҳни ҳавлии бузурги соҳибхона аллакай пур аз одамони шиносу ношинос буд. Ҳама бо чеҳраҳои гирифта, овозҳои паст ва қадамҳои сангин ҳаракат мекарданд. Амакам назди дари хонае, ки майит дар он ҷо қарор дошт, сар ба сукут фурў бурда меистод. Гўё дар он лаҳза охирин вазифаи бародариро иҷро мекард.

Вақте ки вориди ҳавлӣ шудам, чашми амакам ба ман афтод. Аз байни издиҳом бо шитоб ба сўям омада, маро сахт ба оғўш гирифт ва талху тулонӣ гирист.

Ҳеҷ гоҳ ўро чунин афсурдаву афгор надида будам. Дар гўшаи хотирам ҷой намегирифт, ки амакам марде бо он қадар ҷиддият, салобат ва ирода метавонад чунин бигиряд. Аммо он рўз ашк

аз чашмонаш барои фироқи бародар мерехт. Шояд, ҳамзамон, андешаи тақдири минбаъдаи мо низ дилашро реш мекард.

Ҳанӯз маро аз оғӯшаш раҳо накарда, бо садои гиряолуд гуфт:

– То он замоне ки ман ҳастам, шумо хор намешавед.

Он ҷумла барои ман танҳо як тасаллӣ набуд. Он ҷумла дар он рӯзҳои сиёҳ ба як ваъдаи бузург табдил ёфт.

Дар он овон аз зиндагии мустақилона чизе намедонистам. Барои ман падар такягоҳ буд ва бо рафтани ӯ сутуни асосии зиндагӣ фурӯ рехта буд. Амакам ҳамон рӯз бе он ки ман пурра дарк кунам, ҷойи он такягоҳро гирифт.

Пас аз марги падар тарбияи минбаъдаи мо пурра ба дӯши амакам гузашт. Ӯ баробари номзади илм ва шахси огоҳу донишманд будан, дар мактаби миёнаи деҳа омӯзгорӣ мекард. Аввалин номзади илм байни яғнобизабонҳо, ки рисолаи худро соли 1999 ҳимоя карда буд. Борҳо ӯро ба корҳои муҳимми идориву давлатӣ даъват мекарданд, аммо ҳар дафъа ҷавоби рад медод. Муаллим буданро рисолат медонист ва афзал мешумурд дар синфхона бошад, назди кӯдакон, назди тахтаи синф ва миёни китобу дафтарҳо.

Дар таълим шахси ниҳоят ҷиддӣ ва сахтгир буд. Ҳангоме ки ба синф медаромад, ба гунае даҳони ҳама ях мебаст. Овозаш баланд набуд, аммо салобаташ кофӣ буд, ки шӯру ғавғои синф дар як лаҳза хомӯш шавад.

Ҳамеша пурсиши дарсро аз ман оғоз мекард. Шояд барои дигарон ин танҳо муносибати омӯзгор ба хонанда буд, аммо барои ман вазъият дигар буд. Ӯ ҳам амакам буд ва ҳам омӯзгори ман. Аз ин рӯ, ҳар ҷавоби нодуруст барои ман ду баробар вазнин меафтод. Агар дарсро хуб намедонистам, аз ҷазову сарзаниши ӯ дар амон намемондам.

Аммо амаки сахтгири мактаб бо амаки хона тамоман фарқ мекард. Дар хона ӯ шахси ниҳоят ҳалиму меҳрубон буд. Шояд кам падаре нисбат ба фарзандонаш чунин меҳрубониро арзонӣ дорад.

Гоҳе ба писарони ҳамсоя тақлид карда, банду табар ба даст мегирифтам ва мехостам аз саҳро ҳезум биёрам. Амакам аз ин кори ман сахт асабонӣ мешуд. Боре табарро аз дастам гирифта, дур партофт ва бо қаҳр гуфт:

– Ҳамаи ин корро худам мекунам. Ту рав, дарсатро тайёр кун!

Он вақт шояд маънии ин ғамхориро пурра намефаҳмидам. Имрӯз, пас аз гузашти солҳо, дарк мекунам, ки он қаҳр ҳам як навъ меҳрубонӣ будааст. Ӯ намехост мо кӯдакии худро бо кори сангин гузаронем. Мехост хонем, дониш омӯзем ва роҳи худро дар зиндагӣ пайдо кунем.

Амакам инсонеро мемонд, ки нисбат ба саломатии худ низ ниҳоят эҳтиёткор буд. Ҳар ғизое, ки эҳсос мекард метавонад ба саломатиаш зарар расонад, намехӯрд. Солҳои зиёд аз гӯшт парҳез мекард. Ба гуфтаи худи ӯ, ҳанӯз дар кӯдакӣ ба дарде гирифтор шуда будааст ва табибон тавсия додаанд, ки истеъмоли гӯштро маҳдуд кунад. Ӯ ин тавсияро то охири умр риоя кард ва боре ҳам даст ба гӯшт намебурд. Аммо касе намедонист, ки пушти ин тарзи зиндагӣ ва ин ирода чӣ қадар заҳмату дард пинҳон аст.

ДАР ЯК ШАБ МӮЙҲОЯШ САФЕД ШУДАНД

Соли 2011 ман дар синфи даҳум таҳсил мекардам. Як рӯз ногаҳон ба дарди сахти шикам гирифтор шудам. Соатҳои аввал онро ҷиддӣ нагирифтам. Гумон кардам, дарди одии шикам аст ва худ аз худ мегузарад. Ба корҳои рӯзмарра идома додам, аммо дард лаҳза ба лаҳза шиддат мегирифт.

Аз дарди ҷонкоҳ ба худ мепечидам, вале ҳар бор бо аҳли хона рӯ ба рӯ мешудам, худро солим вонамуд мекардам. Намехостам касеро нигарон кунам. Ин сир то замони омадани амакам пинҳон монд. Вақте ки аз мактаб баргашт, ман рӯйи сӯфа нишаста будам. Баробари диданаш худро солим вонамуд карда, барои эҳтиром аз ҷой бархостам. Ӯ ду қадам аз наздам гузашт, аммо ногаҳон истод, рӯяшро ба ҷониби ман гардонда пурсид:

– Куҷоят дард мекунад?

Аз саволаш дар ҳайрат мондам. Чӣ гуна фаҳмид? Ман ҳатто кӯшиш карда будам, ки дардро пинҳон кунам. Аммо назди амакам дурӯғ гуфтану фиреб карданро гуноҳи нобахшиданӣ медонистам. Дасти худро ба ҷониби рости поёни шикам бурда гуфтам:

– Инҷоям дард мекунад.

Бо лаҳни ҷиддӣ сарзаниш кард:

– Чаро пинҳон мекунӣ?

Сипас амр кард, ки либосҳояро пӯшам ва ба беморхона меравем. Хостам исрор кунам, ки шояд чизе нест ва дард мегузарад. Аммо медонистам, вақте ки амакам қарор қабул кард, дигар баҳс кардан маъное надорад.

Аввал маро ба беморхонаи ноҳиявӣ бурданд. Пас аз муоина маълум шуд, ки ба илтиҳоби кӯррӯда (аппендитсит) гирифтор шудаам ва бояд фавран ҷарроҳӣ мешудам.

Маро ба беморхонаи ёрии таъҷилӣ равон карданд. Пас аз гузаронидани доруи беҳушкунанда дигар чизеро дар ёд надорам, танҳо субҳ вақте ба ҳуш омадам, болои сарам модарам, амакам ва тағоям нишаста буданд. Аммо он чизе ки дар чеҳраи амакам маро ба ҳайрат оварда, ки дар як шаб ришу мӯйҳояш чун барф сафед шуда буданд. Ман ба ӯ нигоҳ карда, чанд лаҳза хомӯш мондам. Баъдан модарам гуфт, дар тамоми он соатҳое, ки ман беҳуш будам, амакам як лаҳза ҳам мижа таҳ накардааст. Болои сарам нишаста, назорат мекардааст, то дар вақти беҳушӣ дасту пой назанам ва ба захми ҷарроҳӣ осеб нарасад.

Он рӯз бори аввал ба маънии ҳақиқии як ҷумлаи одӣ расидам: баъзан инсон аз ғами касе пир мешавад.

Пас аз дидани ҳолати амакам, ки дар як шаб ришу мӯйяш сафед шуда буд, ба воқеияти суханони бародари наздике, ки мегуфт: «Сарам дар як шаб сафед шуд, ҳамон шабе, ки модарам аз дунё гузашт», бовар кардам, чун ман инро бо чашми худ дида будам.

ҲАЁТ БАРОЯШ ҲАМЕША НОМЕҲРУБОН БУД

Амакам аз рӯзгор гила надошт ва ҳеҷ гоҳ нашунидаам, ки аз мушкилоти зиндагӣ шикоят карда бошад. Мисли марде, ки аз кӯдакӣ бо душвориҳо рӯ ба рӯ шуда буд, ба мушкилот ҳамчун як қисми ногузири зиндагӣ менигарист. Баробари омӯзгор будан, гову мол нигоҳ медошт ва корҳои хоҷагиро низ ба дӯш мегирифт. Бо меҳнати ҳалол зиндагӣ мекард ва назди касе дасти тамаъ дароз намекард.

Ҳанӯз чорсола будааст, ки падараш вафот мекунад. Модараш бибии Бибикалон он вақт ҳамагӣ бисту панҷ сол доштааст. Ӯ бо ду фарзанди хурдсол, яке дусола ва дигаре чорсола танҳо мемонад. Бори зиндагиро танҳо бар дӯш гирифт, фарзандонашро ба воя расонд ва барои онҳо ҳам падар буду ҳам модар. Шояд ҳамин кӯдакии пур аз маҳрумият ва меҳнати сангин буд, ки аз амакам марди оҳанин сохт.

Тамоми корҳои хоҷагӣ, аз алафдаравиву гандумдаравӣ то дигар корҳои саҳроро монда нашуда иҷро мекард. Дар миёни рӯзи корӣ танҳо ду бор дам мегирифт: як бор ҳангоми наҳорӣ ва бори дигар вақти хӯроки нисфирӯзӣ.

Аммо рӯзи ӯ бо анҷоми кори саҳро ба поён намерасид. Шабона, баъд аз он ҳама заҳмат, то соатҳои ёздаҳ ё дувоздаҳи шаб китоб мехонд. Реҷаи хобаш аксаран ҳамагӣ чор-панҷ соатро дар бар мегирифт. Ӯ ҳам кор мекард, ҳам мехонд, ҳам меомӯзонд, барои истироҳат вақт надошт.

Номеҳрубонии дигари рӯзгор он буд, ки фарзандони амакам дар хурдсолӣ бо сабабҳои гуногун аз дунё гузашта буданд ва мо, фарзандони бародараш, гӯё охирин истгоҳи орзуву омоли ӯ шуда будем. Муҳаббаташ ба мо ҳадду канор надошт.

Соли 2013, вақте ки ба донишгоҳ қабул шудам, хурсандии амакамро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Он вақт маоши омӯзгориаш тақрибан 3000 сомонӣ буд. Аз ҳамин маблағ ҳар моҳ 1500 сомониашро барои ман мефиристод. Бо нисфи боқимонда рӯзгори хонаводаро пеш мебурд. Ӯ ба таҳсили ман сармоягузорӣ мекард, ба ояндаи ман бовар дошт ва шояд дар ман идомаи орзуҳои худу бародарашро медид.

ХОБИ БАД БА ҲАҚИҚАТ МУБАДДАЛ ГАШТ

Субҳи якуми марти соли 2018 амакамро дар хоб дидам. Дар хоб назди тирезаи хона бо ҳамон либосҳои зебову шинаме, ки одатан, ҳангоми ба дарс рафтан мепӯшид, ғамгину маҳзун нишаста буд. Чун шахси бечораҳол ба берун менигарист ва гоҳ-гоҳ оҳи дарднок мекашид.

Аз ӯ пурсидам, ки чаро ба дарс намеравад?

Бо садои маҳзун ҷавоб дод:

– Ба пойҳоям чизе шудааст. Аз ҷой хеста наметавонам, – гуфта, пойҳояшро молиш додан гирифт. Бо ҳамин ман аз хоб бедор шудам.

Мегӯянд, хобе, ки субҳгоҳон мебинӣ, баъзан ба ҳақиқат мепайвандад. Ман ба ин гуна гуфтаҳо чандон аҳаммият намедодам, аммо он субҳ хоби дидаам дар вуҷудам эҳсоси нохуше гузошт.

Зуд рамзи телефони худро кушода, хостам ба амакам занг занам, аммо баробари кушодани телефон нигарониам даҳчанд шуд. Модарам дувоздаҳ маротиба пайи ҳам ба ман занг зада буд. Аз сабаби он ки шабҳо телефонро бе садо карда мехобидам, аз зангҳои модарам бехабар монда будам.

Ин ҳолатро дида, вуҷудам ба ларза даромад, ососемасар ба модарам занг задам ва гӯё модарам интизори занги ман буд, ки фавран гӯширо бардошт. Ҳатто аҳволпурсӣ накарда, аввалин саволам ин буд:

– Амакам чӣ хел?

Модарам бо овози нигарон ҷавоб дод:

– Ба амакат чизе шудааст, ки аз ҷой хеста наметавонад.

Ин сухан вуҷудамро ба ларза овард, беихтиёр ашк аз чашмонам ҷорӣ шуд, ба дил мегуфтам: «Хоби лаънатӣ рост баромад».

Он лаҳза ҳазор бор ба худ лаънат мефиристодам, ки чаро ба хоби субҳгоҳон рафтам. Дар зеҳнам танҳо як фикр мечархид: мабодо он кӯҳи бузурге, ки солҳо метавонистам ба ӯ такя кунам, фурӯ рехта бошад?

Ман худро бекастарин одами дунё ҳис мекардам. Зуд роҳ ҷониби деҳа пеш гирифтам ва дар тамоми роҳ як фикр маро ором намегузошт: Акнун ман бояд пушту паноҳи амакам бошам. Ӯ вазифаи худро аз будаш зиёд иҷро кард.

Вақте ки ба деҳа расидам, амакам ба назар тамоман солим менамуд. Танҳо пойҳояш ҳаракат намекарданд. Табиби хонагӣ ӯро муоина карда гуфт, ки бар асари фишори баланди хун сактаи мағзӣ гирифтааст, аммо имкони дубора ба по хестанаш вуҷуд дорад ва ин сухан барои ман хуштарин хабари он рӯз буд.

САДОҚАТ БА КАСБ

Амакамро ба Душанбе овардем ва аз пайи табобаташ шудем. Табибе, ки масъули табобати амакам буд, баъди муоинаҳои пай дар пай ва дидани натиҷаи ташхисҳо қатъиян таъкид кард, ки ӯ бояд аз ҳар гуна кори фикрии зиёд, бахусус, аз фаъолияти омӯзгорӣ, даст кашад, зеро идомаи чунин кор метавонад ба саломатии ӯ таъсири ҷиддӣ расонад, аммо ман хуб медонистам, ки ба амакам гуфтани ҳамин як ҷумла аз садҳо сухани дигар душвортар аст, чунки барои ӯ мактаб хона ва муаллимӣ нафасу зиндагияш буданд. Ӯ қариб панҷоҳ соли умрашро дар мактаб гузаронда буд ва омӯзгорӣ чунон бо вуҷуди ӯ омехта шуда буд, ки ҷудо кардани инсон аз касб дар мавриди ӯ гӯё ҷудо кардани як пора аз худи вуҷудаш буд.

Ман назди ӯ нишаста, бо эҳтиёту мулоимӣ кӯшиш кардам фаҳмонам, ки дигар ба мактаб рафтанаш дуруст нест ва бояд саломатиро аз ҳама чиз болотар гузорад, вале амакам ба суханони ман ҷавоби фаврӣ надод; ӯ дар канори бистари беморӣ хомӯш нишаста, асояшро зери манаҳ гузошта буд ва муддати дароз ба як нуқта менигарист, гӯё дар пеши чашмаш на девори беморхона, балки ҳамаи он солҳое меомаданд, ки аз саҳари барвақт ба мактаб рафта, дар назди тахтаи синф истода, ба наслҳои гуногуни деҳа дарс гуфта буд.

Ман он сукутро мефаҳмидам, барои ӯ тарки мактаб аз марг камтар набуд. Бо вуҷуди ин, барои он ки қарори ман танҳо бар эҳсос асос наёбад, дубора бо табиб суҳбат кардам ва аз ӯ пурсидам, ки оё воқеан, идомаи кори омӯзгорӣ метавонад барои амакам хатарнок бошад; табиб гуфт, ки амакам то он вақт аллакай чор маротиба сактаи мағзӣ гузарондааст, гарчанде сактаҳои қаблӣ сабуктар гузашта буданд, аммо фаъолияти зиёди фикрӣ ва фишори равонӣ метавонад хатари сактаи дигарро зиёд кунад ва оқибати чунин ҳолат шояд аз пештара хеле вазнинтар бошад.

Бо ин ҷавоб дубора назди амакам баргаштам. Ӯ ба чеҳраи ман нигариста, бо овози пасту ором пурсид:

– Намешудааст?

– Мутаассифона, не, амак, – гуфтам.

Ӯ чанд сония ба ман нигарист, баъд оҳиста сар фуруд оварда гуфт:

– Хайр, ба тақдир тан додан лозим... Сипас рӯ ба девор гардонда хомӯш монд.

Ман медонистам, ки амакам дар тамоми умраш аз душвориҳо нагурехтааст; кӯдакии сахтро пушти сар карда, падарро дар чорсолагӣ аз даст дода, дар шароити сангини деҳа ба воя расида, ҳамзамон бо корҳои вазнини рӯзгор таҳсил карда, шабҳо китоб хонда, то ба дараҷаи илмӣ расида ва сипас зиндагии худро ба мактаб бахшида буд, бинобар ин акнун аз ӯ талаб кардан, ки танҳо бинобар беморӣ аз ҳамон мактабе, ки қариб ним аср хонаи дуюмаш буд, даст кашад, барояш кори осон набуд. Вале зиндагӣ баъзан инсонро маҷбур мекунад ба чизҳое розӣ шавад, ки тамоми умр аз онҳо гурехтааст.

Баъд аз чанд вақт, бо фаро расидани фасли гармо, ӯро барои истироҳат ба деҳа бурдем. Ҳавои зодгоҳ ва ҳамон муҳити одие, ки тамоми умраш дар он гузашта буд, гӯё ба ӯ қувваи дигар бахшиданд ва рӯз ба рӯз ҳолаш беҳтар шуд, аввал бо асо роҳ мерафт, баъд масофаи бештарро бе таваққуф тай мекард ва ниҳоят рӯзе расид, ки асоро канор гузошта, мустақилона қадам мезад.

Тирамоҳи соли 2019, вақте ки соли нави таҳсил оғоз шуд, як рӯз амакам ба ман занг зад ва аз овозаш маълум буд, ки худро нисбат ба моҳҳои пештара хеле беҳтар эҳсос мекунад.

– Яҳёҷон, ҳолатам бисёр хуб шудааст, мехоҳам ба мактаб равам. – Дар хона зиқ мешавам. Ба синфҳои боло дарс медиҳам, гапро мефаҳманд, ту чӣ мегӯӣ?

Ростӣ, аз он ки амакам аз ман иҷозат мепурсид, худро нороҳат ҳис кардам. Ӯ ҳамон одаме буд, ки аз кӯдакӣ барои ман роҳ нишон медод, маро ба хондан водор мекард, дар лаҳзаҳои душвор дастгирӣ менамуд ва ҳатто баъзан ба ҷойи ман қарор қабул мекард, аммо акнун ҳамин мард аз ман мепурсид, ки ба мактаб рафтанаш чӣ назар дорам.

Аз як тараф, мехостам бигӯям, ки равед, агар худро хуб ҳис мекунед, зеро медонистам, ки бе мактаб ва бе шогирдон худро дар хона маҳдуду бегона эҳсос мекунад, аз ҷониби дигар, сухани табиб ҳанӯз дар гӯшам садо медод ва тарси он доштам, ки бозгашти ӯ ба синф метавонад ба саломатияш зарар расонад.

Ниҳоят гуфтам:

– Худатон медонед, амак, аммо эҳтиёт кунед, соати бисёр нагиред.

Ӯ фавран ҷавоб дод:

– Не, не, соати бисёр намегирам. Ва телефонро гузошт.

Ҳамин тавр, амакам боз ба мактаб баргашта, ду соли дигар ба шогирдон дарс дод. Дар ҳамон солҳо, бо вуҷуди беморӣ ва синну сол, ӯ ба кори илмиву эҷодӣ низ идома дод ва китоби алифбои забони яғнобӣ (Алифбо шеъртипи) навишта, ба итмом расонид. Аммо, мутаассифона, фурсат наёфт, ки онро ба нашр расонад.

Сипас, тирамоҳи соли 2021 сактаи дигар ба сараш омад. Баъди ташхиси томографӣ табиб гуфт, ки аз чиҳати зеҳниву равонӣ ба худ бисёр фишор овардааст, ман гуфта будам, ки ӯро аз корҳои фикриву равонӣ дур кунед, гуён маро сарзаниш мекард.

Дар ин кор то андозае худро муқассир медонистам. Ба худ лаънат мехондам, ки чаро ҳамон рӯзе, ки аз ман иҷозати ба дарс рафтанро кард, ихтиёрро ба худаш гузоштам. Кош «не» мегуфтаму амакам ба ин ҳол намеафтод, аммо агар ӯро аз роҳи муаллимӣ бозмедоштам, шояд ҳамон сол зиндагӣ барояш хатм мешуд, чун пешаи омӯзгорӣ барояш на касб, балки зиндагӣ буд.

ВОПАСИН ВАСИЯТ

Он солҳо ман дар Душанбе кор мекардам ва тақрибан моҳе ду маротиба ба деҳа мерафтам. Дар рӯзҳои дигар нигоҳубини амакам бештар бар дӯши ҳамсараш ва модарам буд, ки ҳардуяшон бо тамоми имконоти худ ба ӯ хизмат мекарданд, доруҳояшро назорат мекарданд, дар корҳои рӯзгор ёрӣ мерасонданд ва кӯшиш мекарданд, ки рӯзҳои боқимондаи умрашро барояш то ҳадди имкон осуда созанд.

Ман борҳо ба амакам пешниҳод кардам, ки ба Душанбе биёяд ва зери назорати табибон зиндагӣ кунад, то агар ҳолаш ногаҳон бад шавад, мо зуд ба ёрии ӯ расем, аммо ӯ ҳар дафъа бо ягон баҳона аз ин пешниҳод мегузашт; шояд намехост барои ман бори иловагӣ шавад, шояд намехост хонаи худро тарк кунад ва шояд дар вуҷудаш ҳамон ғуруре боқӣ монда буд, ки тамоми умр ӯро водор мекард мушкилоти худро бештар худаш ҳал кунад ва дигаронро ба ташвиш наандозад.

1-уми марти соли 2022 ҳолаш боз ҳам вазнintар шуд ва тадриҷан сухан гуфтан барояш душвор гардид. Модарам баъдтар нақл кард, ки ҳар боре онҳо мехостанд ба ман занг зананд,

амакам бо ишораи сар розӣ намешуд, гӯё намехост маро аз Душанбе ба ташвиш андозад, аммо рӯзи 7-уми март дигар муқобилат накард ва иҷозат дод, ки ба ман хабар диҳанд.

Ҳамон рӯз ба деҳа рафтам. Вақте ки бегоҳ ба хона расидам, аввалин чизе, ки дидам, чеҳраи тағйирёфтаи амакам буд. Ӯ хеле заиф шуда, нафаскашиаш душвор шуда буд ва ман, ки солҳои зиёд ӯро ҳамчун марди қавӣ, ростқомат ва такягоҳи хонавода дида будам, акнун дар назди бистараш истода, бо чашмони худ медидам, ки он кӯҳи бузурги зиндагии ман тадриҷан ба хомӯшӣ меравад.

Аммо вақте маро дид, гӯё дар вуҷудаш ҳанӯз як неру боқӣ монда буд. Дасташро каме боло бурда, бо ҳамон ҳаракати заиф бо ман салом кард. Ман назди ӯ нишастам, дасташро гирифтам ва чанд лаҳза танҳо ба чеҳрааш нигаристам. Ӯ мехост чизе бигӯяд, лабонаш ҳаракат мекарданд, аммо калимаҳо дигар ба забонаш намеомаданд, танҳо дасти маро нигоҳ дошт ва ба чашмонам нигарист.

Шояд мехост бигӯяд, ки аз хона, аз оила ва аз одамоне, ки тамоми умр барои онҳо зиндагӣ кардааст, ғамхорӣ кунам, аммо ҳар чи мехост бигӯяд, дигар имкони ба забон овардан надошт. Ҳамин нигоҳ, ҳамин фишори даст ва ҳамин ҳаракати охирини лабҳояш барои ман ба як васияти нонавишта табдил ёфт. Васияте, ки дар он ягон ҷумла набуд, аммо маънояш аз садҳо китоб бештар буд.

Ӯ 7 марти соли 2022, соати яки шаб аз олам даргузашт. Диле, ки солҳои зиёд барои зиндагӣ, барои илм, барои мактаб, барои шогирдон ва барои мо, фарзандони бародараш, метапид, билохира аз задан бозмонд. Аммо хотироти амакам барои ман ҳамеша зинда аст.

Вақте ки рӯзи марги падарамро ёд меорам, он ҷумлаи амакамро боз мешунавам. Вақте ба шаби бемории худам фикр мекунам, мӯйҳои сафедшудаи ӯро мебинам.

Вақте ки лаҳзаи ба мактаб рафтани ӯро баъди беморӣ меандешам, муҳаббаташро ба касб эҳсос мекунам. Ва вақте 7-уми март мешавад, дасте, ки охирин бор дасти маро фишурд, пеши назарам меояд.

Агар умр вафо мекард, 20 сентябри имсол амакам 75-сола мешуд, аммо чархи фалак бар хости мо намечархад. Ӯ рафт, аммо он ҷумлае, ки гуфта буд «То он замоне ки ман ҳастам, шумо хор намешавед» то абад дар гӯши ман садо хоҳад дод. Ва шояд инсон маҳз ҳамон вақт мемирад, ки дигар касе суханашро ба ёд намеорад.

Амаки ман бошад, то вақте ки ин ҷумла дар ёди ман зинда аст, барои ман зинда хоҳад монд, зеро ӯ танҳо марди накуи як хонадон набуд. Ӯ барои ман намоди як марди ҳалолкор, донишман, омӯзгори масъулиятшинос ва аз ҳама муҳам, инсони ба ваъда содиқ буду мемонад.

БА МУАЛЛИМ

Азизу меҳрубони ман, муаллим.
Сафобахши равони ман муаллим.
Чу ширинӣ ту шаҳди ҳарфҳоро
Ниҳодӣ бар забони ман, муаллим.
Зи нури меҳри ту гардид рӯшан
Замину осмони ман, муаллим.
Зи илми туст андар зиндагонӣ
Ҳама тобу тавони ман, муаллим.
Чӣ рангину мунаввар гашту зебо
Зи файзи ту ҷаҳони ман, муаллим.
Бимонад ёди неку рӯшани ту
Чу нуре дар ниҳони ман, муаллим.

Камол Насрулло

ТАСВИРИ НБО-И РОҒУН ДАР АСАРҲОИ МУСТАНАДИ ШЕРАЛӢ МУСО

БА ИСТИҚБОЛИ 10-СОЛАГИИ ОҒОЗИ БУНЁДИ САРБАНДИ НБО-И РОҒУН




Насиба КУЧАРОВА – докторанти кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

МУҚАДДИМА

Оид ба лаҳзаи дар сари фармони булдозер нишаста, роҳи дарёи Вахшро бастани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар воситаҳои ахбори омма матолибу мақолаҳои зиёде ба табъ расидаанд, ки дар миёни онҳо эссеи нависанда ва публитсист, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шералӣ Мусо бо номи «Рӯзе, ки Эмомалӣ Раҳмон дунёро дар ҳайрат гузошт» бо муассирӣ ва ҷолибии худ мавқеи сазовор дорад. Мундариҷаи асар бо чунин суханҳо сар мешавад: «29-уми октябри соли 2016 шайпури фатҳ кашида шуд ва он рӯз рӯзи нур гардид, ки бидуни шак, дар таърихи навини Тоҷикистон бо ҳарфҳои заррин сабт ёфт. Зеро дар ин рӯз пеши мачрои дарёи Вахш баста шуду бунёди пойдевори асосӣ, сохтмони дарғоти Неругоҳи барқи обии Роғун, ки баландтарин сад дар ҷаҳон маҳсуб меёбад, оғоз гардид»[1] (297).

Дар саросари мундариҷаи асар майлу таваҷҷуҳ, маҳорати нигорандагӣ ва масъулияти шахрвандии муаллиф басо равшану возеҳ ба қалам омадааст. 10 сол пеш, охирҳои моҳи октябр, намояндагони олирутбаи тамоми қишрҳои ҷомеаи Тоҷикистон ва корпусҳои дипломатии мамлакат барои шодбошии ин санаи таърихӣ ба шаҳри чун арӯс ороёфтаи Роғун ташриф оварда буданд, ки «бе ягон муболиға замин кафида, одам баромада буд» ва «аз бисёрии одам ҷои сӯзанзанӣ набуд» ва чашмони хурду калон ба як нуқта – ба ҷои бастани роҳи дарёи Вахши саркаш дӯхта шуда буданд.



Бузургӣ ва арзиши сатҳи ҷаҳонии ин воқеаи таърихӣ тавассути муколамаи симоҳои шинохтаи ҷумҳурӣ, чун устод Бозор Собир, Рустами Ваҳҳобзода низ баён мегардад, вале қаҳрамони асосӣ дар ин эссе Сарвари муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳастанд ва тамоми сужети асар ба суханронӣ ва амалиёти он кас иртибот мегирад. Дар тасвири нависанда Пешвои миллат ғайричашмдошт аз мошин бо либоси коргарӣ берун шуда, «Бисмиллоҳи раҳмонир раҳим, Худои мутаол ояндаи Тоҷикистонро дурахшон гардонад» гуфта, паси фармони булдозери пуриқтидори замонавӣ нишастанд ва бо амали боҷуръатонаи худ ҳамаро дар ҳайрат гузоштанд. Муаллиф-ноқил ин лаҳзаи ҳассосро чунин ба қалам додааст: «Дилам ончунон сахт ба тапиш даромад, гӯё ки кӯҳ таркида бошад, гӯшҳоям қуфл мезананд. Ин чӣ муъҷиза? Наход руъё, фиреби назар? Наход… Не, не, ин ҳақиқат буд. Хомӯшии мутлақ ҳукмрон гашт. Гӯё ҳеҷ кас нафас намекашид. Ҳатто овози Вахши саркаш ҳам ба гӯш намерасид».[2]

[1] Мусо, Ш. Рӯзе, Эмомалӣ Раҳмон ҷаҳонро дар ҳайрат гузошт // Б. Муртазо, Ш. Мусо. Чароғафрӯзон. – Душанбе, 2024. – С. 297-305.

[2] Ҳамон ҷо, – С. 301.

Амали бобарор ва ҷасуронаи Сарвари муаззам, ки булдозери зарди пӯлодинро ҳам ба худ ром намудааст, бо суханҳои образноки «мисли садои ду тори як дутор, мисли ду мисраи як байт, ду боли як кабӯтар, чун шеъру тарона» ва порчаҳои шеърии ватандӯстонаи Рустами Ваҳҳобзодаву Низом Қосим ифода ёфтааст, бемуҳобот, қалбу руҳи хонандаро тасхир намуда, дар ӯ эҳсоси ифтихор ва ҳамраъйӣ ба Сарвари муаззами давлатро мепарварад. Нависандаи борикбин дар ин эссе бо шинохти амиқи зиндагӣ, дарки дурусти рӯйдодҳои маънавию ахлоқӣ, тасвири возеҳу дилкаши воқеаҳои муҳимми иҷтимоӣ пеши назари хонанда ҷилвагар мешавад ва маърифати ӯро дар мавриди корнамоии мардони арсаи НБО-и Роғун афзоиш медиҳад.

Шералӣ Мусо на танҳо бо очерку эссеҳои дилнишину хотирмон, инчунин, бо қиссаҳои мустанад, аз қабили «Достони Роғун» (Садои Шарқ. –2015. – № 9. – С. 47-81), «Ҷонам фидои Роғун» (Душанбе, 2023), «То дил метапад» (Чароғафрӯзон. – Душанбе, 2024. – С. 306-404) масъалаҳои мубрами неругоҳҳои барқи обии Тоҷикистон, аз ҷумла, неругоҳи Роғунро мавриди таҳқиқу тасвири бадеӣ қарор медиҳад. Бояд гуфт, ки нависанда соли 2015 ба қиссаи «Достони Роғун» чанд матлаби аз нигоҳи мундариҷа ба ҳам наздику алоқамандро бо номҳои «Маҳаки номус», «Нигине дар кӯҳистон», «Роҳи Роғун дигар аст», «Шарофати ояти Қуръон», «Сарнавишти зарнавишт» ва «Меҳвари қалб» илова карда, китобе бо номи «Достони Роғун» (Душанбе, 2015. – 360 с.) ба табъ мерасонад, ки ҳар кадом моломоли эҳсоси волои шаҳрвандӣ ва масъулияти баланди ватандорию ифтихори миллӣ мебошанд. Мо достони ҳаштум – «Шуълаи барқи ҳақиқат»-ро, ки аз нигоҳи мундариҷа ва муҳтаво як навъ ҷамъбаст ва натиҷагириҳои матнҳои пешин ба шумор меравад, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Гоҳо дар асарҳои бадеӣ ва осори публитсистӣ муаллиф барои боз ҳам ҷолибтар ва хотирмонтар баромадани матн дар оғози асар ё дар ибтидои қисмҳои он матни кутоҳеро аз андешаҳои бузургони ҷаҳонӣ, мақолу зарбулмасал ё ифодаҳои барҷастаи суханварони соҳибҳунари сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ меоранд, ки ба мақсаду мароми муаллиф ва мундариҷаи ғоявии матн ишора мекунад ва онро дар истилоҳи илмӣ эпиграф меноманд.

Эпиграфи достони «Шуълаи барқи ҳақиқат»-и Ш. Мусо фарогири каломи ҳикматноки Арастуи юнонӣ – «Афлотун дӯсти ман аст, аммо ҳақиқат авлотар аст» (ҳамаи ҳашт достон бо эпиграф оғоз мешавад) мебошад, ки моҷароҳои аз ҷониби давлати ҳамсоя ба сари сохтмони неругоҳи Роғун омада ва оқибат ба ғалабаи ҳақиқат анҷом ёфтани ин талошҳои ғаразнокро бозгӯ менамояд.

Адабиётшинос Р. Мусулмониён мавқеъ ва манзалати манзараро дар асарҳои бадеӣ чунин арзёбӣ кардааст: «Бидуни манзара асари эпикӣ арзиши муътадили эстетикии худро соҳиб шуда наметавонад. Нависанда имкон дорад, ки дар ташаккули характер, баёни воқеа, ҳалли зиддият, нишон додани руҳия ва ҷаҳонбинии персонажи худ ва умуман, ба мақсадҳои гуногуни дигар аз манзара фоида барад».[1] Тасвири манзара дар осори публитсистӣ, махсусан, пубдитсистикаи бадеӣ низ мавқеи муносиб дорад ва аз моҳияти иҷтимоии воқеаҳои минбаъда ва табиату ҳолатҳои руҳии симоҳои асар дарак медиҳад.

Қиссаи мустанади «Шуълаи барқи ҳақиқат»-и Шералӣ Мусо бо тасвири манзараи ҳузнангези мавзеи Роғун оғоз гардида, аз вазъи ноҳинҷор ва пуртаҳлукаи ин сохтмони азим шаҳодат медиҳад: «Уфуқро ҳамранги хун карда, шамси ховар ғуруб мекард. Ва дилгирии самои тирафомро гиротар менамуд. Дарёи Вахши саркаш бори бисоти ору нангро ба дӯш гирифта, дар изтиробу печутоб кӯҳу сангро лесида навҳа мекашид. Сукути қуллаҳо оҳу дарду ғаме дошт беҳисоб. Бодҳо нолакунон савти бедодӣ ба ҳар сӯ мебурданд. Мусиқии ҳазини бод тану ҷони Сармадро фишор медод, дилашро хун мекард»[2].

Манзараи ҳузнангези табиати Роғун ва боз дар хоб дидани Сармади сохтмончӣ бошаеро, ки ҳангоми чаҳ-чаҳи парандагон чун балои осмонӣ пайдо шуда, ба қумрие ҳуҷум меоварад, аз рӯй додани воқеаи нохуш дар ин сохтмони аср дарак медиҳад. Ва баъд аз мубоҳиса ва муҳокимаи ҳамкорон – Сармад, Маҷид, Ҳомид Оев, Ҷамшед, Давлатбек (муҳандис), Раҳмон маълум мешавад, ки роҳбари аввали давлати ҳамсоя баста шудани сохтмони Роғунро талаб кардааст. Нависанда тавассути суҳбати сохтмончиёни Роғун ва ҳолати руҳиву равонии онҳо, ки саршор аз

[1] Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. – С. 125.
[2] Мусо, Ш. Достони Роғун. – Душанбе: Адиб, 2015. – 360 с.

мақолу зарбулмасал ва суханҳои ҳикматноку порчаҳои шеърӣ мебошанд, то чӣ андоза муғризона ва ғайривоқеӣ будани ин дархостро ошкор месозад.

Маҷид… гуфт:

– Ҳар кас, ки мегӯяд Роғун зарар дорад, «бигзор, аввалин шуда, ба ман санг андозад!» Вале онҳо агар дар шаби хобашон ба орзуяшон нарасанд, дар бедорӣ амри маҳол.

– Гапи беҳуда назан! – дӯғ зад Сармад. – «Душманат гар пашша бошад, камтар аз филаш мадон», – гуфтаанд…

– Мақоли олмонӣ мегӯяд: «Аз душмани худ ҳеҷ меҳру вафо ва сидқу сафо умедвор набош. Оташ, ки обро гарм мекунад, оқибат аз дасти об хомӯш мешавад».[1]

Ҳамин тариқ, ҳангоми суҳбат аз мақолу зарбулмасалҳое, чун «Аёз, ҳадди худро бишнос», «Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам, Ки бо ман ҳарчи кард, он ошно кард», «Ҳамсоя доди Худост», «Бузургтарин гуноҳ тарс аст», «Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор» ва порчаҳои шеърие, чун «Сустию навмедӣ андар роҳи заҳматкаш хатост, То нафас боқист дар тан, кор мебоист кард» (Лоҳутӣ) фаровон истифода кардани сохтмончиён аз донишу таҷриба, аҳли фарҳанг ва мавқеи иҷтимоии онҳо дарак дода, дар айни ҳол ҳунари воло ва маҳорати сухангустарии шахсияти муаллиф-ноқилро собит месозанд. Ин тарзи қаламкашии нависандаи публитсист Шералӣ Мусоро муҳаққиқ Абдувалӣ Давронов чунин баён намудааст: «Ба забони қалам ба мардум рози дил гуфтан, андешаҳоро тавассути образҳои тозаи бадеӣ то ба ҳадди имкони маърифату ҳақиқат расонида, табаддулоти амиқи тафаккур, руҳия ва ахлокро ба вуҷуд овардан корест басо савоб».[2]

Бояд гуфт, ки мундариҷаи қисса солҳои 2010-2014, ҳассостарин ва душвортарин даврai тақдирсози Роғунро фаро мегирад ва дар ин давра, тавре ки аз мундариҷаи қисса бармеояд, сохтмони Роғун ҳам ба инкори душманони берунӣ ва ҳам ба мухолифати мухолифини дохилӣ дучор мешавад. Шунидани хабари қатъ шудани кор дар Неругоҳи барқи обии Роғун ва боз ихтисор кардани панҷ ҳазор коргари ин сохтмон барои ҷомеаи Тоҷикистон басо ғамангез ва сангин буд ва нависанда дар ин лаҳзаи дарднок ба ҳам омадан ва боло гирифтани эҳсоси ватанхоҳии қишрҳои гуногуни шаҳрвандонро муассир ва воқеъбинона ба тасвир гирифтааст. Басо ҷонгудозу малоловар аст лаҳзае, ки адиб-ноқил аз шунидани хабарҳои нохуш ба Роғун рафта, техникаи бешуморро дар ҳолати бекорӣ мебинад: «Роғунро сукути сангин дар зоҳиру андуҳ дар қалбаш дарёфтам. БелАЗ-ҳои азимҷусса, ки як лаҳза ором надоштанд, шабу рӯз дар равуо буданд, бари ба бар қантар, ба сукут рафта буданд».[3]

Руҳониёни мутаассиб вақте диданд, ки аз хориҷи кишвар сохтмони неругоҳи Роғун ба зери шубҳа гузошта шудааст, аз хурофотпарастӣ ва таассуби қисмате аз мардуми таҳҷоӣ истифода карда, ба бадгӯии сохтмони Роғун сар карданд. Хонашери майдонғарибе, ки Эшонаш ном мебурданд, дар маъракаи сокини як деҳаи атрофи Роғун ҳангоми хомӯш шудани барқ ба бадгӯии неругоҳи Роғун даромад ва борони чандрӯзаро дастак карда, «аз рӯзе, ки сохтмони Роғунро сар карданд, ҳар рӯз як балое ба сарамон меояд», гӯён «амри маъруф» мекард. Бехабар аз он ки дар ҷомеаи мо дар ҳар қадам ошкор шуда истодааст, ки: «Ҳар ҷомеа ва давлату кишвар танҳо аз роҳи хирадандешӣ ва такя намудан ба ҷаҳонбинии илмӣ, бартарият додан ба ниҳодҳои илмӣ ва омӯзгору мактабу маориф метавонад хешро ба ҷаҳони мутамаддини имрӯз ҳампо созад. Зеро ҷаҳони имрӯз ҷаҳони илммеҳвар аст».[4] Сохтмончӣ Ҳомид Оев «бе амри маъруф мешавад, аммо бебарқ намешавад» – гуфта, ба Эшон ҷавоби сазовор дод.

Муаллиф-ноқил ҳангоми суҳбат ба Аҳмад барин кормандони сарсупурда, ки тақдирашонро ба ин иншоот пайваста, аҳд карда буданд, то охири сохтмони неругоҳи Роғун талош меварзанд ва акнун дили онҳоро пардаи навмедӣ фаро гирифта буд, тавассути суханони муассир ва порчаҳои шеърии руҳбахшу дилбардоранда умеди тоза мебахшад. Порчаи шеърии Шоири халқии Тоҷикистон Алимуҳаммад Муродӣ аҳли суҳбатро ба таърихи муборизаи адолатхоҳонаи ниёгони баруманд ҷалб карда, ба ҳаяҷон овард:

---

[1] Ҳамон ҷо. – С. 327.

[2] Давронов, А. Қалами изтироб ва андеша // Шералӣ Мусо дар пажуҳишҳои илмиву оммавӣ. – Душанбе, 2023. – С. 187.

[3] Мусо, Ш. Достони Роғун. – Душанбе: Адиб, 2015. – С. 349.

[4] Шарифзода, И. Хурофот ва таассуб боздорандаи рушди миллатанд // Садои Шарқ. – 2022. – № 2. – С.55.

Ғуруби офтоби Шарқ,
Тулуи дигаре дорад.
Суқути фарри ҷамшедӣ
Фаридунофаре дорад.
Ало, эй морбардӯшон,
Ватан оҳангаре дорад!

Аҳли суҳбат дар симои Коваи оҳангар Сарвари муаззами кишварро эҳсос ва ба ояндаи неки неругоҳи Роғун боварии комил ҳосил карданд ва оқибат бо талошҳои пайгиронаи Ҳукумати Тоҷикистон ин қазия ҳаллу фасли худро пайдо кард. Сокинони Тоҷикистон дар охири қисса ба некӣ анҷом ёфтани масъалаи бунёди Неругоҳи барқи обии Роғунро эҳсос карда, баробари симоҳои мусбати қисса бо руҳи болида якдигарро муборакбод мегӯянд.

Ҳамин тариқ, баъди бо чаҳду талошҳои пайгиронаи қишрҳои гуногуни ҷомеа бо сарварии Пешвои миллат ба исбот расонидани бехавф будану аҳаммияти калони НБО-и Роғун дар минтақаи Осиёи Марказӣ рӯзи бастани мачрои табиии дарёи Вахш ва ба кори бунёди сарбанди неругоҳи Роғун оғоз намудан фаро расид, ки аз саршавии бунёди он охирҳои октябри соли ҷорӣ 10 сол сипарӣ мешавад. Дар ин муддат баландии дарғоти НБО ба 190 метр расонида шуда, солҳои 2018 ва 2019 ду чархаи аввалини неругоҳ ба кор даромад. Кормандону сохтмончиёни баҳодури ин неругоҳи азим барои дар соли 2027 ба кор даровардани боз як чархаи дигар чаҳду талош доранд. Сарвари кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо сохтмончиёни неругоҳи Роғун (21 августи соли ҷорӣ) иброз доштанд: «Ман ба масъулиятшиносӣ, тачриба ва заҳмати софдилонаи бунёдгарони Роғун эътимоди комил дорам». Ин боварӣ ва эътимоди комили Ҷаноби Олӣ гувоҳи он аст, ки сохтмони НБО-и Роғун дар вақташ ба анҷом расида, он бо тамоми иқтидор Тоҷикистон ва дигар мамлакатҳои гирду атрофро бо неруи барқ таъмин хоҳад кард.

Баъди Роғун бе муҳобо метавон гуфт:
Офарин бар қудрати бозуи тоҷик!
Офарин бар кулчаи зонуи тоҷик!
Офарин бар зӯри дасташ!
Офарин бар зӯри пояш!
Офарин бар азми халқаш!
Офарин бар Пешвояш!
Офаридаст ин, ҷасорат, ин бузургӣ,
Офаридаст ин шаҳомат, ин тамаддун.
Шоҳкори НОБи Роғун!…

Абдуллоҳи Раҳнамо

МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ АЗ ЭҲТИРОМИ ҚОНУНУ МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ ОҒОЗ МЕШАВАД



Дилором ЗАБИРОВА – ҷонишини сармуҳаррири маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон»

Қонун вақте қонун аст, ки пеши роҳи беадолатиро гирад. Адолат вақте адолат аст, ки дар назди он мақом, мансаб, молу сарват ва муносибатҳои шахсӣ арзиши бештар аз ҳақиқат пайдо накунанд. Ва давлатдорӣ вақте устувор аст, ки шаҳрванд ба қонун, ба адолат ва ба ниҳодҳои давлатӣ эътимод дошта бошад.

Ин чанд андеша, ба назар одӣ, дар асл ба яке аз масъалаҳои мураккаби ҷомеаи муосир – коррупсия иртиботи мустақим доранд, зеро коррупсия танҳо як амали ғайриқонунӣ нест. Он метавонад ба пояҳои ахлоқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа таъсир расонад, меъёрҳои одилонаи муносибатҳоро коста гардонад ва эътимоди мардумро ба адолат заиф созад. Коррупсия дар ҷомеа мисли рахнаест, ки агар сари вақт пеши роҳи он гирифта нашавад, метавонад васеътар гардад. Дар аввал шояд як ҳолати ба назар хурд намояд: касе барои анҷоми кори қонунии худ маблағ медиҳад, дигаре барои гирифтани имтиёз аз мақоми худ истифода мекунад, шахси сеюм бо такя ба муносибатҳои шахсӣ роҳи дигаронро кӯтоҳ мекунад. Аммо ҳар яке аз ин амалҳо дар ниҳояти кор як арзиши муҳимро осебпазир месозад: эътимод ба адолатро.

Ҷомеае, ки дар он қонун ҷойи муносибатҳои ғайриқонуниро мегирад, наметавонад бо суръати дилхоҳ пеш равад, зеро рушди воқеӣ на танҳо бо сохтмони иншоот, афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ё рушди технологияҳо муайян мешавад. Рушд, пеш аз ҳама, фарҳанги муносибат ба қонун, масъулият ва манфиати ҷомеаро низ дар бар мегирад.

Вақте ки сухан аз коррупсия меравад, мафҳуми пора ба зеҳн меояд. Аммо моҳияти ин зуҳурот хеле васеътар аст. Коррупсия метавонад дар шаклҳои гуногуни истифодаи нодурусти мақом, ваколат ва имконоти хидматӣ зуҳур кунад. Ҳар гоҳе ки манфиати шахсӣ бар манфиати ҷомеа бартарӣ пайдо мекунад, заминаи зуҳури муносибатҳои коррупсионӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, мубориза бо коррупсия танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Ин мубориза, ҳамзамон, мубориза барои ҳифзи арзишҳои ахлоқӣ, адолати иҷтимоӣ ва эҳтироми қонун мебошад. Коррупсия, пеш аз ҳама, ба як саволи одӣ, вале муҳим ҷавоб мехоҳад: Оё ҳамаи шаҳрвандон дар назди қонун имкони баробари масъулият ва ҷавобгарӣ доранд? Агар ҷавоб мусбат бошад, пас ҷойи муносибатҳои ғайриқонунӣ танг мегардад. Агар баръакс, шахс барои расидан ба ҳуқуқи худ маҷбур шавад аз роҳҳои ғайриқонунӣ истифода кунад, мушкил танҳо ба як шахс ё як ҳолат маҳдуд наметонад. Он ба муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Маҳз ҳамин ҷиҳат коррупсияро ба як масъалаи иҷтимоӣ табдил медиҳад.



Ҳар ҷомеа ба меҳнати ҳалол ниёз дорад. Донишманд бояд бо дониши худ, мутахассис бо маҳорати касбии худ, соҳибкор бо ташаббусу фаъолияти худ ва хидматчии давлатӣ бо

масъулияту садоқати касбӣ мавқеи худро пайдо кунад. Аммо агар дар ҷомеа чунин тасаввур ба вуҷуд ояд, ки роҳи расидан ба натиҷа аз қобилияту меҳнат не, балки аз маблағ, шиносбозӣ ва муносибатҳои ғайриқонунӣ мегузарад, ба арзишҳои меҳнати ҳалол зарба мерасад. Ин ҳолат барои ҷавонон низ паёмади ҷиддӣ дорад. Ҷавоне, ки бояд ба дониш, истеъдод ва меҳнат такя кунад, агар бубинад, ки муносибатҳои ғайрирасмӣ аз қобилият муҳимтар дониста мешаванд, метавонад ба арзишҳои ҷомеа бо назари дигар нигарад. Аз ин рӯ, муқовимат ба коррупсия дар асл ҳимояи ҳуқуқи инсон ба имкони баробар аст. Ҳимояи ҳуқуқи касе, ки мехоҳад бо меҳнати худ ба натиҷа расад. Ҳимояи шаъну шарафи шахсе, ки мехоҳад кори худро дар доираи қонун анҷом диҳад.

Ҳар иқтисоди пешрафта ба қоидаҳои равшан ва рақобати солим ниёз дорад. Соҳибкор бояд донад, ки муваффақияти ӯ аз сифати маҳсулот, хидматрасонӣ, дониш, таҷриба ва қобилияти рақобат вобаста аст. Дар муҳите, ки муносибатҳои коррупсионӣ мақом пайдо мекунанд, рақобати солим метавонад халалдор шавад. Барои як нафар роҳ кушода мешавад, барои дигаре баста. Яке аз муносибатҳои ғайриқонунӣ истифода мебарад, дигаре бо такя ба меҳнати худ талош мекунад. Дар чунин шароит на танҳо соҳибкор зарар мебинад, зарар ба муҳити умумии иқтисодӣ низ мерасад. Аз ин рӯ, шаффофияти фаъолияти иқтисодӣ, содагардонии расмиёти маъмурӣ, рушди хидматрасониҳои электронӣ, тақвияти назорат ва таъмини баробарии имконот на танҳо масъалаҳои идоракунӣ, балки омилҳои рушди иқтисодӣ низ мебошанд.

Иқтисодиёти солим дар фазои эътимод рушд мекунад. Ва эътимод дар навбати худ дар муҳити қонуният ва шаффофият шакл мегирад. Коррупсия танҳо ба рақамҳои иқтисодӣ таъсир намерасонад. Он ба зиндагии ҳаррӯзаи инсон низ дахл дорад. Маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳим бояд ба принсипи баробарии имконот такя кунанд. Ҳар шаҳрванд бояд эҳсос намояд, ки хидматрасонии давлатӣ ҳуқуқи ӯст, на имтиёзе, ки танҳо бо воситаи муносибатҳои шахсӣ ба даст меояд. Дар ин ҷо масъалаи фарҳанги ҳуқуқӣ ба миён меояд. Шаҳрванд бояд ҳуқуқҳои худро донад. Бояд бидонад, ки масъалаҳои ӯ бояд бо роҳи қонунӣ ҳал шаванд. Бояд дарк кунад, ки додани пора роҳи ҳалли мушкил нест, балки худ метавонад ба густариши муҳити номатлуб мусоидат намояд.

Мубориза бо коррупсия аз ҳамин шуури шаҳрвандӣ оғоз мешавад. Дар пешгирии коррупсия нақши хидматчии давлатӣ калон аст, зеро шахсе, ки мансаби давлатӣ дорад, бо ваколате сарукор дорад, ки ба манфиати ҷомеа дода шудааст. Мансаб имтиёз нест, балки масъулият аст. Ваколат воситаи манфиати шахсӣ нест, балки воситаи иҷрои вазифаи давлатӣ мебошад. Хидматчии давлатӣ бояд дар фаъолияти худ қонуният, адолат, беғаразӣ ва эҳтироми ҳуқуқи шаҳрвандонро роҳнамои асосӣ қарор диҳад. Ҳар қарор ва ҳар амали ӯ метавонад ба ҳаёти инсон таъсир расонад. Аз ин рӯ, масъулияти ахлоқии ӯ аз доираи вазифаи хидматӣ фаротар меравад. Эътимоди мардум ба давлат аксаран аз муносибати онҳо бо намояндаи давлат оғоз мешавад. Муносибати одилона, ҷавоби саривақтӣ, иҷрои босифати вазифа ва эҳтироми шаҳрванд метавонад эътимод созад. Баръакс, муносибати дағалона, беэътиноӣ ба ҳуқуқ ва истифодаи мақом барои манфиати шахсӣ метавонад ин эътимодро коста гардонад.

Ҷаҳони имрӯзро бидуни технология тасаввур кардан душвор аст. Рақамикунонӣ на танҳо тарзи муошират ва гирифтани иттилоотро тағйир медиҳад, балки метавонад ба низоми идоракунии давлатӣ низ таъсири назаррас расонад. Анҷоми хидматрасониҳо ба шакли электронӣ, кам кардани тамоси мустақими шаҳрванду хидматчӣ, соддагардонии расмиёт ва дастрасии бештар ба иттилоот метавонанд шаффофиятро тақвият бахшанд. Албатта, технология ҷавоби ягона ба масъалаи коррупсия нест. Агар фарҳанги ҳуқуқӣ ва масъулияти инсонӣ вуҷуд надошта бошад, ҳатто низоми муосир низ метавонад ба натиҷаи дилхоҳ нарасад. Аммо рақамикунонӣ, дар сурати дуруст ба роҳ мондан, метавонад яке аз воситаҳои муҳимми маҳдуд намудани имконоти сӯиистифода аз ваколат бошад.

Шаффофият дар ниҳояти кор маънои онро дорад, ки шаҳрванд медонад: кор чӣ гуна анҷом меёбад, қарор чӣ гуна қабул мешавад ва масъулияти шахси мансабдор дар куҷост. Масъалаи муқовимат ба коррупсия дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҷойгоҳи муҳим дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2019) таъкид карда буданд, ки «мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва

тамоми қуввaҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳуроти номатлуб сафарбар созем». Дар ин андеша як нуқтаи калидӣ нуҳуфтааст: барои муқовимати муассир бояд на танҳо оқибат, балки сабаб низ омӯхта шавад. Яъне, бояд фаҳмид, ки чаро коррупсия ба вуҷуд меояд, кадом шароит барои паҳншавии он мусоидат мекунад ва чӣ гуна метавон ин шароитро маҳдуд кард. Муқовимати воқеӣ ҳамон вақт натиҷа медиҳад, ки пешгирӣ дар баробари ҷавобгарӣ қарор дошта бошад.

Ҳеҷ қонуне наметавонад ҷойи виҷдони инсонро пурра бигирад. Қонун сарҳадро муайян мекунад, аммо виҷдон ба инсон мефаҳмонад, ки аз он сарҳад нагузарад. Аз ҳамин ҷост, ки мубориза бо коррупсия бояд аз тарбия оғоз шавад. Оила аввалин мактаби ахлоқии инсон аст. Кӯдак дар оила меомӯзад, ки рост гуфтан чӣ маъно дорад, меҳнати ҳалол чӣ арзиш дорад ва чаро гирифтани чизе, ки ба ту тааллуқ надорад, нодуруст аст. Баъдан мактаб ва муассисаҳои таълимӣ ин арзишҳоро тақвият медиҳанд. Дар муассисаи таълимӣ бояд на танҳо дониш, балки масъулияти шаҳрвандӣ низ ташаккул ёбад.

Ҷомеа ба мутахассиси донишманд ва дар навбати худ ба инсони поквиҷдон низ ниёз дорад, зеро дониш бе ахлоқ метавонад ба воситаи манфиати шахсӣ табдил ёбад, дар ҳоле ки дониш бо масъулият ба манфиати ҷомеа хидмат мекунад. Имрӯз ҷавонон қисми фаъоли ҷомеа мебошанд. Онҳо дар назди худ имконоти зиёди таҳсил, касбомӯзӣ, соҳибкорӣ ва рушди шахсӣ доранд. Аммо дар баробари имконот масъулият низ вуҷуд дорад. Ҷавон бояд дарк кунад, ки роҳи осони ба даст овардани манфиати шахсӣ на ҳамеша роҳи дуруст аст. Муваффақияти воқеӣ бо дониш, меҳнат, таҷриба ва ирода ба даст меояд. Маҳз ҷавонони имрӯз дар оянда кормандони давлатӣ, табибон, омӯзгорон, ҳуқуқшиносон, соҳибкорон ва роҳбарони соҳаҳои гуногун хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, муносибати онҳо ба қонун ва арзишҳои ахлоқӣ ба муҳити ҷомеаи фардо таъсир хоҳад расонд.

Тарбияи насли дорои ҷаҳонбинии солим, маърифати баланди ҳуқуқӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ яке аз роҳҳои дарозмуддати пешгирии коррупсия мебошад. Баъзан чунин гумон меравад, ки коррупсия масъалаи мақомоти давлатӣ аст, аммо агар амиқтар назар кунем, мебинем, ки ин мушкил ба тамоми ҷомеа дахл дорад, зеро коррупсия танҳо дар як идора пайдо намешавад. Он метавонад аз муносибати як шаҳрванд оғоз ёбад, ки барои ҳалли масъалаи худ роҳи ғайриқонуниро интихоб мекунад ва ё аз шахсе сар занад, ки мақоми худро барои манфиати шахсӣ истифода мебарад. Пас, муқовимат ба он низ бояд умумӣ бошад. Шаҳрванди одӣ, хидматчии давлатӣ, соҳибкор, омӯзгор, табиб, донишҷӯ, рӯзноманигор ва ҳар фарди ҷомеа дар ин раванд масъулияти худро дорад.

Масъулият аз як амали одӣ оғоз мешавад: риояи қонун, ҳатто, вақте ки вайрон кардани он осонтар менамояд. Интихоби роҳи қонунӣ шояд баъзан вақти бештар талаб кунад, сабру таҳаммул мехоҳад, аммо маҳз ҳамин интихоби дуруст ба ҷомеа имкон медиҳад, ки қадам ба қадам фарҳанги ҳуқуқиро таҳким бахшад.

Коррупсияро танҳо бо шиорҳо аз байн бурдан имконнопазир аст. Барои муқовимати воқеӣ ирода, қонун, назорат, шаффофият, маърифати ҳуқуқӣ ва пеш аз ҳама, масъулияти инсонӣ зарур аст. Ҷомеаи солим он ҷомеаест, ки дар он шаҳрванд медонад, ки ҳуқуқаш ҳимоя мешавад; хидматчии давлатӣ медонад, ки дар назди мардум масъул аст; соҳибкор медонад, ки метавонад бо меҳнати худ рақобат кунад; ҷавон медонад, ки дониш ва истеъдод роҳи асосии расидан ба муваффақият аст. Давлати қавӣ танҳо бо биноҳои баланд, роҳҳои нав ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян намешавад. Давлатдорӣ, пеш аз ҳама, фарҳанги муносибат ба қонун, масъулият дар назди ҷомеа ва эътимоди мардум аст. Коррупсия ба ҳамин эътимод зарба мезанад. Аз ин рӯ, муқовимат ба коррупсия мубориза барои рақамҳо ё танҳо иҷрои талаботи қонун нест. Ин мубориза барои адолат, шаъну шарафи инсон, арзиши меҳнати ҳалол ва ояндаи давлат мебошад.

Ҳар қадаме, ки ба сӯи қонуният гузошта мешавад, як қадам ба сӯйи ҷомеаи солим аст. Ҳар амале, ки шаффофиятро бештар мекунад, эътимодро тақвият медиҳад. Ва ҳар инсоне, ки манфиати ҷамъиятиро аз манфиати шахсӣ болотар мегузорад, дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ саҳм мегузорад, зеро давлатро танҳо қонунҳо устувор намекунанд. Давлатро одамоне устувор мекунанд, ки қонунро эҳтиром мекунанд, адолатро пос медоранд ва виҷдони худро аз манфиати яклаҳзаина болотар мегузоранд. Маҳз ҳамин ҷо нуқтаи оғози муқовимат ба коррупсия ва ҳамзамон, нуқтаи оғози рушди устувор аст.

РУШДИ НУТҚИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ



Муяссара ҶӮРАЕВА – мудири кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии филиали ДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд

Дар Тоҷикистон масъалаи рушди забони давлатӣ ва тарбияи насли босаводу ватандӯст яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Истиқлол барои рушди фарҳанг, забон ва маорифи миллӣ имконоти васеъ муҳайё намуд. Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба таълиму тарбияи кӯдакон, бахусус, рушди нутқи онҳо бештар гардид, зеро кӯдакон ояндаи миллат буда, рушди фикрронӣ ва нутқи онҳо асоси пешрафти ҷомеа мебошад. Дар ин замина луғатомӯзӣ ҳамчун қисми муҳимми рушди нутқи кӯдакони синни томактабӣ аҳаммияти калон дорад. Захираи луғавии бой ба кӯдак имкон медиҳад, ки фикри худро равшан ва озодона баён намояд, ҷаҳонро дуруст дарк кунад ва барои таҳсил омода гардад.

Забон яке аз муҳимтарин воситаҳои муошрати инсон буда, тавассути он одамон фикру андеша, эҳсосот ва таҷрибаи худро ба дигарон мерасонанд. Асоси забонро луғат ташкил медиҳад. Бе захираи кофии луғавӣ нутқи кӯдак ба таври мукаммал инкишоф намеёбад. Давраи томактабӣ марҳалаи хеле муҳим дар ташаккули нутқ, тафаккур ва ҷаҳонбинии кӯдак мебошад. Маҳз дар ҳамин давра кӯдак калимаҳои навро фаъолона аз худ карда, истифодаи дурусти онҳоро меомӯзад.

Луғатомӯзӣ дар синни томактабӣ на танҳо барои ғанӣ гардондани захираи луғавии кӯдак, балки барои рушди қобилияти фикрронӣ, муошират, саводомӯзӣ ва тарбияи ахлоқии ӯ аҳаммияти калон дорад. Кӯдаке, ки луғати бой дорад, фикри худро озодона баён карда метавонад, бо ҳамсолон ва калонсолон муносибати хуб барқарор мекунад ва ба омӯзиши минбаъда омода мегардад. Имрӯз рушди нутқи кӯдакон яке аз масъалаҳои муҳимми педагогика ва психология ба ҳисоб меравад. Педагогон ва равоншиносон таъкид менамоянд, ки маҳз тавассути корҳои мақсадноки луғатомӯзӣ метавон нутқи кӯдакро инкишоф дод. Аз ин рӯ, омӯзиши роҳу усулҳои самараноки луғатомӯзӣ барои кӯдакони синни томактабӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.



Дар низоми муосири таҳсилоти томактабӣ инкишофи нутқ яке аз вазифаҳои марказӣ ва муҳимтарин ба шумор меравад. Нутқ на танҳо воситаи муошират, балки заминаи асосии ташаккули тафаккур, ифодаи эҳсосот ва омили калидии иҷтимоишавии кӯдак мебошад. Дар ин раванд бой гардонидани захираи луғавӣ ҳамчун «мағзи нутқ» нақши муайянкунанда дорад, зеро маҳз тавассути калима кӯдак олами атрофро дарк намуда, мафҳумҳои муҷаррадро мефаҳмад ва муносибати худро ба муҳит иброз медорад. Синни томактабӣ давраи ҳассос ва тиллоии забономӯзист. Дар ин марҳала суръати азхудкунии калимаҳои нав ва сохтани робитаҳои мантиқӣ байни онҳо ба ҳадди аксар мерасад. Аз ин рӯ, омӯзиши методологияи дурусти луғатомӯзӣ ва таъсири он ба рушди зеҳнии кӯдакон аҳаммияти хосаи назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад.

Луғат муҳтавои нутқ буда, ғанӣ гардидани он ба тафаккур ва қобилияти баён таъсири мустақим мерасонад.

Ин ҷумла маънои онро дорад, ки калимаҳо воҳидҳои асосии тафаккур мебошанд. Луғати бой ба кӯдак имкон медиҳад, ки хуб фикр кунад ва ҳиссиёту донишҳояшро дақиқу зебо баён намояд. Омили мазкур мустақилияти зеҳнӣ ва мутобиқати иҷтимоии кӯдакро дар мактаб ва ҳаёти ояндааш таъмин менамояд. Синни томактабӣ давраи муҳимми рушд барои забон аст, ки дар он луғати кӯдак бо суръати тез афзоиш меёбад ва заминаи тамоми инкишофи ояндаи ӯро муҳайё месозад.

Нутқ асоси инкишофи зеҳнӣ, маърифатӣ ва иҷтимоии кӯдак мебошад. Ғанӣ гардидани таркиби луғавии кӯдак ба тафаккур ва қобилияти баёни ӯ таъсири мустақим мерасонад. Нутқ на танҳо воситаи муошират, балки воситаи асосии ташаккули тафаккур аст. Ҳар калима як навъи ҷамъбасти донишро дар бар мегирад. Вақте ки кӯдак калимаи «курсӣ»-ро меомӯзад, вай дар як вақт мафҳуми умумиеро дарк мекунад, ки ҳамаи ашёи дорои чаҳор пой ва курсии нишастро дар бар мегирад. Ин ба кӯдак имкон медиҳад, ки олами атрофро маърифат кунад.

Ташаккули синтаксис (сохтори ҷумла) ва муносибатҳои луғавӣ (масалан, сабабу натиҷа, зиддият) ба инкишофи мантиқ ва тафаккур мусоидат мекунад. Кӯдаке, ки луғати бой дорад, метавонад фикрҳои мураккабро бо алоқамандии дурусти мантиқӣ баён кунад. Нутқи дохилӣ (худгуфторӣ) ба кӯдак ёрӣ медиҳад, ки амалҳои худро ба нақша гирад ва рафторашро худ танзим намояд.

Нутқ дар ҷараёни маърифат нақши «воситаи захиракунанда» ва «интиқолдиҳанда»-ро мебозад. Луғат мустақиман бо миқдор ва сифати донишҳое, ки кӯдак аз худ мекунад, алоқаманд аст. Ҳар қадар ки луғати кӯдак бой бошад, вай ҳамон қадар зудтар маълумоти навро мефаҳмад ва дар хотира нигоҳ медорад. Кӯдак танҳо он чизеро, ки дар луғати вай калимаи мувофиқ дорад, пурра дарк карда метавонад. Масалан, агар кӯдак калимаи «бойамак» ё «муаммо»-ро надонад, идрок ва фаҳмиши ӯ аз ин падидаҳо ноқис хоҳад буд. Ифодаи ашё ё падида бо калимаи дақиқ ба мустаҳкам шудани хотира ва дастрасии осон ба иттилооти захирашуда мусоидат мекунад.

Қобилияти муассири муошират дари олами иҷтимоӣ ва эмотсионалиро мекушояд: нутқи хуб шарти асосии ҳамкорӣ бо ҳамсолон ва калонсолон мебошад. Луғати бой имкон медиҳад, ки тарбиятгиранда хоҳиш, ниёз ва ҳиссиёти худро равшан баён кунанд. Ба воситаи нутқ кӯдак қоидаҳои рафтори иҷтимоиро меомӯзад ва нақшҳои иҷтимоиро дарк мекунад. Луғати мувофиқ ба синну сол эътимод ба худро ташаккул медиҳад. Кӯдаконе, ки захираи луғавии хуб доранд, бештар ба суҳбат ва сулҳҷӯӣ (ба ҷойи зӯроварӣ ё гиря) барои ҳалли муноқишаҳо такя мекунанд, зеро метавонанд нуқтаи назари худро фаҳмонанд. Суръати ҷамъшавии луғат дар ин синну сол хеле баланд мебошад. Давраи ҳассос як давраи муваққатӣ дар инкишофи кӯдак мебошад, ки дар он кӯдак нисбат ба азхудкунии як намуди муайяни дониш ё маҳорат, забон, ҳадди аксар майлу ҳавас ва қобилияти табиӣ дорад. Дар ин давра кӯдакон забонро на танҳо бо шунидан, балки бо шуури ғайримустақим (беихтиёр) ва бе талоши зиёди мантиқӣ аз худ мекунанд, ки ин раванд дар синни калонсолӣ хеле душвор мегардад.

Хусусиятҳои синни томактабӣ (аз 3 то 7-солагӣ)

Ин давра бо сабабҳои зерин барои луғатомӯзӣ махсус аст:

Хусусият	Тавзеҳ
Инкишофи асаб (Нейробиологӣ)	Ин вақт ташаккули шабакаҳои асабӣ (синапсҳо) дар минтақаҳои нутқи мағзи сар бо шиддати баландтарин идома дорад. Мағзи кӯдак «барои забон барномарезӣ» шудааст.
Тамоюли «Чаро?»	Дар ин синну сол кӯдак саволҳои бешумор медиҳад ва мехоҳад ҳамаи ашё, амал ва аломатҳои атрофро номгузорӣ кунад, ки ин бевосита ба бой гардидани луғат оварда мерасонад.
Нутқи вазъиятӣ ба нутқи контекстӣ (муфассал, мантиқӣ)	Кӯдак аз нутқи вобаста ба вазъияти мушаххас (ин ҷо ва ҳозир) ба нутқе, ки дар бораи чизҳои ғоиб ё гузашта ҳикоя мекунад (нутқи мантиқӣ), мегузарад. Барои ин гузариш луғати абстрактӣ (зеҳнӣ ва ботинӣ) лозим аст.

Хусусият	Тавзеҳ
Ташаккули бозии нақшӣ	Бозиҳои нақшӣ (масалан, «Духтур ва бемор», «Муаллим») луғати иҷтимоӣ ва эмотсионалиро талаб мекунанд, ки ин кӯдакро водор мекунад, калимаҳои нав ва услубҳои гуфтугӯро аз худ кунад.

Агар кӯдаки дусола тақрибан 200-300 калимаро дар захираи луғавӣ дошта бошад, кӯдаки шашсола метавонад аз 3000 то 7000 ё зиёда аз он калимаро дар луғати фаъол ва ғайрифаъоли худ дошта бошад. Қисми зиёди луғат дар ин давра тавассути тақлид, мушоҳида ва шунидани нутқи калонсолон дар шароити табиӣ ҷамъ мешавад, на тавассути машғулиятҳои махсус. Ҳамзамон, бо васеъшавии луғат, кӯдак қоидаҳои мураккаби грамматика ва морфологияи забонро ба таври бешуурона аз худ мекунад.

Забон (ва луғат) раванди омӯхташуда аст. Кӯдак забонро тавассути тақлид, тақвият ва шарти амалиётӣ аз худ мекунад.

- Кӯдак дар омӯзиш ба калонсолон тақлид мекунад.
- Вақте ки кӯдак калимаро дуруст талаффуз мекунад ё бо истифодаи он ба ҳадафи худ мерасад (масалан, мегӯяд «момо» ва модар ба ӯ чизе медиҳад), ин тақвияти мусбат аст.
- Ин тақвият истифодаи калимаро дар оянда мустаҳкам мекунад.

Ин назария қобилияти кӯдакро барои сохтани ҷумлаҳои нав ва истифодаи калимаҳое, ки қаблан нашунидааст (яъне, эҷодкории забонӣ) шарҳ дода наметавонад.

Кори луғавӣ дар синни томактабӣ бояд мунтазам, ҳамаҷониба ва ба принсипи бозӣ ҳамчун фаъолияти асосӣ асос ёбад. Муҳим аст, ки кӯдак луғатро на аз рӯи дастурҳои хушк, балки дар шароити табиӣ ва ҷолиб аз худ кунад. Инҳо усулҳое мебошанд, ки ба ташаккули луғати нав ё тавзеҳи маънои луғати мавҷуда нигаронида шудаанд. Калимаҳои нав бояд бо ашё, тасвир ё амали воқеӣ пайваст карда шаванд. Масалан, калимаи «пурқувват» бояд ҳангоми дидани касе, ки ашёи вазнинро мебардорад, ё тасвири он истифода шавад. Саёҳатҳои фаннии мақсаднок (ба боғ, ошхона, назди боғбон) бо тавзеҳи фаъоли калимаҳо. Шарҳи маънои калимаҳои ношинос тавассути тавсифи одӣ, муқоиса ва овардани мисолҳо. Ҳангоми хондани афсона калимаи «қалъа» шарҳ дода мешавад: «Қалъа ин хонаи хеле калон ва мустаҳкам аст, ки деворҳои баланд дорад ва дар он шоҳ зиндагӣ мекард».

Бозиҳои дидактикӣ усули асосии кори луғавӣ дар кӯдакистон мебошанд, зеро онҳо омӯзишро ба фаъолияти табиии кӯдак табдил медиҳанд.

Намуди бозӣ	Ҳадафи луғавӣ	Намунаи тоҷикӣ
Барои ғанигардонӣ (номи ашё)	Бойгардонии исмҳо ва феълҳо	**«Ҷуфт ёб»** (расмҳои ҳайвонот ва фарзандони онҳо)
Барои фаъолгардонӣ	Истифодаи луғати ғайрифаъол дар нутқи фаъол	**«Давом деҳ»**: Мураббӣ мегӯяд, «Барф чӣ хел аст?» (Сафед, сард, нарм).
Барои тартиб	Азхудкунии калимаҳои ҳаммаъно ва зидмаъно, калимаҳои бисёрмаъно	**«Гуфтори муқобил»**: Мураббӣ мегӯяд, «Баланд», кӯдак мегӯяд, «Паст».
Бозиҳои нақшӣ	Луғати иҷтимоӣ, нутқи муфассал, ибораҳои тасвирӣ	**«Дукон», «Беморхона»**: Истифодаи луғати махсуси нақш (масалан, «ҳуҷҷат», «дастур», «табобат»).

Хониши афсонаҳо, шеърҳо ва ҳикояҳо бо мақсади аз худ кардани луғатҳо хеле муҳим аст. Мураббӣ ё волидайн набояд танҳо хонанд, балки бояд луғати нави матнро пеш аз хониш ва пас аз хониш таҳлил ва муҳокима кунанд. Ҳангоми бозӣ ё сайругашт, калонсолон бояд нутқи пурмазмун ва рангин дошта бошанд. Ба ҷойи гуфтани «Ба дарахт нигар», бояд гуфт: «Ба он дарахти чинори калон нигар, ки шохаҳояш то ба замин хам шудаанд».

Мураббӣ бояд саволҳое диҳад, ки кӯдакро маҷбур созанд, на танҳо посухи тасдиқ ё радро диҳад, балки ҷумлаҳои мураккаб ва луғати бойро истифода барад. Масалан: На «Ту мошинчаро дӯст медорӣ?», балки «Ба ман гӯй, ки мошинчаи нави ту чӣ гуна аст? Он чӣ кор карда

метавонад?» (Барои истифодаи сифатҳо ва феълҳои тавсифӣ). Ин усулҳо имкон медиҳанд, ки луғатомӯзӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи кӯдаки томактабӣ гардад.

Таҳқиқот нишон дод, ки луғати ғанӣ на танҳо як ҷанбаи нутқ, балки заминаи асосии инкишофи зеҳнӣ, маърифатӣ ва иҷтимоии кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Синни томактабӣ давраи ҳассоси азхудкунии забон буда, истифодаи самарабахши он боиси ҷамъшавии босуръати луғат ва азхудкунии беихтиёри сохторҳои мураккаби грамматикӣ мегардад. Луғати ғанӣ ва дақиқ инкишофи нутқи пайвастаро таъмин мекунад, ки ин ба қобилияти кӯдак барои баёни мантиқии фикрҳо ва тавсифи тасвирӣ мусоидат менамояд. Самаранокии луғатомӯзӣ ба таври ҷиддӣ аз усулҳои фаъол, ба монанди бозиҳои дидактикӣ, истифодаи аёният ва сифати муошират калонсолон вобаста аст (назарияи интерактивӣ).

Барои таъмини самаранокии луғатомӯзӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва оилаҳо пешниҳод карда мешавад: мураббиён бояд раванди омӯзондани луғатро на ҳамчун машғулияти ҷудогона, балки ҳамчун як ҷузъи ҳамаи фаъолиятҳо (бозӣ, сайругашт, рассомӣ, математика) ба нақша гиранд. Истифодаи бозиҳо ва вазифаҳо кӯдаконро маҷбур месозанд, ки калимаҳои навро дар нутқи мустақили худ фаъолона истифода баранд. Таълим додани волидон ба усулҳои дурусти муошират (нутқи тасвирӣ ва пурра) бо фарзандон дар хона, зеро муҳит ва муоширати оилавӣ манбаи асосии азхудкунии луғат мебошад.

Кор бо луғати сифатӣ: Таъкид на танҳо ба шумораи калимаҳо, балки ба фаҳмиши маънои дақиқ ва истифодаи калимаҳои бисёрмаъно ва ибораҳои маҷозӣ

Бозиҳои нақшии мураккаб, ки дар он кӯдакон дунёи тасаввуриро месозанд, истифодаи луғати васеъро талаб мекунанд. Кӯдак барои тавсифи вазъият ва нақшҳое, ки дар онҳо амал мекунад, ба луғати бой ниёз дорад. Луғати бой имкон медиҳад, ки кӯдак эҳсосот ва ҳиссиёти мураккаби худро на танҳо бо имову ишора, балки бо калимаҳои дақиқ (масалан, «ман асабонӣ шудам», «ман аз ин хурсанд шудам», на танҳо «ман хуб») баён кунад. Ин инкишофи эмотсионалӣ ва эмпатияро тақвият мебахшад. Луғати бой ба кӯдак маводи зиёд барои эҷоди шеърҳо, ҳикояҳои худсохт ва тавсифи тасвирҳо медиҳад. Луғат на танҳо «маводди» нутқ, балки амалиёти тафаккур мебошад. Луғати бой барои кӯдаки томактабӣ на танҳо имкон медиҳад, ки ӯ муошират кунад, балки ба ӯ имкон медиҳад, ки хуб фикр кунад, мушкилотро ҳал ва ҷаҳонро ба таври амиқтар шиносад.

Ҳамин тавр, луғатомӯзӣ яке аз омилҳои асосии инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ ба ҳисоб меравад. Захираи бойи луғавӣ ба кӯдак имкон медиҳад, ки фикри худро озодона баён кунад, бо дигарон муошират хуб дошта бошад ва ба таҳсил омода гардад. Рушди луғат бо рушди тафаккур, хотира ва ҷаҳонбинии кӯдак алоқаманд мебошад. Барои самаранок гузаштани луғатомӯзӣ ҳамкории оила ва муассисаи томактабӣ зарур аст. Суҳбат, хондани китобҳо, бозиҳои таълимӣ ва муҳити хуби забонӣ воситаҳои муҳимми рушди нутқи кӯдак мебошанд. Омӯзгорон ва волидон бояд ба нутқи кӯдакон диққати махсус диҳанд, зеро маҳз дар синни томактабӣ асоси рушди минбаъдаи забон ва тафаккур гузошта мешавад. Луғатомӯзии дуруст метавонад дар ташаккули шахсияти комил, босавод ва фаъол нақши муҳим бозад.

Фарҳанг ва забон дар ҳама давру замон таҷассумгари ҳувияти ҳар як миллат мебошад. Маҳз фарҳанг, забон ва анъанаҳои бунёдӣ асолати миллиро пойдру устувор нигоҳ медоранд. Аз ин хотир, имрӯз низ ҳар як зиёӣ, ба мисли аҷдоди тамаддунсози хеш, бояд талош варзад, ки забон ва фарҳанги миллиро ҳифз карда, густариш диҳад, онро ба ҷаҳониён ба таври арзанда муаррифӣ намояд ва ҳамчун сарвати бебаҳои миллӣ барои наслҳои оянда бегазанд ба мерос гузорад.

Эмомалӣ Раҳмон

ТАҲАВВУЛИ ҒОЯВИИ АШЪОРИ САФАРМУҲАММАД АЙЮБӢ ДАР СОЛҲОИ НАВАДУМИ АСРИ XX




Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА – номзади илмҳои филологӣ

ШИНОХТИ ШОИР

Дар адабиёти муосири тоҷик аз доираи адабии Кӯлоб шоирони номваре, аз қабили Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳақназар Ғоиб, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Муҳаммад Ғоиб, Хайрандеш, Хосият Вализода, Файзи Ашӯр, Озар ва Сафар Аюбзодаи Маҳзун ба камол расида, дар рушди шеъру адабиёти тоҷик саҳми назаррас гузоштаанд. Ҳар яке аз ин суханварон бо сабку шеваи хоси эҷодии худ дар ғанӣ гардондани адабиёти муосири тоҷик нақши арзанда гузоштаанд. Дар миёни онҳо Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, шодравон Сафармуҳаммад Айюбӣ ҷойгоҳи вижа дорад. Ӯ тақрибан дар тамоми жанрҳои адабӣ қувваозмоӣ намуда, бо осори пурмуҳтаво, ҷаҳонбинии густарда ва ҳунари волои эҷодӣ ҳамчун адиби сермаҳсул ва устоди воқеии сухан эътироф гардидааст.

Дар ин замина, адабиётшиноси варзидаи тоҷик Абдунабӣ Сатторзода чунин менависад: «Дар адабиёти муосири тоҷикӣ аз бунёдгузори он устод Садриддин Айнӣ то шоири номдори даврони мо Фарзонаи Хуҷандӣ адибе пайдо намешавад, ки монанди зиндаёд Сафармуҳаммад Айюбӣ қариб дар тамоми навъҳои адабии суннатӣ, муосир ва адабиёти шифоҳӣ – ғазал, дубайтӣ, рубоӣ, маснавӣ, қасида, мухаммас, марсия, шеъри нав (арӯзи озод), чаҳорпора, тарона, суруд, лапар, намоишнома, филмнома, монолог (якафарёд), композитсияи адабӣ, интермедия, повест, ҳикоя ва ғайра асаре навишта бошад» [6, с. 30].

Ин баҳо истеъдоди фавқулодаи С. Айюбӣ ва мақоми баланди ӯро дар адабиёти муосири тоҷик ба таври возеҳ нишон медиҳад. Дар ҳақиқат, дар адабиёти муосири тоҷик кам адиберо метавон ном бурд, ки дар чунин доираи васеи жанрҳои назм, наср, драматургия ва адабиёти шифоҳии халқ бо муваффақият эҷод карда бошад. Агар аксари адибон бештар дар як ё ду навъи адабӣ шуҳрат ёфта бошанд, С. Айюбӣ дар тули фаъолияти эҷодии худ дар тамоми навъҳои асосии адабӣ маҳорату истеъдоди хешро озмуда, осори шоистаи таваҷҷуҳ офаридааст.



Далели дигари ин фарогирии эҷодӣ мероси бузурги адабии С. Айюбӣ мебошад. Ба таъкиди устод Абдунабӣ Сатторзода, «Ӯ (Сафармуҳаммад Айюбӣ – Н. Н.) соҳиби 10 маҷмуаи шеър, беш аз 200 драма, 10 филмнома, 1 повест ва 1 ҳикояи воқеӣ мебошад» [6, с. 30]. Ин омор на танҳо сермаҳсулии эҷодии адибро нишон медиҳад, балки аз гуногунҷанба будани истеъдод ва тавоноии ӯ дар масъалаи аз худ намудани қонунмандии жанрҳои мухталифи адабӣ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари адиби семаҳсул будан, аҳаммияти фаъолияти С. Айюбӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ тавонистааст миёни суннату анъана ва навгароӣ робита барқарор намояд. Аз як тараф, дар эҷодиёти ӯ жанрҳои классикии адабиёти форсу тоҷик, аз қабили ғазал, рубоӣ, қасида ва маснавӣ ҷойгоҳи муҳим доранд; аз ҷониби дигар, шоир дар шаклҳои муосири шеър, драматургия, филмнома ва дигар навъҳои адабӣ низ осори арзишманд офаридааст. Ин вижагӣ ӯро ҳамчун адиби серпаҳлуву сермаҳсул муаррифӣ намуда, мақоми ӯро дар рушди адабиёти муосири тоҷик

устувор месозад. Дар ин маврид адабиётшинос Абдураҳмон Абдуманон зикр намудааст, ки «Сафармуҳмуҳаммад Айюбӣ дар бист соли охири ҳаёташ дар муҳити адабӣ, гузашта аз ин, дар муҳити фарҳангии ҷумҳурӣ нақши бориз гузошт. Дар даҳсолаи охири қарни XX ва дах соли аввали асри XXI ӯ аз ҷумлаи фаъолтарин ва пурмаҳсултарини адибони мо буд, ҳарчанд ки қаблан низ ҳамчун шоири соҳибистеъдод таваҷҷуҳи устодони шеъри мо – Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собирро ҷалб карда, ҳамчун драмнавис шуҳрат ёфта буд» [1, с. 44]. Гузашта аз ин, адабиётшинос Аламхон Кӯчарзода низ таъкид мекунад, ки «адиб – (Сафармуҳаммад Айюбӣ – Н. Н.) бештар аз 200 драмаи манзуму мансур эҷод кардааст, ки аксари онҳо дар китобҳои «Ҷилвагоҳи офтоб» (2000), «Мунтахаби осор» (2000) ва тӯй дар Хуррамдара» (2005) нашр гардидаанд. Намоишномаҳои манзуми «Хатои охирини Афлотун» (1990), «Алии Сонӣ» (1994), «Меъроҷи Шоҳин» (1995), «Заволи Чамбули Мастон» (1997), «Аюб Собир дар шаҳри бесуннат» (1996), «Амир Балъамӣ» (1997) дар машварат-озмунҳои драманависони касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиб дониста шудаанд» [4, с. 34-35].

Андешаҳои адабиётшиносони варзидаи тоҷик, ба монанди Абдунабӣ Сатторзода, Абдураҳмон Абдуманон, Аламхон Кӯчарзода ва таваҷҷуҳу эътирофи устодони шеъри муосири тоҷик Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир на танҳо тавсифи шахсияти эҷодии С. Айюбӣ, балки арзёбии илмии осори бадеӣ ва саҳми ӯ дар адабиёти тоҷик аст. Эҷодиёти гуногунпаҳлӯ, санҷиши маҳорату ҳунари шоирӣ дар кулли жанрҳо ва адиби сермаҳсул будани ӯро дар сафи адибони барҷастаи адабиёти муосири тоҷик қарор медиҳанд.

ДАЪВАТИ ШОИР

Солҳои 90-уми асри XX дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз даврахои ҳассос ва пурпечутоби сиёсиву иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Баъди соҳибистиқлол гардидани кишвар, соли 1991 ҷомеа ба бухрони сиёсиву иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуд ва оқибат ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (1992-1997) сар зад. Ин ҳодисаҳо на танҳо ба иқтисодиёт ва сохтори сиёсиву иҷтимоии мамлакат, балки ба адабиёт ва фарҳанги миллӣ низ таъсири амиқ расониданд. Тавре адабиётшинос Худойназар Асозода менависад: «... шоирон ба баёни мавзуъҳои дилхоҳи худ озодона даст мезаданд, яъне дар эҷоди ашъори дардолуд маҳдудият чандон эҳсос намешавад. Махсусан, дар дах соли аввали истиқлол осори дардолуд ва интиқодӣ аксари нашрияҳои кишвар, чи хусусӣ ва чи давлатиро фаро гирифт» [1, с. 614-6155]. Ин арзёбӣ нишон медиҳад, ки адабиёти даврои истиқлол аз қолабҳои идеологӣ то андозае раҳо гардида, бештар ба инъикоси воқеияти талхи рӯзгор, дарду ранҷи мардум, танқиди падидаҳои манфии ҷомеа ва ҷустуҷӯи роҳҳои баркарории сулҳу субот рӯ овардааст.

Чунин таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ба фаъолияти эҷодии С. Айюбӣ низ такони ҷиддӣ бахшид. Камолоти эҷодии шоир маҳз ба солҳои пурошӯби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ва давраи эҳёву таҳкими сулҳ рост омадааст. Ба таъкиди Абдунабӣ Сатторзода: «Камолоти эҷодии Сафармуҳаммад Айюбӣ ҳамчун адиб ба солҳои нооромиҳои иҷтимоию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рост омад ва онҳо таъсири худро гузоштанд» [6, с. 31]. Ин нукта аз он шаҳодат медиҳад, ки таҷрибаи зиндагӣ ва воқеаҳои талхи замон дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва мавқеи эҷодии шоир нақши ҳалкунанда доштаанд.

Дар ашъори С. Айюбӣ воқеаҳои пурфоҷиаи солҳои 90-ум на танҳо ҳамчун заминаи таърихӣ, балки ҳамчун ангезаи андешаҳои амиқи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ бозтоби бадеӣ ёфтаанд. Шоир бо эҳсоси баланди масъулияти шаҳрвандӣ мардумро ба сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммулгароӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангиву маънавӣ даъват мекунад. Дар осори ӯ мавзуъҳои худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, ваҳдат, эҳтироми муқаддасоти миллӣ, маҳкум намудани низоъҳои дохилӣ, дарди миллат, масъулияти инсон дар назди Ватан ва умед ба ояндаи осоишта ҷойгоҳи меҳварӣ касб намудаанд.

Ин андешаҳо дар жанрҳои гуногуни назми суннатӣ, аз ҷумла, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, мусаммат ва суруд, инчунин, дар шаклҳои муосири чаҳорпора ва шеъри нимоӣ таҷассум ёфтаанд. Аз ҷумла, шеърҳои «Ҳоли пареш», «Худношиносӣ», «Ҳама хандед», «Шикаст», «Эътиқоду меҳр мебояд», «Нописандӣ мекунад», «Ҳамоиш», «Шамъи мазор», «Дил мондаст», «Шамшери бурро», «Анҷуман бикшод», «Наврӯзӣ», «Имрӯз», «Парасту», «Забонро нарм дор», «Шукрона», «Субҳ дамид», «Арсаи ваҳдат», «Мавлуда», «Набинанд кӯрон ба ҷуз тирагӣ», «Даъвии сухангӯӣ», «Бозгашт», «Жакон», «Зи як модари ҷонем», «Агар мо ҳамнафас

гардем», «Зиҳӣ, Тоҷикистон», «Ваҳдат намо», «Шодиёна» ва «Мансури Ҳаллоҷ» аз муҳимтарин намунаҳои ин давраи эҷодиёти ӯ ба шумор мераванд.

Таҳлили ин осор нишон медиҳад, ки Сафармуҳаммад Айюбӣ воқеаҳои пурфоҷиаи ҷомеаро танҳо ҳамчун мушоҳидагар ба қалам наовардааст, балки ин рухдоди ғамангезро аз мавқеи як шаҳрванди масъул ва адиби ватанпарвар таҳлил ва арзёбӣ намудааст. Тавре ки донишманди тоҷик С. Ятимов мегӯяд: «Адиб он нест, ки рӯзи ҷанг (мубориза, талош, арсаи созандагӣ, рӯ ба рӯ гаштан бо душманони ғаддор, дурӯя, бегонапараст) пушт гардонад. Адиб онест, ки дар миёни набардҳо симо, маънавиёт, тарзи тафаккури созандаи хешро дар жанрҳои мувофиқ бо амал – образҳои бадеии ба воқеият ҳамсон нишон диҳад» [7, с. 57]. Аз ин нуқтаи назар, С. Айюбӣ ҳамчун адиби воқеӣ дар паҳлуи мардум ва ҷомеа бо неруи сухан, андеша ва эҷодиёти худ дар ҳалли масъалаҳои муҳимми замон саҳм гузоштааст. Аз ин рӯ, ашъори ӯ на танҳо арзиши баланди бадеӣ, балки аҳаммияти муҳимми иҷтимоӣ ва таърихӣ низ дошта, ҳамчун инъикосгари руҳия, ормонҳо ва дарду умеди ҷомеаи тоҷик дар солҳои аввали истиқлол аҳаммияти бузургро доро мебошанд.

Аз рӯйи мавзуъ, муҳтаво ва хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ашъори С. Аюбиро, ки дар солҳои навадуми асри XX эҷод шудаанд, метавон ба панҷ гурӯҳи асосӣ ҷудо намуд. Чунин тасниф имкон медиҳад, ки таҳаввули афкори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҷаҳонбинии шоир дар иртибот бо рӯйдодҳои муҳимми таърихии давр дақиқтар муайян гардад.

1. Интиқоди иҷтимоӣ ва сиёсӣ.
2. Фоҷиаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ.
3. Ваҳдат ва сулҳи миллӣ.
4. Ватандӯстӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ.
5. Ахлоқу маърифат ва инсонгароӣ.

ИНТИҚОДИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСӢ

Ашъоре, ки ба танқиди иҷтимоӣ ва сиёсӣ иртибот доранд, метавонанд ҳамчун давраи буҳрон ва ҳушдор низ арзёбӣ шавад. Чунин унвонгузорӣ аз он ҷиҳат асоснок аст, ки дар онҳо масъалаҳои танқиди вазъи иҷтимоӣ, маҳкум намудани ҷаҳолат ва асолатбохтагӣ, изҳори нигаронӣ аз парокандагии миллат, ҳушдор аз паёмадҳои низоъҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва пешгӯии фоҷиаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ҷойгоҳи меҳварӣ доранд. Дар шеърҳои «Худношиносӣ», «Тӯдаи шайдо», «Шикаст», «Нописандӣ мекунад», «Ҳамоиш», «Имрӯз», «Набинанд кӯрон ба ҷуз тирагӣ» ва дигар осори ҳаммазмун С. Айюбӣ аз мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ ҷомеаро ба худогоҳӣ, ваҳдат ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ даъват намуда, нисбат ба падидаҳои манфии замон эътирози ошкорои худро баён мекунад.

Дар миёни ин осор шеъри «Худношиносӣ» моҳиятан аз пуркувваттарин шеъри иҷтимоӣ ва фалсафии шоир маҳсуб мешавад, ки дар шакли нимоӣ офарида шудааст. Агар ба таърихи эҷоди он таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки дар поёни шеър чунин қайд омадааст: «Аз моҳи майи соли 1990 то июни соли 1992» [3, с. 4]. Ин сана танҳо вақти иншои шеър нест, балки рамзи як давраи пурошӯби таърихи Тоҷикистон мебошад. Яъне, шоир андешаҳои асосии асарро аз соли 1990 дар мағзаш пазонда, онро дар оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (1992) ба анҷом расонидааст. Аз ин рӯ, «Худношиносӣ»-ро метавон ҳуҷҷати бадеии давраи фурӯпошии низоми Шуравӣ ва оғози буҳрони сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистон донист.

Ғояи меҳварии шеър масъалаи аз байн рафтани худшиносии миллӣ ва маънавӣ мебошад. Гарчанде шеър «Худношиносӣ» ном дорад, муҳтавои он бештар аз гум шудани худшиносӣ ва оқибатҳои фоҷиабори он ҳикоят мекунад. Ин тазод худ як ҳадафи бадеии шоир аст: то замоне ки инсон худро нашиносад, Ватан, таърих ва арзишҳои миллиро низ дарку эҳсос нахоҳад кард.

Дар тамоми шеър «кӯрӣ» ҳамчун рамзи манфӣ дар меҳвари тасвир қарор гирифтааст. «Кӯр» дар шеър маънои ҷисмониро надорад, балки рамзи ҷаҳолат, бехирадӣ, худношиносӣ, бемасъулиятӣ ва аз даст рафтани виҷдон аст. Аз ин ҷиҳат шоир мегӯяд:

Маро, рассом, нобино бикун тасвир!
Дигар айнак ба чашми ман камӣ дорад.
Маро ин дидаи бинои нобино
Аз ин худношиносиҳо ғаме дорад,
Маро, рассом, нобино бикун тасвир!

Маро, рассом, нобино бикун тасвир,
Ки дар ғафлат шудам банди таносоӣ.
Надидам не дилеву не дилогоҳе
Миёни мардуми ноҷӯр,
К-аз ӯ беҳтар бувад ҳар кӯр,
Надонистам, ки бо бечашмҳо бечашм бояд буд,
Надонистам, ки бо пурхашмҳо пурхашм бояд буд [3, с. 4].

Аз нигоҳи замону макон, «Худношиносӣ» маҳсули яке аз ҳассостарин марҳалаҳои таърихи Тоҷикистон мебошад. Солҳои 1991-1992, пас аз соҳибистиқлолӣ, кишвар ба буҳрони амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ рӯ ба рӯ гардид. Низоми пешин фурӯ пошид, вале арзишҳои нави давлатдорӣ ҳанӯз шакл нагирифта буданд. Дар ҷомеа муборизаи гурӯҳҳои сиёсӣ, маҳалгароӣ, рақобати мансабталабона ва истифодаи эҳсосоти динӣ ба хотири ҳадафҳои сиёсӣ густариш ёфт.

Ҳамчун шоҳиди ин воқеаҳо С. Айюбӣ ин дигаргунию тағйироти ғайримунтазираро бо истифода аз рамзҳои бадеӣ таҷассум намуда, бо ҷасорати хос сохтори ҷомеа, сиёсатмадорон, руҳониёни риёкор ва роҳбарони манфиатҷӯро мавриди интиқод қарор медиҳад. Ба андешаи шоир, дар ҷомеа меъёрҳои воқеии арзёбии инсон аз байн рафта, ҷойи дониш, ахлоқ ва истеъдодро зӯрӣ, мансабпарастӣ ва ҷаҳолату намоишкорӣ гирифтааст.

Надонистам, ки даври муштзӯрон аст,
Шаҳраш шаҳри кӯрон аст.
Надонистам, дар ин шаҳри асопарвар
Асочӯб аст баҳри халқи он раҳбар.
Ҳама бар чӯби хушке боварӣ дорад,
Ба миллат чӯби хушке сарварӣ дорад.
Дар ин кишвар
На ҳар сарвар бавиҷдон аст,
На сарқонуни ҳар масҷид зи Қуръон аст,
На ҳар мулло мусалмон аст...
Даме дар мамлакат сарбоз доҳӣ шуд,
Халоиқ аз паси сарбоз роҳӣ шуд.
Сухангӯ аз ҳароси теғ моҳӣ шуд.
Бишуд мансабпараст авбош,
Сари аврангу курсиҳо нишаст авбош,
Миёни аҳли дониширо шикаст авбош,
Баландиҳои фазли тоҷиконро кард паст авбош.
Ба ду дасти адаб доданд доноён адолатро,
Зи пеши кӯр дуздиданд «биноён» адолатро [4, с. 4].

Макон дар шеъри «Худношиносӣ» танҳо Тоҷикистон нест, балки Тоҷикистон ба рамзи Ватан ва сарнавишти миллат табдил меёбад. Аз ин рӯ, вожаҳои «кишвар», «мамлакат», «шаҳр», «миллат», «диёр» ва «Ватан» на танҳо маънои ҷуғрофӣ, балки моҳияти рамзӣ низ касб мекунанд. Масалан:

Ватан бар дасти аҳли беҳунар омад,
Ҳунарманд аз диёри худ бадар омад [4, с. 4].

Дар ин ҷо масъала танҳо муҳоҷирати зиёиён нест. Шоир ҷомеаеро тасвир мекунад, ки дар он арзишҳо ҷой иваз намуда, донишмандону соҳибҳунарон мавқеи иҷтимоии худро аз даст додаанд.

Дар анҷоми шеър шоир ба симои устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ рӯ меорад. Ин бахш яке аз пуррамзтарин ва амиқтарин қисматҳои асар мебошад. Рӯдакӣ, ки дар охири умр аз неъмати биноӣ маҳрум гардидааст, дар шеър рамзи маърифат, фарҳанги миллӣ ва виҷдони таърихии миллат аст. Бо такя ба ин образ, шоир аҳаммияти худшиносӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва масъулияти маънавии инсонро дар назди таърих таъкид менамояд.

Маро, рассом, нобино бикун тасвир,
Ки гӯри Рӯдакӣ равшантар аз ҳар хонақоҳи мост,
Ки як панди ниё волотар аз тахту кулоҳи мост.
Ту бикшо чашмҳои Рӯдакиро бар ҷаҳони пир,

- Маро, рассом, нобино бикун тасвир,
Дар ин ҷамъияти бедод
Маро тасвир бинмо кӯри модарзод! [4, с. 4].

Мавриди зикр аст, ки такрори зиёда аз даҳкаратаи мисраи «Маро, рассом, нобино бикун тасвир» аз муҳимтарин воситаҳои таркибии шеър мебошад. Ин такрори ҳалқавӣ ба муттаҳид сохтани сохтори шеър, иртиботи мантиқи гуфтор, таъкиди ғояи асосӣ ва афзун гардидани таъсири эҳсосӣ мусоидат мекунад. Шоир ба воситаи ин такрору бозгӯйӣ нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи гирифтори ҷаҳолат ва бедодгарӣ бино будан дигар фазилат нест, балки ранҷу азоб аст.

Аз нигоҳи ҳунар ва баён «Худношиносӣ» аз беҳтарин намунаҳои шеъри иҷтимоии муосир ба шумор меравад. Дар он рамз (кӯр, асо, шаҳр, гӯр), талмеҳ (ишора ба Рӯдакӣ), истиора («шаҳри кӯрон», «чӯби хушк»), тазод (бино – кӯр, дониш – ҷаҳолат, адолат – бедод), муболиға, киноя ва ҳаҷви иҷтимоӣ бо маҳорати баланд истифода шудаанд. Ин воситаҳои бадеӣ на танҳо таъсиру оҳанги бадеии шеърро меафзоянд, балки ҳамчун ифодаи ғояи марказии он низ хидмат мекунанд.

Бояд гуфт, ки «Худношиносӣ» танҳо шеъри дорои оҳанги эътирозӣ нест, балки шеъри иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва миллӣ мебошад. С. Айюбӣ бо истифода аз мафҳуми рамзии «кӯрӣ» ҷомеаеро ба тасвир мекашад, ки гирифтори ҷаҳолат, худфаромӯшӣ, беадолатӣ ва парокандагӣ гардидааст. Ҳамзамон, шоир танҳо ба инъикоси воқеияти талхи замон қонеъ намешавад, балки хонандаро ба хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ, эҳёи арзишҳои маънавию фарҳангӣ ва дарку эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ даъват менамояд. Маҳз ҳамин хусусиятҳо арзиши иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва бадеии «Худношиносӣ»-ро дар адабиёти муосири тоҷик муайян месозанд.

ФОҶИАИ ҶАНГИ ТАҲМИЛИИ ШАҲРВАНДӢ

Дигар аз мавзуи меҳварию асосие, ки ашъори С. Айюбӣ дар солҳои навадуми асри XX дар бар гирифтааст, инъикоси фоҷиаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ мебошад. Дар шеърҳои «Ҳоли пареш», «Ҳама хандед!», «Дил мондааст», «Ҳамоиш», «Имрӯз», «Шикаст» ва дигар ашъори ҳаммазмун шоир бо дарду сӯзи амиқ аз паёмадҳои фоҷиабори ҷанг, харобиҳои кишвар, парокандагии миллат, ранҷу азоби мардум ва аз байн рафтани арзишҳои маънавӣ сухан мегӯяд. Ӯ бо эҳсоси баланди масъулияти шаҳрвандӣ ҷангу хушунат, кинаву адоват ва тафриқаро шадидан маҳкум намуда, сулҳу ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ягонагии миллиро ҳамчун арзишҳои муқаддас васф мекунад. Аз ин рӯ, ин осор на танҳо бозтоби воқеияти таърихии даврони ҷанги шаҳрвандӣ, балки ифодаи равшани мавқеи шаҳрвандӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстонаи шоир низ ба шумор мераванд.

Дар миёни ин шеърҳо ғазали «Ҳамоиш» (1992) ҷойгоҳи махсус дорад. Шеъри мазкур дар айёми авҷи бухрони сиёсӣ ва оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ навишта шуда, вазъи фоҷиабори ҷомеаро тавассути низоми густардаи рамзҳо ва киноятҳои бадеӣ таҷассум менамояд. Ғазал «Ҳамоиш» номгузорӣ шуда, ба маънои луғавӣ гирдиҳамоӣ ва ҷамъомадро ифода мекунад, аммо дар матни шеър ин мафҳум тобиши киноявӣ гирифта, ба рамзи ҷамъ омадани гурӯҳҳое табдил меёбад, ки амалҳои онҳо боиси бесарусомонӣ, тафриқа ва харобии кишвар гардидааст.

Аз нигоҳи ғоявӣ, андешаи меҳварӣ дар шеър маҳкум намудани тафриқа, худситезӣ, фосила гирифтан аз арзишҳои миллӣ ва ҳушдор аз паёмадҳои фоҷиабори ҷудоиандозӣ мебошад. Шоир ҷомеаро дар ҳолате тасвир мекунад, ки меъёрҳои ахлоқӣ заиф гардида, ҷойи хирадро ҷаҳолат ва ҷойи ваҳдатро низову хушунат гирифтаанд.

Ғазал бо чунин байт оғоз меёбад:

Дар гирди шамъи сӯхта, парвонаҳо ҷамъ омаданд,
Бар зидди шоҳаншоҳи худ ҳамдунаҳо ҷамъ омаданд [4, с. 41].

Дар ин байт «шамъи сӯхта» рамзи Ватан, ҳақиқат ё маркази маънавии ҷомеа мебошад. Образи «парвонаҳо», ки дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ одатан рамзи ишқу фидокорист, дар ин ҷо моҳияти иҷтимоӣ касб намуда, ба гурӯҳҳои саргардону эҳсосӣ ишора мекунад. Мисраи дуюм бо истифода аз вожаи «ҳамдунаҳо» фазои муқовимат ва низоъро ба вуҷуд оварда, аз ҷамъ шудани гурӯҳҳое ҳикоят мекунад, ки бар зидди сохтори давлат ва ягонагии ҷомеа баромадаанд. Ҳамин тавр, «ҳамоиш» ба рамзи ошӯб ва тафриқаандозии гурӯҳҳои дасисакори фурсатталаб мубаддал мегардад.

Дар байти баъдӣ шоир бо истифода аз ирсоли масал беҳосилу бенатиҷа будани фаъолияти чунин гурӯҳҳоро нишон медиҳад:

Аз меваи бедонае мағзе намеояд бурун,

Чун хирмани бебаҳраҳо бе донаҳо ҷамъ омаданд [4, с. 41].

Дар ин ҷо тасвирҳои «меваи бедона» ва «хирмани бедона» рамзи беҳосилӣ ва халои маънавӣ мебошанд. Шоир ба василаи ин истиораҳо таъкид мекунад, ки аз афроди бетаҷриба ва хомандеш наметавон амали судмандеро интизор шуд.

Яке аз пурмазмунтарин байтҳои ғазал чунин аст:

Фарзанди бадхӯи падар бад гуфт дар рӯи падар,
Бар рағми ҷадди хештан афгонаҳо ҷамъ омаданд [4, с. 41].

Дар байти мазкур муносибати фарзанд бо падар аз доираи маънои хонаводагӣ фаротар рафта, ба рамзи муносибати насли имрӯз бо таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллӣ табдил меёбад. Беэҳтиромӣ нисбат ба падар маънои рӯй гардондан аз мероси аҷдодӣ ва худшиносии миллиро дорад. Вожаи «афгонаҳо» низ танҳо маънои фарёдзанандагонро надошта, ба гурӯҳҳои барангезандаи ошӯб ва нооромӣ ишора мекунад.

Дар байти дигар паёмадҳои иҷтимоии ҷанг ба таври махсус тасвир шудаанд:

Занҳои шаҳри бостон карданд бас оҳу фиғон,
Мастон парешон гаштаанд, мастонаҳо ҷамъ омаданд [4, с. 41].

Образи «занҳои шаҳри бостон» рамзи модарон, ҳамсарон ва тамоми ҷомеаи ранҷдида мебошад. Оҳу фиғони онҳо аз талафоти инсонӣ ва вайронии муҳит ва зиндагии осоишта шаҳодат медиҳад. Дар ҳамин ҳол, вожаи «мастонаҳо» киноя аз афроди беандеша, эҳсосотӣ ва дур аз хирад мебошад.

Бад-ин тариқ дар идомаи шеър харобии ҷанг бо тасвири воқеии манзараҳои ногувору фоҷиабор инъикос ёфтааст:

Ҳар ҷо, ки зебо хона буд, бишкаста яксон кардаанд,
Дар зери хирғоҳи само бехонаҳо ҷамъ омаданд [4, с. 41].

Тасвири хонаҳои вайроншуда ва одамони бехонаву дармонда яке аз пуртаъсиртарин манзараҳои иҷтимоии ғазал мебошад. Истиораи «хирғоҳи само» осмони кушодаро ифода намуда, аз сарнавишти талхи мардумони аз манзил маҳруммонда ҳикоят мекунад.

Авҷи фоҷиа дар байти зерин таҷассум меёбад:

Оташ ба боғи гул заданд, ханҷар ба ҷону дил заданд,
Гӯё дар ин шаҳри Худо бегонаҳо ҷамъ омаданд [4, с. 41].

«Боғи гул» рамзи Ватан ва зиндагии осоишта буда, «оташ» ва «ханҷар» рамзи ҷанг, харобкорӣ ва душманӣ мебошанд. Ибораи «бегонаҳо» танҳо душманони хориҷиро ифода намекунад, ба онҳое ишора мешавад, ки арзишҳои миллӣ ва манфиатҳои мардумро зери по кардаанд.

Дар мақтаи ғазал шоир бо истифода аз санъати таҷоҳули ориф андешаи асосии худро ҷамъбаст менамояд:

Гуфтам, ки Айюбӣ чаро фарзонагӣ надҳӣ нишон,
Гуфто: – Намебинӣ магар девонаҳо ҷамъ омаданд! [4, с. 41].

Посухи қаҳрамони лирикӣ нишон медиҳад, дар ҷомеае, ки ҷаҳолат ва эҳсосот бар хирад ғолиб омадааст, сухани донишмандон таъсири худро аз даст медиҳад. Вожаи «девонаҳо» дар ин ҷо маънои маҷозӣ дошта, ба афроди аз ақлу тадбир дур ишора мекунад.

Тавре ки аз таҳлили шеър бармеояд, аз ҷиҳати поэтика, ғазал бо низоми мукаммали рамзҳо, истиораҳо, ташбеҳ, киноя, тазод ва ирсоли масал истеҳкоми маъноиву мантиқӣ пайдо кардааст. Дар байни ин саъатҳои бадеӣ такрори радифи «ҷамъ омаданд» аҳаммияти махсус дорад. Радифи мазкур на танҳо ҷанбаи муназзами мусиқии ғазалро таъмин мекунад, балки бо ҳар такрор густариши буҳрон, афзоиши тафриқа ва фарогир шудани бесарусомониро дар ҷомеа таъкид менамояд. Ба ҳамин тартиб, радиф аз унсури шаклӣ ба воситаи муҳимми ифодаи ғоя табдил меёбад.

Ғазали «Ҳамоиш» аз беҳтарин намунаҳои шеъри иҷтимоиву сиёсии Сафармуҳаммад Айюбӣ ба шумор меравад. Шоир бо истифода аз образҳои рамзӣ, низоми пурқуввати воситаҳои бадеӣ ва забони ихчаму таъсирбахш на танҳо воқеияти талхи оғози солҳои истиқлол ва фоҷиаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро инъикос кардааст, балки мардумро ба хирад, ваҳдат, худшиносии миллӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ даъват намудааст.

(Давом дорад)

БАРРАСИИ ИЛМИИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР АДАБИЁТИ ИЛМӢ-МЕТОДӢ




Сунатулло АБДУЛЛОЕВ – омӯзгори фанни математикаи МТМУ №15-и ноҳияи Ёвон

Барои гузаштан ба муносибати босалоҳият дар таълим муҳим аст, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башарӣ дар давраҳое, ки низоми синфӣ-дарсӣ ва шарҳӣ-аёнӣ ташаккул ёфта, ба қуллаҳои баланди худ расида, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву маърифатии одамон, арзишҳову дастовардҳои илму техника дар сатҳи дигар қарор доштанд, ба ҳисоб гирифта шавад. Масалан, аксар фаъолиятҳо дар истеҳсолот ба таври дастӣ сурат мегирифт, нақлиёт ва алоқа кам рушд карда буд, сарчашмаҳои ахбор хеле маҳдуд буданд. Зиёда аз он шахсеро босавод мешуморанд, ки ахбору маълумоти зиёдеро аз бар карда бошад.

Ҷаҳонишавӣ ва ворид гардидан ба системаи ягонаи таҳсилот ва талаботҳои системаи Болонӣ моро водор менамояд, ки сари ин масъала андеша ронем. Дар ин самт ақидаи олимон нисбат ба ворид намудани тағйирот ба таълими анъанавӣ вобаста ба шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ чунин аст:

1. Ба ақидаи Р. Аткинсон, дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотира равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Он ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ, фаъолнокии хонандагон таъсири камтар дорад. Илова бар ин, миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилият ва равандҳои азхудкунии он зиёд мебошад.

2. А. А. Вербитский бошад, дар чунин ақида аст: «мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шудааст, яъне, ахбор, маълумот ва қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд. Илова бар ин, намуна, таҷриба ва ақидаҳои пешниҳодшаванда пораҳои алоҳидаи замонро ифода мекунад. Ин боис мегардад, ки таълимгирандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замон муайян карда наметавонанд ва сатҳи ҳавасмандии хонандагон ба таълим хеле паст мегардад, яъне, онҳо намедонанд, ки барои чӣ, кай ва дар куҷо ин ё он донишро истифода баранд. Аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахайюлӣ буда, ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасии масъалаҳоро фароҳам оварда наметавонанд, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти ҳозира мувофиқат намекунанд».



3. В. А. Болотов ва В.В. Сериков (Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. - №10. – с. 8 – 14.) якчанд омилро нисбат ба камнуфус шудани низоми кунунии таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба ақидаи онҳо, «... тағйирот дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иттилоотиву технологӣ боиси пайдо шудани фарҳангу маданияти нав гашта, дар он таҳсилоте, ки танҳо ба андӯхтани дониш нигаронида шудааст, самаранокӣ ва мақсаднокиашро аз даст додаст. Айни замон бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки низоми

таълимии ба дониш нигаронидашуда ба буҳронии амиқ рӯ ба рӯ шудааст. Буҳронии мазкур якчанд сабаб дорад.

Яке аз онҳо, ба тағйир ёфтани моҳияти дониш ва таҷрибаи ҷомеа вобастагӣ дорад: айни замон ба даст овардани ахбор соҳаи муҳимми фаъолияти касбии инсон гашта, асоси ҳама гуна истеҳсолоти муосирро ташкил медиҳад. Бо суръати нав рушд намудани донишҳо бо тағйир ёфтану ислоҳоти дастгоҳҳои истеҳсолӣ баробар шудааст. Маҷрои бузурги ахборро, ки то мактабро хатм кардани хонанда куҳна мешавад, акнун дар чаҳорчӯбаи барномаи таълим ҷой додан ғайриимкон аст. Таълим додани ба истилоҳ «маълумоти дақиқ» муҳим аст, аммо агар имконияти сари вақт иваз кардани упсурҳои он фароҳам оварда нашавад, он гоҳ мо наметавонем хонандаро ба ҳаёт омода намоем... Сабаби дигари буҳронии низоми таълими ба дониш нигаронидашуда дар он аст, ки зарурати пур кардани хотираи кӯдакон бо ахбори барзиёд аз байн рафтааст, зеро маъхазҳои дигари нигоҳ доштани ахбор мавҷуданд. Ба хонандагон бояд тарзи истифодаи ин маъхазҳо омӯзонида шавад».

Аз нигоҳи дигар, бо дарназардошти пешрафти илм ба назария ва принсипҳои дидактикии таълим низ тағйироти зиёде ворид шуда истодааст, ки онро ба назар гирифтан зарур аст. Дар ин маврид, ақидае мавҷуд аст, ки бино ба он, ташаккули салоҳиятҳоро дар алоқамандӣ бо таълими анъанавӣ ба роҳ мондан зарур аст. Айни ҳол муҳаққиқони таълими босалоҳият бар он назаранд, ки роҳи ягонаи ташаккули салоҳиятҳо тавассути гузориши проблема барои хонанда дар доираи мазмуни таълим вобаста ба ҳалли он дар вазъиятҳои гуногуни таълимию ҳаётӣ ба вуҷуд меояд.

Яке аз методҳои маъмули он, «таҳлили вазъиятҳои мушаххаси таълимӣ» ном дорад, ки дар амалия ба принсипи дидактикаи таълим – алоқамандии назария бо амалия хеле наздикӣ дорад. Аммо дар таълими босалоҳият доираи фаъолияти ин принсип тағйир меёбад, ки онро А. В. Хуторской (Современная дидактика: учеб. Пособие //А.В. Хуторской. – М.: Высшая школа, 2007) чунин зикр намудааст: «Муносибати таълим: аввал назария, сипас, истифодаи он дар таҷриба роҳи ягонаи дуруст ба шумор меравад. Принсипи алоқамандии назария бо амалия роҳи алтернативиро дорад, яъне, назария бо амалия алоқаманд намешавад, балки дар натиҷаи фаъолияти амалии хонандагон аз дарку татбиқи онҳо бармеояд». Дар ҳолати муайян намудани мувозинати байни таълими анъанавӣ ва таълими босалоҳият, бо дарназардошти хусусиятҳои равонии хонандагон, бо мақсади ноил шудан ба натиҷаи зарурӣ ва ташаккули салоҳиятҳо оид ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълим зарур аст. Шумо метавонед дар омӯзиши маводи таълим ду самтро истифода кунед:

А) ба таври анъанавӣ: аз назария ба амалия (ба шарте ки мароми хонандагонро дар раванди омӯзиши маводи назариявӣ таъмин карда тавонем);

Б) ба воситаи муносибати босалоҳият: аз амалия ба назария (ҳамчун усули беҳтарин барои ба роҳ мондани раванди ташаккули салоҳиятҳо).

Ин вариантҳо бояд дар раванди таълим ҷойи худро дошта бошанд ва интихоби онҳо ба омилҳои зерин вобастаанд:

1. Ба эътибор гирифтани имкониятҳои синнусолии хонандагон;
2. Ба эътибор гирифтани хусусияти маводи омӯзиш.

Бояд қайд кард, ки мафҳуми салоҳият якчанд сол пеш аз забоншиносӣ, аз як тараф ва аз тарафи дигар, аз ҷаҳони соҳибкорӣ гирифта шудааст. Мафҳуми мазкур дар худ маънои фаъол будан ва самаранокиро дорад. Баҳсҳо дар бораи аҳаммияти ин мафҳум дар соҳаи маориф ҳанӯз идома доранд, аммо бо вуҷуди ин, барномаҳои таълимии муосир дар маҷмуъ, ба таълими салоҳиятнокӣ нигаронида шудаанд.

> Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ – омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд.
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ МОДЕЛИ 5E ВА УСУЛИ STEM ДАР ТАЪЛИМИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ



Сатригул САИДАСАНОВА – омӯзгори Литсейи Президентӣ барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон

Дар замони рушди босуръати илму техника, технологияҳои рақамӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ низоми маориф вазифадор аст, шахсиятҳои фаъол, эҷодкор, соҳибсалоҳият ва рақобатпазирро тарбия намояд. Имрӯз аз хонанда танҳо аз худ намудани донишҳои назариявӣ талаб карда намешавад, балки ӯ бояд қобилияти таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ, ҳалли масъалаҳо ва истифодаи донишҳои андӯхтаи худро дар вазъиятҳои воқеии ҳаёт низ дошта бошад. Аз ин рӯ, истифодаи технологияҳои муосири таълим яке аз самтҳои муҳимми такмили сифати таҳсилот ба ҳисоб меравад.

Дар байни технологияҳои фаъоли таълим модели 5E ва усули STEM мавқеи хос доранд. Ин равишҳо дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳамчун воситаи муассири баланд бардоштани сифати таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқ истифода мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки модели 5E ба баланд гардидани дастовардҳои таълимӣ, рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳқиқотӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо ва афзоиши шавқу ҳаваси хонандагон нисбат ба омӯзиши илм мусоидат менамояд.

Дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи маориф ва илм таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир тадбирҳои муҳим амалӣ шуда истодаанд. Рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2040 ҳамчун **«Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»** эълон гардидааст. Ҳадафи ин иқдоми муҳим рушди тафаккури илмӣ ва техникӣ, баланд бардоштани сифати таълими фанҳои дақиқ, таҳкими иқтидори илмии кишвар ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи иқтисодиёти муосир мебошад.

Дар доираи амалисозии ин ҳадафҳо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, ЮНЕСКО, ҷиҳати такмили мазмуни таҳсилот ва мутобиқ намудани он ба талаботи асри XXI тадбирҳои гуногунро амалӣ намуда истодааст. Яке аз дастовардҳои назаррас, таҳия ва ҷорӣ намудани китобҳои насли нав мебошад, ки ба рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳқиқотӣ, эҷодкорӣ, фаъолияти мустақилона ва истифодаи технологияҳои муосири таълим равона шудаанд.

Дар ин замина, истифодаи моделҳои фаъоли таълим, аз ҷумла, модели 5E ва усули STEM, аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Ин технологияҳо ба ташкили муҳити фаъолу таҳқиқотӣ, рушди салоҳиятҳои калидӣ, омӯзиши ҳамгирошуда ва ташаккули малакаҳои асри XXI мусоидат намуда, сифати таълими фанҳои дақиқро баланд мебардоранд.

Модели 5E (5E Instructional Model) яке аз технологияҳои самараноки таълими фаъол буда, ба таълими таҳқиқотӣ ва салоҳиятнок асос ёфтааст. Ин модел аз панҷ марҳалаи пайдарпай — **водорнамоӣ (Engage), таҳқиқ намудан (Explore), шарҳ додан (Explain), татбиқ намудан (Elaborate)** ва **арзёбӣ (Evaluate)** иборат мебошад. Ҳар як марҳала вазифаи мушаххас дошта, барои ташаккули дониш, малака ва салоҳиятҳои хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Марҳалаи аввал – Водорнамоӣ (Engage)

Марҳалаи «Водорнамоӣ» ба бедор намудани шавқу ҳаваси хонандагон ба мавзуи нав равона гардидааст. Дар ин марҳала омӯзгор донишҳои қаблии хонандагонро фаъол намуда, вазъияти проблемавӣ эҷод мекунад ва онҳоро ба андешаронӣ водор месозад. Ҳадафи асосии ин марҳала ташаккули ангеза ба омӯзиш, рушди малакаҳои пешгӯӣ, тахминкунӣ, мушоҳида, ҳамкорӣ ва тафаккури интиқодӣ мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф омӯзгор метавонад аз саволҳои проблемавӣ, расмҳо, видеоҳо, таҷрибаҳои кутоҳ, ҳолатҳои воқеии ҳаёт ва муқоисаҳо истифода кунад.

Муҳим аст, ки дар ин марҳала ҷавобҳои тайёр пешниҳод карда нашаванд. Ба хонандагон имкон дода мешавад, ки дар муддати кутоҳ фарзияҳои худро пешниҳод намуда, дар асоси донишҳои қаблии худ масъалаи гузошташударо таҳлил намоянд. Ин раванд онҳоро ба омӯзиши фаъол ва мустақилона ҳавасманд месозад.

Марҳалаи дуюм – Таҳқиқ намудан (Explore)

Дар марҳалаи «Таҳқиқ намудан» хонандагон мустақилона ё дар гурӯҳҳо таҷриба мегузаронанд, мушоҳида мекунанд, маълумот ҷамъоварӣ намуда, фарзияҳои пешниҳодшударо месанҷанд. Маҳз дар ҳамин марҳала онҳо тавассути фаъолияти амалӣ ба кашфи донишҳои нав ноил мегарданд.

Нақши омӯзгор дар ин раванд ҳамчун фасилитатор зоҳир мегардад. Ӯ ҷавобҳои тайёрро пешниҳод намекунад, балки хонандагонро ба ҷустуҷӯи далелҳо, муайян намудани робитаҳои байни падидаҳо, таҳлил ва муқоисаи натиҷаҳо роҳнамоӣ менамояд. Ин марҳала барои рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳқиқотӣ, кор бо иттилоот, ҳамкорӣ, муошират ва қабули қарорҳои асоснок мусоидат мекунад.

Марҳалаи сеюм – Шарҳ додан– (Explain)

Дар ин марҳала хонандагон натиҷаҳои таҳқиқоти худро шарҳ дода, хулосаҳои илмӣ мебароранд. Онҳо андешаҳои худро бо истифода аз далелҳо асоснок намуда, ба саволҳои пешниҳодшуда ҷавоб медиҳанд. Нақши омӯзгор аз он иборат аст, ки ҷавобҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, мафҳумҳои илмиро шарҳ диҳад, истилоҳҳои илмиро дуруст истифода кунад ва донишҳои нави назариявиро бо натиҷаҳои фаъолияти хонандагон пайваст намояд. Дар натиҷаи ин марҳала хонандагон истифодаи нутқи илмӣ, асоснок намудани андешаҳо, таҳлил ва хулосабарориро меомӯзанд.

Марҳалаи чорум – Татбиқ намудан (Elaborate)

Марҳалаи «Татбиқ намудан» имкон фароҳам меорад, ки хонандагон донишҳои азхудкардаи худро дар вазъиятҳои нав истифода намоянд. Дар ин марҳала онҳо масъалаҳои амалиро ҳал мекунанд, таҷрибаҳои нав мегузаронанд, лоиҳаҳо таҳия менамоянд ва донишҳои худро бо масъалаҳои ҳаёти воқеӣ пайваст месозанд.

Ин раванд ба таҳкими донишҳо, рушди тафаккури эҷодӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳо, фаъолияти мустақилона ва татбиқи амалии дониш мусоидат менамояд. Ҳамзамон, хонандагон меомӯзанд, ки донишҳои илмиро дар шароити гуногун истифода кунанд.

Марҳалаи панҷум – Арзёбӣ (Evaluate)

Арзёбӣ қисми ҷудонашавандаи модели 5E мебошад. Ҳадафи он муайян намудани сатҳи азхудкунии дониш, ташаккули малакаҳо ва рушди салоҳиятҳои хонандагон мебошад. Арзёбӣ танҳо дар анҷоми дарс гузаронида намешавад, балки дар тамоми марҳалаҳои модели 5E амалӣ мегардад. Омӯзгор фаъолияти хонандагонро пайваста мушоҳида намуда, ба онҳо бархӯрди саривақтӣ пешниҳод мекунад. Ин усул имкон медиҳад, ки мушкилоти омӯзишӣ сари вақт муайян гардида, барои бартараф намудани онҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Ҳамзамон, худбаҳодиҳӣ ва арзёбии ҳамдигар низ дар рушди масъулиятшиносӣ, худназоратӣ ва такмили фаъолияти таълимии хонандагон нақши муҳим доранд.

Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки пайдарпайии марҳалаҳои модели 5E ба дарки амиқ ва дарозмуддати мафҳумҳои илмӣ, рушди тафаккури интиқодӣ, малакаҳои таҳқиқотӣ ва баланд гардидани сифати омӯзиш мусоидат менамояд.

STEM ихтисораи чор самти асосии дониш мебошад:

S (Science) – илм;

T (Technology) – технология;

E (Engineering) – муҳандисӣ;
M (Mathematics) – математика.

Ҳадафи асосии STEM гузариш аз омӯзиши ҷудогонаи фанҳо ба омӯзиши ҳамгирошуда ва татбиқи донишҳо дар ҳалли масъалаҳои воқеии ҳаёт мебошад. Ин равиш имкон фароҳам меорад, ки хонандагон донишҳои худро дар шароити амалӣ истифода намуда, малакаҳои таҳлил, таҳқиқ, тарҳрезӣ, таҷрибаомӯзӣ, эҷодкорӣ ва қабули қарорро ташаккул диҳанд.

Дар таълими STEM хонанда на танҳо донишҳои тайёрро азхуд мекунад, балки тавассути мушоҳида, таҷриба, таҳқиқ, сохтани моделҳо ва иҷрои лоиҳаҳо донишро мустақилона ба даст меорад. Ин усул фаъолияти таълимиро ба талаботи ҷомеаи муосир мутобиқ намуда, барои рушди тафаккури муҳандисӣ, саводнокии технологӣ ва фарҳанги илмии хонандагон мусоидат менамояд.

Яке аз бартариҳои муҳимми STEM рушди малакаҳои асри XXI мебошад. Аз ҷумла, тафаккури интиқодӣ, ҳалли масъалаҳо, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ, муоширати самаранок, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва фаъолияти лоиҳавӣ маҳз тавассути чунин равиш самаранок ташаккул меёбанд..

Таҳқиқотҳои байналмилалӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи модели 5E дар омӯзиши STEM ба беҳтар гардидани натиҷаҳои таълимӣ, баланд шудани ҳавасмандии хонандагон, рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ, инчунин, ташаккули қобилияти ҳалли масъалаҳои воқеӣ мусоидат менамояд. Дар шароити рушди босуръати илму техника ва технологияҳои рақамӣ истифодаи технологияҳои фаъоли таълим ба яке аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот табдил ёфтааст. Модели 5E ва усули STEM аз ҷумлаи чунин технологияҳо буда, ба ташаккули донишҳои устувор, малакаҳои таҳқиқотӣ, тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва фаъолияти мустақилонаи хонандагон мусоидат менамоянд.

Татбиқи модели 5E якҷо бо усули STEM имкон медиҳад, ки омӯзиши фанҳои дақиқ аз шакли анъанавии интиқоли дониш ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва амалигароёна табдил ёбад. Ин равиш барои рушди салоҳиятҳои калидӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва омодасозии хонандагон ба зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ дар ҷомеаи муосир аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, истифодаи васеи модели 5E ва усули STEM дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавонад ба татбиқи босамари ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мусоидат намуда, барои тарбияи насли соҳибмаърифат, соҳибкасб ва рақобатпазир заминаи устувор фароҳам оварад.

Арҷ гузоштан ба забони модарӣ омилест, ки сарчашмаи бақои ваҳдати миллӣ ва яке аз рукнҳои устувори давлатдорӣ ба шумор меравад. Зеро забони ширину шево ва шоиронаи тоҷикӣ дар масири таърих бақои миллати тоҷикро таъмин кардааст.

Эмомалӣ Раҳмон

ХУСУСИЯТҲОИ БИОЛОГИИ ХАРМАГАСҲО ВА РОҲҲОИ МУҲОФИЗАТ АЗ ОНҲО



Сулаймони ҲАКИМЗОД – ходими хурди илмии Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е. Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муаллими калони Коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ

Ҳамасола дар фасли тобистон сокинони баъзе аз минтақаҳои ҷумҳурӣ ва инчунин, ҳайвоноти хонагиро анбуҳи ҳашароти гуногуни хунмак безобита месозанд. Яке аз намояндагони ҳашароти зикршуда хармагасҳо мебошанд.

Хармагасҳоро баъзан хато карда бугалак меҳисобанд. Ин нодуруст аст, зеро бугалакҳо ба оилаи ҳашароти дуболи хунмак тааллуқ надоранд ва бугалаки болиғ аз хуни ҳайвоноти гармхун ғизо намегиранд. Бугалакҳои болиғ аз зоча бо захираи пурраи маводи ғизоии зарурӣ мебароянд ва дар тули ҳаёти болиғиашон, умуман, ғизо намегиранд. Онҳо, умуман, одамон ва ҳайвонотро намегазанд, вале модинаи онҳо, тухмҳои худро ба мӯйи чорвои гармхун, махсусан, чорвои калон ва хурди шохдор мегузоранд ё кирминаро мустақиман ба бинии ҳайвон мегузоранд. Сипас кирминаҳо то он даме ки ба болиғ табдил меёбанд, ҳаёти паразитӣ мекунанд. Аз ҳамин лиҳоз, ҳангоми наздик шудани бугалак ба чорво, дар онҳо ғаризаи махсус мавҷуд аст, ки бояд фирор кунанд, то ки бугалак имкони тухмгузориро наёбад. Намудҳои зараровартарин бугалаки зери пӯст *(Hipodermatidae),* бинӣ *(Oestridae)* ва меъда (*Gasteriophilidae)* мебошанд, ки дар ширхӯрони калон, аз ҷумла, аз ҳисоби чорвои калон муфтхӯрӣ мекунанд. Ҳолатҳои алоҳидаи пайдоиши кирминаҳои бугалаки зерипӯстӣ дар одамон низ ба қайд гирифта шудаанд.



Бугалак (оводы)



Хармагас

Хармагас ва бугалакҳоро аз рӯи намуди зоҳирии худ ба осонӣ фарқ кардан мумкин аст. Хармагасҳо (оилаи Tabanidae) танҳо як оиларо дар дохили гурӯҳи калони ҳашароти дубол (Diptera) намояндагӣ мекунанд. Айни замон дар саросари ҷаҳон зиёда аз 3500 намуди хармагасҳо ошкор карда шудааст, ки зиёда аз 40 намуди онҳо дар Тоҷикистон вомехӯранд

Маъмултарин ва паҳншудатарин намудҳо дар дараи Ромит, аз ҷумла, дар соҳили дарёҳои Сардаи Миёна ва Сорво пашшаи боронӣ (*Haematopota bactrianus*), пашшаҳои оҳу (*Chrysops flavipes punctifer*), пашшаи нисфирӯзӣ (*Hybomitra shnitnikovi*), пашшаи гов (*Tabanus bactrianus*) ва пашшаи хокистарранг (*Tabanus bromius bromius*) мебошанд. Хармагасҳои тиёншонӣ (*H. hunnorum*) қодиранд неши худро аз либоси ғафс гузаронида, хуни одамонро низ бимаканд. Намудҳои нисбатан хатарнок ва паҳншудаи хармагасҳо дар ин минтақа хармагаси Семёновӣ ва хармагаси боронак мебошанд. Хармагаси Семёновӣ дар ҳавои офтобӣ фаъол буда, хармагаси боронӣ дар ҳавои абрнок, дар зери соя ва ҳатто дар дохили мошин ба одам ҳуҷум мекунад.

Ҳангоми ҷустуҷӯи хӯҷаин, хармагасҳо дар гармӣ ба дохили ҳавлиҳо даромада, на танҳо ҳайвонот, балки мошинҳои гармшударо низ таъқиб мекунанд. Ин хусусияти биологӣ асоси домҳои гармӣ мебошад, ки барои муҳофизати чорво аз ин хунмакҳо тарҳрезӣ шудаанд. Хармагасҳо на танҳо ба безобита намудани ҳайвон, балки ба лоғар ва паст намудани сифати шир, ҳатто то ба марг оварда расонидани он сабаб мешаванд.

Қобили зикр аст, ки фардҳои наринаи дуболони хунмак ба ҳайвонот ва одам ҳуҷум намекунанд, онҳо аз гарди рустанӣ, шираи гул ва ғайра ғизо мегиранд. Танҳо ҷинсҳои модинаи бордоршуда хун мемаканд, ки он зарурати афзоиш барои рушди тухм аст. Як ҷинси модина метавонад дар як маротиба то 200-300 мг хун макад. Аммо модинаи бордорнашуда дар сурати набудани хӯҷаин ба сафедаи таркиби гарди гули рустанӣ қаноатманд мешавад.

Хармагасҳо аҳаммияти эпидемиологӣ низ доранд. Ҳангоми хунмакӣ аз ҳайвоноти гармхун, ҳамчун интиқолдиҳандагони эҳтимолӣ барои пешгирии паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва паразитӣ (ба монанди анаплазмоз, сӯхтанӣ ва туляремия) мусоидат мекунанд. Аз руйи маълумоти сарчашмаҳои илмӣ, модинаи баъзе намудҳои хармагасҳои калон қодиранд, ки хӯҷаини худро дар масофаи то 30 км ҷустуҷӯ ва дарёфт намоянд.

Хармагасҳо бо маконҳои намнок зич алоқаманданд, зеро бисёр намудҳо дар об, дар канори обанборҳо ё дар хокҳои намнок инкишоф меёбанд.


Хармагасро бо забони русӣ «слепни» ном мебаранд, ки номи худро аз сабаби «наздикбинӣ»-и худ гирифтаанд. Аз масофаи дур онҳо танҳо ашёи калон ва ҳаракаткунандаро мебинанд ва аксар вақт мошинҳо, қатораҳо ва дигар ашёи калони ҳаракаткуаннадаро таъқиб мекунанд. Аммо онҳо аксар вақт ба аспҳо, говҳо ва дигар ҳайвоноти калон, ки сайди асосии онҳо мебошанд, ҳуҷум мекунанд. Ҳамчунин, онҳоро «пашшаҳои нобино» меномиданд, зеро аксар вақт ҳангоми парвоз ба об меафтанд. Аммо ин тавр нест, зеро пашшаҳо метавонанд ба сатҳи болоии об барои обнӯшӣ фуруд оянд. Илова бар ин, ба назар мерасад, ки хармагас ҳангоми хунмакӣ «нобино» мешавад, ки дар он лаҳза сайд кардан ё куштани онҳо осон мешавад. Ин ҳолат низ ҳангоми хунмакӣ онҳо рух медиҳад, ки бо ҳаловати зиёд ба хунмакӣ машғул мешаванд ва ҳодисаҳои дар гирду атрофашон рухдодаро хуб эҳсос намекунанд. Вале дар вақти парвоз ҳама чизро хуб дида, аксуламал нишон медиҳанд.

Тавсия барои инсонҳое, ки дар соҳили дарё, кӯлу обанбор зисту зиндагӣ ва кору фаъолият мекунанд, беҳтар аст аз либосҳои остиндароз истифода намоянд ва аз рустаниҳои тезбӯй, аз қабили ҳазориспанд дар наздикиҳои худ дуд андозанд, ин каме ҳам бошад, кумак мерасонад, то дуболаҳои хунмак аз онҳо дур шаванд ва онҳоро норҳат насозанд.

Омӯзгорон аз волидон афзалтаранд; волидон ба мо ҳаёт мебахшанд, омӯзгорон – ҳаёти хушбахтона.

Арасту

МУАММОИ «ЗАБОН»



1. Муқаддасоти миллӣ. 2. Назму тартиб. 3. Ҷирми осмонӣ. 4. Уқёнус. 5. Дунё, гетӣ. 6. Муқобилмаънои «шаб». 7. Рукни миллат. 8. Ҳарчанд бувад мардуми доно дарвеш, Охир бувад аз тавонгарон *** беш» (Адиб Собири Тирмизӣ).9. Муаллифи асари таърихии «Давлати Сомониён». 10. Меҳан, зодгоҳ. 11. *** Дунбадзе, Нависандаи халқии Гурҷистон. 12. Пасоянди забони тоҷикӣ. 13. «*** дигар чӣ ҳоҷати панду насиҳат аст» (Лоиқ). 14. Қаҳрамони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 15. Фанни хониш. 16. Шакли ҷамъи вожаи хабар. 17. Унсури адабӣ. 18. Нашриёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. 19. Ҳиссаи нутқ. 20. Расму ***, анъана. 21. Шаҳри энергетикҳо. 22. Махзани дониш. 23. Маркази давлати Сомониён. 24. Асари Садриддин Айнӣ. 25. Шакли ҷамъи вожаи «хулқ». 26. Қаҳрамони достони «Писари Ватан»-и М. Турсунзода. 27. Сурх, сафед, сиёҳ. 28. Суруди миллиро гӯянд.

Муратгиб Ҳотами ҲОМИДЗОДА